ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 343.3 (575.3)**
**ТКБ: 67.9 (2 Т)**
**Ш – 32**

**ШАРИФЗОДА ШАРИФБЕК МУРОД**

# ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент
**Саидзода Ш.Н.**

**ДУШАНБЕ – 2022**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**..............3–4
**МУҚАДДИМА**...........................................................................................5–20
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ**.....................................................................................21–106
**1.1.** Таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат бо он.........................................................................................................21–60
**1.2.** Мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 60–85
**1.3.** Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия...................................85–106
**БОБИ 2. САБАБ, ШАРОИТҲОИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА МАСОИЛИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ**..........................................................................106–192
**2.1.** Сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ106–136
**2.2.** Чораҳои умумииҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта..........................................................................136–171
**2.3.** Чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ....................................................................................171–190
**ХУЛОСА**...........................................................................................191–195
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...........................................................................196–200
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.........................................201–223
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..............................................................................................223–225
**ЗАМИМАҲО**......................................................................................226–227

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КҶ ҶШС Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ШКХ ИҶШС** – Шӯрои Комиссариати Халқии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**ШКХ ҶШФСР** – Шӯрои Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КМИУ** – Кумитаи Марказии Иттифоқии Умумирусиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**САҲА** – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

**СҲИ** – Созмони ҳамкории иқтисодӣ

**СААД** – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КИ СММ БА** – Комиссияи иқтисоди СММ барои Аврупо

**КСММ ЗК** – Конвенсияи СММ зидди коррупсия

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ХБА** – Хазинаи Байналмилалии Асъор

**БҶ** – Бонки Ҷаҳонӣ

**TI** – Transparency International (Ташкилоти байналмилалӣ)

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – боб

**б**. – банд

**б.б.** – бандҳо

**м**. – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26–уми январи соли 2021 қайд намуданд, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад»[1].

Коррупсия ва омилҳои ба он мусоидаткунанда на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронии ҷиддиро ба миён овардааст. Сабаб дар ин аст, ки коррупсия падидаи на танҳо миллӣ, балки байналмилалиест, ки шаклҳои зоҳиршавиаш аксаран ба худшиносии миллӣ вобаста буда, дар қонунгузории амалкунанда инъикоси худро ёфтааст.

Таҳлилҳои оммори нишон медиҳанд, ки шумораи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, афзоиш ёфта, зарурияти муқовимат ба онро ба миён оварда истодааст. Масалан, соли 2017 – 639 ҷиноят, соли 2018 – 735 ҷиноят, 2019 – 701 ҷиноят, соли 2020 – 461 ҷиноят, соли 2021 – 630 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст[2]. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба амнияти миллӣ ва иқтидори иқтисодии ҳар давлат таҳдидро ба вуҷуд меоварад. Қайд намудан зарур аст, ки дар тамоми давлатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳодиҳии экспертии доираи воқеии ин ҷиноятҳо мушкилот ҷой дорад.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

[2] Ниг.: Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/ta–rikh (санаи муроҷиат: 10.02.2019).

Бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама дар низоми мақомоти давлатӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия маҳсуб меёбад. Бо мақсади тақвият бахшидан ба мубориза бо коррупсия, мутобиқ бо м. 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» аз 27 апрели соли 2005, таҳти №53 аз эътибор соқит дониста шуда, 7 августи соли 2020, таҳти №1714 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қабул карда шуд[3]. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Бо назардошти рушд ёфтани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, дар якҷояги бо заминаи қонунгузории дар боло зикршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияҳоро оид ба сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷиҳати миқёси паҳншавии ҷиноятҳои коррупсионӣ[4], дар робита ба баланд бардоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ қабул намудааст. Ғайр аз ин, оид ба аҳамиятнокии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст[5].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз чораҳои андешидашуда содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ тамоюли зиёдшавӣ доранд. Омӯзиши сабабу шароитҳои ба содиршавӣ ва афзоиши онҳо

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 16.08.2020).

[4] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028» аз 06 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.11.2020).

[5] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2013, таҳти №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 10.06.2021).

мусоидаткунанда тақозо менамояд, ки қонунгузории соҳавӣ, чорабиниҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, назорати дурусту саривақтӣ, холисона баҳогузорӣ намудани фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бояд, такмил ва тақвият дода шаванд.

Бинобар ин зарур аст, ки санадҳои дахлдорро оид ба роҳу усули муосири баланд бардоштани масъулияти шахсии роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо, инчунин субъектҳои муқовимат ба коррупсия коркард, роҳандозӣ ва барои коҳиш додани содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми чораҳои пешгирикунанда андешида шавад.

Гуфтаҳои дар боло зикргардида мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муайян намуда, таҳияи пешниҳодҳоеро талаб мекунад, ки ба такмили чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологӣ оид ба муқовимат бо коррупсия равона гардида бошад ва имконияти самаранокии пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро боз ҳам зиёд намояд. Дар робита бо ин, муайян кардани роҳҳои муосири пешгирии боз ҳам самарабахши ҷинояткории коррупсионӣ воқеан муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Баъзе ҷанбаҳои такмили чораҳои муқовимат бо ҷиноятҳои коррупсионӣ дар асарҳои олимони зиёди ватанӣ, ба монанди К.М. Абдиев[6], В.А. Абдуҳамидов[7], У.А. Азизов[8], М.Н. Халифаев[9], Н.Б. Азимзода[10], У.Х. Амиршо[11], А.Х. Имомов[12], Н.А,

[6] Ниг.: Абдиев К.М. Понятие коррупции и система уголовно–правовых средств борьбы с ними: автореф. дис. … д–ра юрид. наук. – М., 1995. – 68 с.
[7] Ниг.: Абдухамитов В.А. Уголовное право: учебно–методическое пособие (Особенная часть). – Душанбе: РТСУ, 2013. – 81 с.
[8] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.
[9] Ниг.: Халифаев А.У. Политико-прововые аспекты противодейсвия коррупции в Таджикистан: дис. …канд. поли. наук. Душанбе, 2009. – 159с.
[10] Ниг.: Азимов Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовном законодательстве Республики Таджикистан: дис. … д–ра юрид. наук. – М., 2013. – 441 с.
[11] Ниг.: Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно–правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 179 с.
[12] Ниг.: Имомов А.Х., Қудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть). – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. – 232 с.

Қудратов[13], М.М. Муллоев[14], А.Қ. Назаров[15], В.Ҷ. Нурализода[16], Р.Ҳ, Раҳимзода[17], М.З. Раҳимов[18], А.И. Сафарзода[19], Т.Ш. Шарипов ва С.Э. Бахриддинов[20], ва олимони хориҷӣ, аз қабили В.В. Астанин[21], С.А. Головко[22], О.Н. Крапивина[23], С.В. Максимов[24], Р.Г. Минзарипов[25], Ю.Г. Наумов[26], Т.Я. Хабриева[27] ва дигарон бахшида шудаанд.

Таҳқиқоти олимони дар боло қайдгардида дар ҳалли мушкилоти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мавзуи баррасишаванда ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест. Инчунин, бештари паҳлуҳои ҳуқуқии зуҳуроти коррупсия то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд, ки ба онҳо

---

13 Ниг.: Қудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2012. – 366 с.

14 **Ниг.:** Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 1968. – 127 с.

15 Ниг.: Назаров А.К. Уголовно–правовая характеристика коммерческого подкупа / А.К. Назаров // Материалы Международной научно–теоретической конференции «Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности». – Душанбе, 2016. – С. 240–245; Назаров А.К. Сущность преступления против интересов службы в коммерческих организациях, а также некоммерческих организациях / А.К. Назаров // Материалы международной научно–теоретической конференции «Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности». – Душанбе, 2016. – С. 305–310.

16 Ниг.: Нурализода В., Чихладзе Л.Т., Грудцына Л.Ю. Зарубежный опыт борьбы со взяточничеством и перспективы его применения в Республике Таджикистан / В. Нурализода, Л.Т. Чихладзе, Л.Ю. Грудцына // Образование и право. – 2018. – №12. – С. 321–326; Нурализода В. Некоторые вопросы борьбы с получением взятки в Республике Таджикистан / В. Нурализода // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2018. – №4 (51). – С. 132–133; Нурализода В. Уголовная ответственность за взяточничество в системе мер по противодействию коррупции в Республике Таджикистан / В. Нурализода // Право и практика. – 2019. – №1. – С. 121–125; Нурализода В. Вопросы уголовно–правовой регламентации дачи взятки по законодательству Республики Таджикистан / В. Нурализода // Академический юридический журнал. – 2019. – №1 (29). – С. 121–127.

17 Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ., Furthermore Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – 550 с.

18 Ниг.: Раҳимов М.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия». – Душанбе, 2012. – 236 саҳ.

19 Ниг.: Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – №3. – С. 174–183; Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 229 с.

20 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Бахриддинов С.Э. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия: проблема ва мулоҳиза / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахриддинов // Материалы республиканской научно–практической конференции «Борьбы с коррупцией – веление времени». – Душанбе, 26 января 2007 года. – С. 35–39.

21 Ниг.: Астанин В.В. Коррупция и борьба с ней в России второй половины XVI–XX вв. (криминологическое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – 209 с.

22 Ниг.: Головко С.А. Противодействие коррупционной преступности в России: ретроспектива, современность и перспективы: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2006. – 28 с.

23 Ниг.: Крапивина О.Н. Приобретение или сбыт имущества, заведомо добытого преступным путем: Сравнительно–правовое, уголовно–правовое, уголовно–политическое и криминологическое исследование: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 30 с.

24 Ниг.: Максимов С.В. Коррупция. Закон. Ответственность: учеб. пособие. – Изд. 3–е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН Ин–т государства и права РАН, 2017. – 287 с.

25 Ниг.: Минзарипов Р.Г. Противодействие коррупции: учеб. пособие. – Казань, 2016. – 148 с.

26 Ниг.: Наумов Ю.Г. Коррупция и общество: теоретико–экономическое и прикладное исследование: учеб. пособие. – М., 2015. – 111 с.

27 Ниг.: Хабриева Т.Я., Иванов С.Б., Чиханчин Ю.А. Противодействие коррупции: новые вызовы: монография. – М., 2016. – 148 с.

мафҳуми коррупсия ва баъзе аз ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии характери коррупсионидошта дохил мешаванд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло ва назардошти саҳми олимони қайдгардида, то кунун паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти навро дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳуми коррупсия, сабабҳо ва шароитҳои ҷинояткорӣ, чораҳои умумии иҷтимоӣ ва махсуси кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар миёни олимон ақидаи ягона ҷой надошта, то кунун ба пуррагӣ коркард карда нашудааст.

Таҳлили дараҷаи таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки тақрибан ҳамаи муаллифон бинобар кофӣ набудани таҳқиқоти назариявию амалӣ аҳмиятнок_будани омӯзиши ин мавзуъро таъкид намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016–2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши амалияи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, маводҳои таърихӣ–ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории зидди коррупсия ва муайян намудани чораҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

– омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат бо он;

– таҳқиқи мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия;

– таҳқиқи сабаб ва шароитҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд;

– таҳлили чораҳои умумииҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;

– таҳлили чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ба миён ва фароҳам меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳои зерини ҳуқуқии ҷиноятие иборат аст, ки ҷавобгариро барои содиркунии ҷиноятҳои коррупсионӣ пешбинӣ менамояд, муайянкунандаи ҷиноятҳои коррупсионӣ, тасаввуроту консепсияҳои гуногуни марбути мушкилоти таҳқиқшаванда ва амалияи мавҷудаи судию тафтишотӣ мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мутобиқи қонунгузории ҷории Тоҷикистон ба таҳқиқи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва таърихи он аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, аз давраи қабули КҶ ҶТ то инҷонибро фаро мегирад. Давраи таҳқиқот солҳои 2013–2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ–назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба роҳҳои гуногуни пешгирии коррупсия ва татбиқи чораҳои муҷозотӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони Шӯравӣ

ва пасошуравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ, инчунин захираҳои глобалии маъхазҳои иттилоотии Интернет ва тафсирҳои васоити ахбори омма мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар омода намудани рисолаи илмӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ, диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, пешбинӣ гардидаанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқи мавзуи мазкур аз усулҳои умумӣ ва махсуси дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; истифодаи усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), инчунин усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ–расмӣ, муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд. Аз ҷумла, дар рафти таҳлили мавзуи мазкур маълумотҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Тавассути усули диалектикӣ сабаб ва шароитҳои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ барои порагирӣ тибқи қонунгузории ҶТ муайян карда шудааст. Бо истифода аз усули мантиқӣ ва расмӣ–ҳуқуқӣ маводҳои амалия вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати таҷдид намудани қонунгузории ҷиноятии ҶТ манзур карда шудаанд. Дар заминаи усули мантиқӣ–забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии табиати ҳуқуқии чораҳои пешгирӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Бо истифода аз усули муқоисавӣ–ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятии ҶТ бо кишварҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамин тавр, усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсияро маводҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба

ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2013 то 2022 ташкил дода, зиёда аз 156 парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ҳамчунин, маълумотҳое, ки дар воситаҳои ахбории омма ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба ҷиноятҳои коррупсионӣ нашр гардидаанд, ба даст оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин диссертатсияи мазкур аввалин маротиба дар адабиёти ҳуқуқӣ дар заминаи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ бо фарогирии таҳлили маҷмуии ҷинояти коррупсионӣ мутобиқ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Диссертатсия маълумоти илмиро оид ба низоми кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, инчунин роҳҳо ва воситаҳои криминологии пешгирии чунин ҷиноят, ки қаблан дар адабиёти муосири криминологӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷинояткории марбут ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос нашуда буд, дар бар мегирад. Дар диссертатсия омилҳои криминогенӣ, ки ҷинояти коррупсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, низ дарҷ ёфтааст.

Дар диссертатсия таҳлили ҷамъбаҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар асоси қонунгузории байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани тағйиротҳо ба қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардидаанд.

Пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба беҳтар намудани пешгирии умумииҷтимоӣ ва махсуси криминологии ҷинояткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидаанд, ки дар

назарияи криминологӣ ва мувофиқан, дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ мавқеи худро то имрӯз наёфта буданд. Диссертатсия ба талаботи навоварии муқаррароти илмӣ ҷавобгӯ буда, ба он барои такмил додани заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти анҷомдодашуда имконият медиҳад, ки нуқтаҳои зерини илмӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

1. Асоснок карда мешавад, ки ҷиҳати дуруст татбиқ намудани чораҳои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ мафҳуми коррупсия ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар таҳрири зерин таҳия карда шавад: Коррупсия – кирдорҳои қасдонаи ба ҷамъият хавфноке мебошад, ки дар натиҷаи онҳо байни як ё якчанд шахсони мансабдори дорои ваколати ҳокимиятӣ бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо бо мақсади ғайриқонунӣ гирифтан ва ё додани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта, робитаҳои устувор эҷод мегардад.

2. Бо назардошти афзоиши сатҳи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия вусъат бахшидани корҳои профилактикӣ, такмили чораҳои пешгирии инфиродӣ ва умумӣ дар асоси таҳлили самаранокии онҳо зарур мебошад.

3. Ташкил ва васеъ намудани таҳқиқоти илмию таҳлилӣ ва сотсиологӣ вобаста ба сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва яке аз меъёрҳои асосии арзёбии арзиши онҳо ҳисобидани имконпазирии татбиқи воқеии онҳо (хулосаву таклифҳо) дар амалия.

4. Сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

– тафриқаи зиёди иҷтимоии аҳолӣ аз рӯйи дараҷаи таъмини моддӣ;

– беҷазоӣ ё татбиқи ҷазои нисбатан сабук барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;

– рушди иқтисоди сояафкан, ҷинояткории муташаккилона дар ин самт;

– анъанаҳои коррупсионӣ, интихоб, ҷойгиркунӣ ва тарбияи номатлуби бархе аз мансабдорон, назорати пасти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо;

– номукаммалии баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти баъзе аз камбудиҳо ва бархӯрд дар онҳо;

– имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботи аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва ғайра;

– ҷиддӣ ба роҳ монда нашудани маҳдудиятҳои махсус ва мушаххасгардида барои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият (идораи амволи давлатӣ, андоз, муносибатҳои гумрукӣ ва ғ.);

– ба пуррагӣ амалӣ нашудани ҷавобгарии хизматчиёни давлатӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, набудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятӣ аз болои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ;

– паст будани дараҷаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва маънавии баъзе аз гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз ҷумла баъзе аз шахсони мансабдори давлатӣ.

5. Пешниҳодҳо оид ба такмили чораҳои умумииҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта:

– ташаккули идеологияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия тавассути ташкили механизми самарабахши ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ оид ба оқибатҳои манфии зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла барномаҳои мубориза бо коррупсия дар доираи стандартҳои муассисаҳои таълимӣ;

– таъмини иштироки фаъоли ҷомеа дар пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;

– тақвияти татбиқи намудҳои электронии ҳукумат барои таъмини шаффофияти хизматрасонии давлатӣ;

– таъмини шаффофият ва беғаразӣ ҳангоми қабули шаҳрвандон ба кор ва таъин намудан ба мансаб дар мақомоти давлатӣ, такмили пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ.

6. Пешниҳодҳо оид ба чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ:

Чораҳои махсуси муқовимат ва ё пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, бояд дар худ якчанд марҳиларо фаро гиранд:

– якум, аз рӯйи проблемаи мазкур гузаронидани таҳқиқоти комплексии илмии криминологӣ зарур мебошад, ки дурнамои дарозмӯҳлати инкишофи ҷинояткории коррупсионӣ дар ҷамъият ва таҳияву коркарди чораҳоро доир ба паст кардани он талаб менамояд;

– дуюм, омода намудани барномаҳои комплексии зиддикоррупсионӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба пешгирии он, инчунин андешидани дигар чораҳое, ки сиёсати ягонаи зиддикоррупсионии давлатро ташкил медиҳанд, зарур мебошад;

– сеюм, назорат ва иҷрои минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алакай қабулшуда дар муқовимат ба коррупсия зарур мебошад;

– чорум, такмил додани фаъолияти судҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба пешгирӣ, ошкорнамоӣ, решаканкунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва одилона ҷазо додани шахсони дар содири онҳо гунаҳгор дониста мешаванд;

– панҷум, ҳамкории самаранок байни хадамотҳои махсуси мухталиф, ҳам дар дохили давлат ва ҳам байни давлатҳои мухталиф зарур мебошад.

7. Истифодаи чораҳои зерини махсуси ташкилӣ доир ба пешгирии коррупсия зарур мебошад:

– ҷалб намудани мутахассисони касбӣ ба хизмати давлатӣ, ки дониш ва таҷрибаи хуб доранд ва эътирофи хизмати онҳо аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабдори давлатӣ;

– пурзӯр намудани нақши васояти ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия ва пинҳон надоштани амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор, ки метавонад ба косташавии боварии мардум ба қонун ва сохторҳои давлатӣ мусоидат намояд;

– то ҳадди имкон кам намудани имзогузорӣ дар ҳуҷҷатҳо;

– таъсис ва пешбурди феҳристи шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқамандро содир намудаанд ва барои онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ намудани маҳдудиятҳо ҳангоми таъин гардидан ё интихоб шудан ба мансабҳои болоӣ;

– дар амал ҷорӣ намудани низоми эъломиякунонии даромадҳо, хароҷотҳо ва вазъи молу мулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар хусусигардонии моликияти давлатӣ иштирок менамоянд, инчунин аъзои оилаи онҳо;

– ташкили механизми муайяннамоӣ ва нигоҳдории шумораи дастгоҳи давлатӣ вобаста ба шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мониторинги ҳатмии марҳилавии андешаҳои ҷамъиятӣ дар хусуси ҳолати қонуният дар хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ;

– пешбурди интишори ҳатмии ҳарсолаи иттилоот дар бораи вазъи молумулкӣ ва даромадҳои хизматчиёни давлатӣ, ки мансабҳои пешбини намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамоянд, дар нашрияҳои дахлдори расмӣ. Инчунин, интишори ҳатмии буҷетҳои солонаи мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашрияҳои дахлдори расмӣ.

8. Ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияи мақомоти давлатӣ, зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» назорати ҷамъиятиро ба таври муфассал танзим намекунад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеа дар муқовимат ба коррупсия, барои изҳори афкори ҷамъиятӣ ва омода

намудани тавсияҳо дар робита бо татбиқи қонуни мазкур, таъсиси Шурои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Тартиби фаъолияти Шурои ҷамъиятиро бояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд.

9. Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи криминалогии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ» қабул карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия барои кирдорҳои коррупсионӣ равона гардидааст. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ифода меёбад. Инчунин, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии муқовимат ба коррупсия мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд, дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷиноятҳои мазкур, зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Сиёсати ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия», «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ,

байналмилалӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ ва рисолаҳо оид ба мавзуи таҳлил ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи амалӣ, ки дар шакли маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ оварда шуда, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба он хотир эътимоднокaccess, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсия, кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, стратегияҳои муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳоро дар замони муосири рушд ва таҳлили таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро тавсиф намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо коррупсия алоқаманданд, пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд. Нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои зерин, дар шакли маърӯза пешниҳод шуда, ба табъ расидаанд:

**а) Байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ – назарявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» – маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои ҷинояткорӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия» (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2016);

– конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия, дар мавзуи: «Мубориза бо коррупсия – яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 9 декабри соли 2017.;

**б) Ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назарявӣ дар мавзуи «Дар фаросӯйи «Инсон ва қонун», Пайки Истиқлол, 20 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Пешгирии коррупсия аз самтҳои афзалиятнок ва дурнамои фаъолияти мақомоти давлатӣ» (Прокуратураи генералии Ҷумҳуриии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2011);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назарявӣ дар мавзуи «20 – солагии амали Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Нақши ҷавонон ҳамчун пойдории ҷомеа ва ҳуқуқи инсон дар он» – маърӯза дар мавзуи «Прокуратура – кафили таъмини меъёрҳои Конститутсия» (Академияи ВКД ҶТ, ш. Душанбе, 2014);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Роҳҳо ва натиҷаҳои он» – маърӯза дар мавзуи «Таъсири коррупсия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 7 декабри соли 2019).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби унвонҷу 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 227 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

## 1.1. Таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат бо он

Пайдоиши коррупсия ба даврони таназзули ҷомеаи ибтидоӣ ва ба миён омадани давлатҳои нахустин, яъне то замоне рафта мерасад, ки вазифаи идоракунӣ имконияти манфиатҳои ғаразнокро ба вуҷуд оварда буд. Ин раванд дар ҳар сарзамин ба тарзи хос ҷараён ёфта, онро халқҳои гуногун ба ҳар усул аз сар гузаронидаанд.

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамаддун якчанд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Ба андешаи олимон нишонаҳои аввалин дар бораи коррупсияи амалдорон дар бойгониҳои Бобулистони қадим ва ҳамчунин дертар дар қонунҳои машҳури Хаммурапӣ дучор омадан мумкин аст, чунончи;

«Агар одам амволи Худо ё қасрро duздида бошад, ин одам бояд кушта шавад; ҳамчунин оне, ки аз дасти вай чизи дуздиро гирифт, бояд кушта шавад»[28].

Дар сарчашмаҳои санадҳои қонунгузории давлатҳои Юнон ва Рими қадим низ коррупсия хотиррасон гардидааст. Масалан, дар ёдгориҳои ҳуқуқии Рим Қонуни 12–ҷадвал (Ҷадвали XII), Гелия, Шабҳои аттикӣ омадааст: «Наход ту қарори судро дар хусуси додани ҳукми қатл ба он судя ва миёнарав, ки барои баррасии парванда таъин шуда буданду оид ба ин кор ришваи пулӣ гирифтаашон фош шуд, бераҳмона шуморӣ?»[29]

Ин меъёри қонунгузорӣ қатъиятро нишон медиҳад ва виҷдони инсонӣ дар инҷо боло меистад, ки дар риояи он эҳтиром гузошта шудааст. Ба ин васила қонуни мазкур тавонистааст, дар пешгирӣ ва бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ дар давлатҳои Юнон ва Рими қадим мусоидат намояд. Зеро вақте, ки намояндаи ҳокимияти судӣ худ ба амалҳои

---

[28] Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ (курси лексияҳо). – Душанбе: Эҷод, 2013. – С. 55.

[29] The Theodosian Code and Novels and sirmondian constitutions / a translation with commentary, glossary, and bibliography by C. Pharr in collaboration with T.S. Davidson and M.B. Pharr. – New Jersey: The Lawbook Exchange, 2001. – 643 p.

коррупсионӣ даст мезанад, ин ҳолат хусусияти адолатнокии шохаи ҳокимияти судиро аз миён мебарад ва боиси оқибатҳои номатлуб аз қабили бо таъсири пора баровардани қарори ноодилона мегардад.

Коршиносон ба он ақидаанд, ки истифодаи ҳукми қатл ҳатто барои мансабдорони порахӯр дар шароити дунёи муосир беш аз ҳад мебошад, вале низ розианд, ки ҷазо барои коррупсия ба он ҷӣ ки имрӯз ҳаст, бамаротиб шадидтар карда шавад. Аз ин бармеояд, ки пурзӯр намудани ҷазо барои кирдорҳои коррупсионӣ метавонад, дар коҳиш додани коррупсия мусоидат намояд ва пеши роҳи порахӯрони ашадиро гирад.

Соли 1923 раиси Шӯрои нозирони Ҷумҳурии халқӣ–шӯравии Бухоро Файзулло Хоҷаев бо матни як фармон (14 августи соли 1923, таҳти №22 шаҳри Душанбе) талаб намуда буд, ки то мансабдоронро барои аз аҳолӣ гирифтани пора бипаронанд: Ӯ фармонро ба тамоми кумитаҳои инқилобӣ (ревкомҳо) расонида, эълон доштааст, ки «Бино ба маълумоти расида, бархе мингбошиҳо ва оқсаколҳо аз аҳолӣ пора мегиранд. Барои ҳамин, фармон медиҳам: Тамоми ревкомҳо, мингбошиҳо, оқсақолҳо ва мардум, ки пора мегиранд ё медиҳанд, ба ҷавобгарӣ кашида шуда, бо ҷазои олӣ – парондан – ҷазо дода шаванд».

Мақомоти Тоҷикистон коррупсияро ҳамчун як таҳдиди ҷиддӣ ба рушди иқтисоди кишвар эътироф мекунад ва дар арсаи мубориза бо коррупсия ва ришвахӯрӣ кушиш намуда истодааст, ки чораҳои ҷазодиҳиро дар ин самт боз ҳам пурзӯртар намояд.

Бояд қайд намоем, ки коррупсия падидаи муосир набуда, решаҳои он аз давраҳои қадим сарчашма мегирад ва аз тамаддуни инсонӣ қафо намемонад. Зикри ин зуҳурот дар маъхазҳои таърихии Ғарбу Шарқ оид ба таълимоти иҷтимоӣ, бахусус дар таълимоти ҳуқуқӣ, динӣ ва сиёсӣ бевосита омадааст. Дар асари барҷастаи асри IV пеш аз мелодь мутафаккири Ҳинд – «Арташастра» оид ба ришвахӯрӣ, суиистеъмоли хазина, ғоратгарии ходимони давлатӣ омадааст: «Чӣ тавре, ки обнушии моҳиён дар оби шинокардаашон мушкил аст, ташхис намудани роҳҳои дуздии амволи давлатӣ аз ҷониби маъмурин низ ғайриимкон аст». Ё дар

китоби муқаддаси дини насронӣ – «Инҷил» оид ба ришвахӯрӣ ва беадолатии маъмурони давлатӣ омадааст: «Ман медонам, ки ҷурму ҷиноятҳо чӣ қадар зиёданд ва гуноҳҳои Шумо сангин. Шумо худ ришва мегиред, вале шахси камбағал ва ҷӯяндаи адолатро аз дар меронед»[30].

Амалҳои коррупсионӣ, бахусус порахӯрӣ, беадолатӣ, ғорат намудани хазинаи давлат аз тарафи маъмурони давлатӣ дар асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик низ оварда шудааст. Чунончӣ ин омилҳо ва зуҳуроти нангинро метавон дар асарҳои Низомулмулк, М. Ғазолӣ, Абӯали ибни Сино, Форобӣ, Саъдию Ҳофиз вохӯрд, ки мисолҳои зиёде далели он мебошанд. Масалан, Низомулмулк дар «Сиёсатнома»–и худ қайд кардааст, «Комбуҷа (шоҳи Кушониён) яке аз қузоти подшоҳиро, ки барои судури як ҳукми ғайриодилона пул гирифта буд, пӯст канд ва маснадашро бо пӯсти ӯ пӯшонид ва ба писари он қозӣ дастур дод, то ба ҷойи падар бар ҳамон маснад бинишинад ва ҳамвора ин маснадро ба хотир дошта бошад»[31].

Омили мазкур дар эҷодиётҳо оид ба санъати идоракунӣ, дар адабиётҳои динӣ ва ҳуқуқии Миср, Бобулистон, Ҳиндустон ва Чин низ дида мешавад. Дар робита ба ин диққати махсус дар китоби Таврот (Аҳди қадим) дода шудааст. Дар ҷойи дигар дар осори қадимии «Артхашастра» (асри IV п.м.) қайд карда мешавад, ки «..вазифаи асосие, ки дар назди шоҳ гузошта шудааст, ин муқовимат бо хазинадуздӣ мебошад». Дар ин рисола 40 усули дуздии молумулки хазинавӣ номбар шуда, қайд гардидааст, ки «Роҳи парвози парандаҳоро дар осмон муайян намудан осонтар аст, аз он, ки як ходими хазинадуздро ошкор сохтан»[32]. Тибқи ин рисола воситаи асосии муқовимат бо хазинадуздӣ посбонии низомноки хазина буд. «Қисми молу мулке, ки аз шахси мансабдори давлатӣ, ки барои ҷинояти хизматӣ маҳкум шуда буд, ба хабаркаш медоданд»[33]. Аз ин бармеояд, ки

---

[30] Библия. – М., 2001. – С. 892.
[31] Сотиволдиев Р.Ш. Политические и правовые идеи «Сиёсат–намэ». – Душанбе, 1999. – С. 132–133.
[32] Россия и коррупция: кто кого? // Российская газета. – 1998. – 19 февраля; Будущее без коррупции // Чистые руки. – 1999. – №1. – С 5.
[33] Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ (курси лексияҳо). – Душанбе: Эҷод, 2012. – С. 52.

ин раванди фаъолият аз як тараф ҳавасмандии шахси сеюмро (хабардиҳандаро) ба вуҷуд оварда, аз тарафи дигар метавонад, дар пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ мусоидат намояд. Татбиқи ин амал ҷиҳати дастгирии шахсони хабардиҳанда оид ба порагирии шахсони мансабдор, бояд дар қонунгузории ҷорӣ мустаҳкам карда шавад.

Таърихи давлати Россия шаҳодат аз он медиҳад, ки ришваситонӣ дар сатҳи мақомоти олии давлатӣ ва хизматчиёни хурд ба чашм мерасид. Ин бештар ба таърихи асримиёнагии Россия рост меояд. Дар он замонҳо аввалин маҳдудиятҳо оид ба коррупсия дар қонунгузорӣ, дар даврони ҳукмронии Ивани III мустаҳкам гардида буд. Набераи ӯ – Ивани IV (Грозний) барои ришвагирии мансабдорони давлатӣ, ҳукми қатл ҷорӣ намуд. Ин падида дар даврони ҳукмронии Пётри Кабир ва оид ба Романовҳо низ вуҷуд дошт ва он яке аз манбаъҳои асосии даромади амалдорон, дар сатҳи гуногун табдил ёфта буд. Ҳарчанд, ки дар соли 1917 тағйирот дар сохтори давлатӣ ва шакли идоракунӣ ба вуҷуд омад, аммо мубориза бо онро аз байн набурдааст. Он замон ҳукумати навтаъсиси Шӯравӣ маҷбур шудааст, ки 8–майи соли 1918 «Декрет дар бораи порахӯрӣ» қабул намуда, барои ин зуҳурот ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намояд. Баъдан, дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР солҳои 1922, 1926 ва 1960 порахӯрӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ ҷиноят эътироф шуда, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Аз тағйирёбии ҳокимият ва ташаккули низоми нави сиёсӣ, вазъияти коррупсионӣ дар он давра мӯътадил нагардид, баръакс зиддиятҳо ва муқовиматҳои нав амалҳои коррупсиониро бештар ба миён овардааст.

Пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар қаламрави Туркистон ва дар моҳи апрели соли 1918 ташкил ёфтани Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Туркистон, ки 2–юми августи соли 1919 ба ҳайати ҶШФСР дохил шуд, Комиссариати Халқии Адлия бо амри таҳти №97, ки изҳор дошт: судҳои халқӣ ҳангоми ҳалли парвандаҳо байни аҳолии маҳаллӣ танҳо бо он меъёрҳои шариат ва одат, ки ба виҷдони

инқилобӣ ва шуури инқилобӣ мухолифат намекунанд қарор мебароранд, яъне дар ин давра марҳилаи татбиқи қонунгузории ИҶШС тадриҷан оғоз ёфтааст.

Бинобар ин, сарчашмаҳои дигари амалҳои коррупсионӣ ва оқибатҳои он дар китоби муқаддаси мусалмонони рӯйи олам, Қуръони маҷид низ дида мешавад. Чунончӣ, дар сураи «Моида» (ояти 42) қайд шудааст: «Онҳо шунавандагони сухани дурӯғанд, хӯрандагони ҳароманд, агар пеши ту биёянд, миёни онҳо ҳукм кун, ё аз онҳо рӯй бигардон. Ва агар аз онҳо рӯй бигардонӣ, ба ту ҳеҷ зиёне нарасонанд ва агар ҳукм кунӣ, пас дар миёни онҳо ба инсоф ҳукм кун! Ба дурустӣ, ки Худо адлкунандагонро дӯст медорад»[34], инчунин пайғамбари ислом Муҳаммад (с) низ фармудаанд: «Ришвагиранда, ришвадиҳанда ва миёнаравӣ байни ҳарду дар оташи ҷаҳаннаманд». Дар ҷои дигар Паёмбари ислом ин тоифа ашхосро «Сазовори лаънати Худованд» хондааст[35].

Дар соли 1868, хонигарии Бухоро вобастагии худро аз Русияи подшоҳӣ эътироф намуд. Маъмурияти подшоҳ фавран мақомоти нави идоракуниро таъсис дод, мансаби генерал–губернаторӣ ҷорӣ карда шуд, ки ҳангоми таъин шудан ба вазифаҳои гуногун ба онҳо ваколатҳои васеъ дода мешуд. Ҳамин тавр, масалан, мансабҳои ҳокимон ва ақсақолҳои волостӣ таъсис дода шуданд, ки онҳо интихобӣ ҳисобида мешуданд, аммо дар асл ришва ва фишори маъмурияти Русия нақши асосӣ дошт. Бинобар ин, асосан ба ин мансабҳо сарватмандони маҳаллӣ интихоб карда мешуданд, ки такягоҳи асосии шоҳигари Россия дар Осиёи Миёна буданд[36].

Дар он замон тамоми дастгоҳи ҳокимият ва маъмурият дар дасти мансабдорони подшоҳӣ буд, ба истиснои зинаи поёнӣ – волостҳо. Омӯзиши амалияи маъмурияти подшоҳӣ ва намояндагони маҳаллии ҳокимиятҳое, ки онҳоро пас аз ба Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани Осиёи

[34] Қуръони Карим (Китоб). Сураи «Моида». Ояти 42 (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: ЭР–граф, 2011. – С. 126.
[35] Ниг.: Хайдарова М. Основные направления школы мусульманского права. – Москва, 2012. – С. 161.
[36] Ниг.: Галузо и Божко Восстание 1916 года (сб. статей). – СПб., 1916. – С. 30.

Миёна таъин карда буданд, нишон медиҳад, ки «Барои маъмурияти подшоҳӣ хизмат дар Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, манбаи даромад буд. Дар ин ҷо азхудкунӣ, тамаъҷӯӣ, ришва ривоҷ ёфта буд, ки ин барои мардуми маҳаллӣ бори вазнин буд»[37].

Давлати Шӯравӣ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ тадбирҳои азнавташкилдиҳии дастгоҳи маъмуриро амалӣ намуд. Ҳамин тариқ, бо Фармони Шӯрои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 10 ноябри соли 1917 «Дар бораи нест кардани амвол ва рутбаҳои шаҳрвандӣ»[38] ҳама амвол ва санадҳои ҳуқуқии амвол – рутбаҳо, унвонҳо ва рутбаҳои шаҳрвандии мавҷудбуда бекор карда шуданд. Минбаъд тамоми аҳолӣ шаҳрвандони Шӯравӣ шуданд. Бо фармони дигари Шӯрои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 31 октябри соли 1918 «Низомнома дар бораи таъминоти иҷтимоии коргарон»[39] хизматчии давлатӣ аз ҷиҳати таъминоти иҷтимоӣ ба тамоми коргарони дигар баробар карда шуданд. Хизматчиёни давлатӣ ивазшаванда, назоратшаванда ва дар назди мақомоти ҳукуматӣ ва ҳизбӣ ҳисоботдиҳанда буданд, ҳамчун хизматгори мардум тавсиф карда мешуданд ва маоши коргари баландихтисосро мегирифтанд. Фаъолият бо принсипҳои қонуният, баробарӣ ва демократия муайян карда мешуд.

Ҳамин тариқ, бо қабули санадҳои дар боло зикршуда, пойгоҳи хидмати давлатии Россияи подшоҳӣ барҳам дода шуд. Дастгоҳи давлатӣ дар асоси принсипҳои қонунияти сотсиалистӣ, баробарии шаҳрвандон ва демократияи Шӯравӣ сохта шудааст. Аммо, дар тӯли тамоми мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ заминаи мукаммали қонунгузорӣ оид ба идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ташаккул наёфтааст.

Ҳангоми дар сари ҳокимият будан В.И. Ленин, ба Комиссари халқии адлияи ҶШФСР ба Д.И. Курский дар бораи зарурати таъҷилии омода кардани лоиҳаи қонун супориш дода буд, ки «... ҷазо барои пора бояд на

---

[37] История Таджикской ССР / Под общ. ред. Б.А. Антоненко. – Душанбе, 1983. – С. 117.
[38] Декрет (Всероссиский центральный исполнительный комитет, Совет народных комиссаров) от 10 ноября 1917 г. «Об уничтожении сословий и гражданских чинов» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http:// www.libussr.ru/.htm (дата обращения: 18.10.2019).
[39] Декрет СНК РСФСР от 31 октября 1918 г. «Положение о социальном обеспечении трудящихся» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http:// www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).

камтар аз даҳ соли аз озоди маҳрум намудан ва илова бар ин, даҳ соли дигари кори маҷбурӣ таъин карда шавад»[40].

Бо иштироки фаъолонаи раиси Ҳукумат В.И. Ленин, Декрети Шӯрои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи ришва»[41] қабул карда шуд. Декрет ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол бо меҳнати маҷбурӣ ҷорӣ намуд. Масъулияти баробар на танҳо нисбат ба гирифтани пора аз ҷониби мансабдорон, кормандон, балки инчунин барои додани порадиҳандагон, иғвогарон, миёнаравон ва дигар ашхос мустаҳкам карда шуд[42].

Мавриди зикр аст, ки ин санад қувваи бозгашт дошта буд, яъне он ба муносибатҳое, ки қабл аз қабули ин санад ба вуҷуд омада буданд паҳн мегардид, ҳамзамон озодшавӣ аз ҷавобгариро барои шахсоне, ки дар бораи додани пора дар давоми 3 моҳи пас аз қабули санад огоҳӣ медоданд, пешбинӣ менамуд. Сӯиқасд ба додан ё гирифтани пора ҷинояти хотимаёфта ҳисобида мешуд. Инчунин, ҷавобгарии вазнинтарро барои шахсони сарватманд пешбинӣ мекард, ки барои ба даст овардан ё нигоҳ доштани имтиёзҳои марбут ба ҳуқуқи моликият аз пора истифода мебурданд.

Ҳамин тавр, Декрет «Дар бораи порагирӣ» аввалин санади Шӯравӣ буд, ки барои порагирӣ ва ришваситонӣ ҷавобгарии қонуниро пешбинӣ менамуд ва илова бар ин, қоидаҳои баробарии ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳамаи иштирокчиёни чунин муомилаҳо ва муносибатҳои шабеҳи қонунӣ муқаррар намудааст.

Аммо, сарфи назар аз қабули қонун, дар аввалҳои соли 1918 ҳолатҳои ришваситонӣ зиёдтар мешуданд. Маълум шуд, ки истифодаи танҳо як қонуни ҷиноятӣ дар бораи мубориза бо коррупсия бесамар аст. Афзоиши сатҳи ҷиноятҳои коррупсиониро омилҳои зерин муайян мекарданд: музди

[40] Ленин В.И. «Развитие капитализма в России» // Полн. собр. соч. – 5–е изд. – М.: Изд–во политической литературы, 1970. – Т. 50. – С. 70.
[41] Декрет СНК РСФСР от 8 мая 1918 г. «О взяточничестве» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
[42] Ниг.: Декрет Совет народных комисаров «О взяточничестве» от 8 мая 1918 г. // СУ РСФСР. – №35. – С. 467.

маоши ночиз, нокифоягии мулоҳизакории тартиби омодасозӣ, интихоб, ҷобаҷогузорӣ, тарбия ва таълими кадрҳо барои хидмат дар муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ.

Вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ бо маҳдудиятҳои гуногун муайян карда мешуд. Дар ин робита, бояд ба чораҳои андешидашуда оид ба бартараф кардани норасоиҳо, таҳияи санади нав, яъне қабули қарори Шӯрои комиссарони халқии ҶШФСР аз 27 июли соли 1918 «Дар бораи маҳдуд кардани хидмати якҷояи хешовандон дар муассисаҳои Шӯравӣ» ва Фармони Шӯрои комиссарони халқии ҶШФСР аз 21 декабри соли 1922 «Қоидаҳои муваққатии хидмат дар муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ»[43] бояд, диққат дода мешуд, ки ба пешгирии афзоиши коррупсия ва содагардонии муносибатҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ равона карда шуда буданд.

Ин ҳуҷҷатҳо фаъолияти як хизматчии давлатиро бо ҷорӣ намудани як қатор маҳдудиятҳо, иҷозатҳо ва манъкуниҳо ба танзим медароварданд. Вайрон кардани ин гуна дастурҳо, инчунин содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ аз ҷумла барои порагирӣ ҷазоҳои вазнин ва ҳатто татбиқи истифодаи ҷазои қатл пешбинӣ мегардид. Ин то андозае вазъи дастгоҳи давлатиро беҳтар намуд.

Номгӯйи ҳолатҳои гуногуни ба истилоҳ ришваситонии пинҳонӣ Комиссари халқии адлияи ҶШФСР Д.И. Курский дар сиркуляри 1922, таҳти №97 «Дар бораи ҳаҷми мафҳуми пора» пешниҳод кардааст[44]. Ин санад барои таърифи ҳуқуқии пора ва муайян кардани шаклҳои он, инчунин андешидани чораҳои мубориза бо зидди пора пешбинӣ шуда буд.

Дастурамали нави ҳуқуқӣ зарурати ба мақомоти болоӣ ё роҳбар хабар додани мансабдорро дар бораи фармонҳои ғайриқонунии расмӣ, фармонҳои раҳбари худ дар сурати ошкор шудани нишонаҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аз ҷумла, барои кормандон бинобар

---

[43] Декрет СНК РСФСР от 21 декабря 1922 г. «Временные правила о службе в государственных учреждениях и предприятиях» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).

[44] Ниг.: Циркуляр Наркомюста РСФСР от 9 октября 1922 г., №97 «Об объеме понятия взятки». [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www. libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).

вазъи ҳуқуқии онҳо маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шуданд, масалан, барои корманд дар музоядаи амвол, ки дар он ҷо аризаи мақомоти давлатӣ мавҷуд аст ва корманд доимо ва ё муваққатан хизмати худро иҷро мекунад, иштирок кардан манъ карда шуд; гирифтани ҳама гуна амвол аз мақомоти давлатӣ, ки дар он ҷо корманд фаъолияти худро анҷом медиҳад, инчунин бастани ҳама гуна аҳдҳои дорои хусусияти амволӣ манъ буд; дар ҳама гуна фаъолияти ташкилотҳои хусусӣ иштирок кардан; саҳмияҳо ё саҳмияҳо дар ширкатҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳои хусусӣ. Агар шахси мансабдор меъёрҳои манъкардашудаи дар боло зикршударо вайрон кунад, пас нисбати ӯ ҳам ҷавобгарии шаҳрвандӣ ё интизомӣ ва ҳам ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад.

Аз ин рӯ, дар назди қонунгузории ҷиноятии Шӯравӣ он замон дар баробари дигар вазифаҳо, вазифаи таъқиби ҷиноятkории мансабӣ, махсусан гирифтани пора аввалиндараҷа буд. М. Муллоев қайд мекунад, ки бо ин мақсад як қатор қонунҳо қабул карда шуданд ва муҷозотро на танҳо барои онҳое, ки ришва гирифтанд, балки онҳое, ки низ ришва дода, таҳрик намудаанд ва дар содир кардани ин ҷиноят саҳм гузоштаанд, пешбинӣ гардидааст[45].

Дар мубориза бо ришвaситонӣ фармони Шӯрои комиссарони халқии ҶШФСР аз 16 августи соли 1921 «Дар бораи мубориза бо ришва» ва боби II Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 нақши муҳим дошт, ки он амали ғайриқонунии мансабдорони коррупсионӣ: сӯиистифода аз қудрат, ки бо ниятҳои ғаразнок ва дигар ҳадафҳои шахсӣ содир шудаанд; аз ҷониби кормандон аз худ кардани пул ё дигар ашёи гаронбаҳо, ки бинобар мансаби хизматӣ дар салоҳияташ мебошанд; содир кардани сохтакорӣ сарфи назар аз ангеза; гирифтани пора аз ҷониби шахсе, ки дар иттиҳодияи давлатӣ ё хидмати ҷамъиятӣ қарор дошта; ҳукми ноодилонаи судӣ аз мақсадҳои ғаразнок ва дигар ангезаҳои шахсии ва ғайра[46].

---

[45] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 1968. – С. 127.

[46] Ниг.: Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно–правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 51.

Тавре дар адабиёти илмӣ, оид ба Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 қайд мегардад, хусусияти муҳими Кодекс дар он аст, ки бори аввал дар таркибҳои ҷиноятҳои зидди хизмати давлатӣ ангезаи «дигар ҳадафҳои шахсӣ» пешбинӣ гардида буд[47]. Ҳамин гуна манъкуниҳо дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии соли 1926–и ҶШФСР низ муқаррар карда шуда буданд.

Дар солҳои 20–30 асри ХХ–ум роҳбарияти Шӯравӣ ба таҳкими интизоми дохилии хизматчиёни давлатӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир менамуд. Дар натиҷа қарори Кумитаи иҷроияи марказии умумирусиягӣ аз 7 июли соли 1923 дар бораи «Низомнома дар бораи судҳои интизомӣ»[48] ва қарорҳои Кумитаи иҷроияи марказии умумирусия ва Шӯрои комиссарони халқии ҶШФСР аз 20 марти 1932 «Оид ба масъулияти интизомӣ дар тартиби тобеият»[49] қабул карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои қабулшуда ба мубориза бо бюрократия, сӯиистифода аз мансаб, бо камбудиҳои расмӣ, бадрафторӣ ва амалҳои нодурусти кормандони дастгоҳи давлатии Шӯравӣ нигаронида шуда буданд.

Дар охири солҳои 30–юм самараи мусбати тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Шӯравӣ аён гардид. Шумораи ҷиноятҳои марбут ба коррупсия дар фаҳмиш, ки дар замони ташаккули давлати нав мавҷуд буданд, ба таври назаррас коҳиш ёфт. Дар ин баробар андозаи ришвадиҳии классикӣ низ паст гардид, ки он лаҳзаҳо дар бораи пирӯзӣ ба коррупсия ҳарф задан барвақт буд. Онҳо шаклҳои нави бештар дасисакорона ва номуайянро ба даст овардfestand, ки дар натиҷа соли 1937 дар назди Идораи милисаи коргару деҳқонон зерсохтори махсус барои мубориза бо дуздии моликияти сотсиалистӣ ташкил карда шуд.

Дуздии маблағҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар шакли азхудкунӣ содир мегардиданд, низ бетаъсир намонд. қарори Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Шӯрои комиссарони халқии ИҶШС аз 10 августи соли 1927

---

[47] Ниг.: Малиновский И.Б. Коррупция: проблемы уголовной ответственности государственных и муниципальных служащих. – М., 2004. – С. 18.

[48] Постановление ВЦИК от 7 июля 1923 г. «Положение о дисциплинарных судах» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index. htm (дата обращения: 18.10.2019).

[49] Постановление ВЦИК, СНК РСФСР от 20 марта 1932 г. «О дисциплинарной ответственности в порядке подчиненности» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).

«Дар бораи тартиби ҷуброни зиёне, ки аз тасарруф, исрофкорӣ ва тасарруфи амволи муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои кооперативӣ, касабавӣ ва ҷамъиятӣ» барои пурзӯр кардани мубориза бар зидди чунин ҷиноятҳо равона шуда буд, вобаста ба ин қарори Комиссариати халқии адлияи Тоҷикистон аз 9 октябри 1927 қабул гардид.

Иҷлосияи II Кумитаи марказии иҷроияи шӯравии даъвати якуми Тоҷикистон, ки 27 майи соли 1927 баргузор шуда буд, вазифаи қатъиян татбиқ намудани қонунияти инқилобӣ ва тақвияти дастгоҳи поёни Шӯравиро «Барои аз байн бурдани ришва, азхудкунӣ ва ҷиноятҳои дигар»[50] ба тасвиб расонид.

Бо фармони Президиуми Кумитаи иҷроияи марказии ИҶШС аз 12 июни соли 1929 РССА Тоҷикистон аз РСС Узбекистон ҷудо карда шуда, ба ҶШС Тоҷикистон, ки ба ҳайати ИҶШС дохил буд, табдил дода шуд. Мустақилият ба ҶШС Тоҷикистон минбаъд имконият дод, ки давлат ва мардуми он новобаста аз қарор ё фикри дигар давлату халқиятҳо хулосаву ҳаракатҳои худро мустақилона қабулу амалӣ намояд ва ин соҳибистиқлолиро ба мақсади ҳифз ва тараққӣ додани бойгарии милливу ҳудудияш истифода барад. Дар ин замина низоми қонунгузории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зина ба зина васеъ ва фароҳам карда шуд.

Соли 1932 ИҶШС Қонун «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооператсия ва таҳкими моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» ва қарори Шӯрои комиссарони халқии ИҶШС аз соли 1933 «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бар зидди дуздӣ ва исрофкорӣ дар корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ»[51], қабул намуд, ки дар он чораҳои пурзӯр кардани баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молҳо ва арзишҳои моддӣ дар ташкилотҳои савдо нишон дода шуд. Ин санадҳои қонунгузорӣ дар мубориза бо сӯиистифода ва тасарруф бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ҶШС Тоҷикистон аҳамияти калон доштанд.

---

[50] ЦГАОР Таджикской ССР. – Ф. 10. – Оп. 1. – Д. 26. – Л. 88–100.

[51] Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917–1952. – М., 1953. – С. 335, 338.

9 майи соли 1935 бо қарори иҷлосияи давлатии Кумитаи иҷроияи марказии советии ҶСС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур гирифтани пора (м. 186 КҶҶ ССТ), додани пора (187) ва миёнаравӣ дар порагириро (м. 187[1] КҶҶ ССТ) дар моддаҳои алоҳида нишон дода, барои гирифтани пора ҷазоро аз се сол оғоз намуда то ҷазои қатл бо мусодираи амвол пешбинӣ кардааст. Дар ҷинояти додани пора ва миёнаравӣ дар порагирӣ бошад, ҷазоро аз 2 то 15 сол бо мусодираи амвол муқаррар кардааст[52].

Дар ин меъёри қонунгузорӣ ҷазо барои гирифтани пора хело вазнин арзёбӣ шуда, хизматчии давлатӣ ва шахси мансабдорро водор менамояд, ки даст ба чунин ҷиноятҳо назанад. Ҳоло он, ки санксияи ҷазодиҳӣ дар додани пора ва миёнаравӣ дар қиёс ба меъёрҳои Кодекси ҷиноятии амалкунанда аз 5 то 10 соли маҳруми аз озодиро пешбинӣ менамояд.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси гирифтани порароро додани пора ташкил медиҳад, яъне додани пора ин сарчашмаи гирифтани пора мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳам барои порадиҳанда ва ҳам барои порагиранда ҷазо баробар татбиқ карда шавад ва амалӣ гардидани он дар қонунгузории кишвар нақши калидӣ мебозад.

Дар солҳои 1940–1950 порагирӣ ҳамчун мероси капитализм ҳисобида мешуд ва чунин ба ҳисоб мерафт, ки баробари сохтани сотсиализм он аз байн хоҳад рафт. Махфияти шадид, набудани таблиғ ва озодии сухан, инчунин мавҷудияти маълумоти оморӣ ин падидаро барои омма ноаён гардонида, чунин тасаввурот буд, ки он аз байн рафтааст. Аммо, ин тасаввуротҳо на он қадар асоси воқеӣ доштанд, зеро он замон омилҳои коррупсионӣ низоми судии кишварро тасхир карда буданд.

Дар шароите, ки бинобар камбуди молҳо ва хидматҳо пул нақши худро бозида наметавонист, низоми имтиёзҳо ва имкониятҳо истифода мешуд (манзилҳо дар ноҳияҳои беҳтарин (элита), мошинҳо, бустонсароҳо, хонаҳои истироҳат ва санаторияҳо ва ғ.). Эътирозҳои оммавӣ алайҳи

---

[52] Ниг.: Уголовный кодекс Таджикской ССР от 9 мая 1935 г. – С. 36.

низомҳои Шӯравӣ дар охири солҳои – 80 ва ибтидои солҳои 90–ум оғоз ёфт. Асри XX асосан бо даъватҳо оид ба барҳам додани ин шакли коррупсияи муайян равона гардида буд[53]. Инчунин, маводҳое мавҷуданд, ки дар бораи сатҳи баланди коррупсия дар ҳукумати давраи И.В. Сталин гувоҳӣ медиҳанд[54].

Охирҳои солҳои 50–ум ҳатто роҳбарияти олии ҳизбии ИҶШС аз андозаи он нигарон буд. Дар қарори КМ КПСС аз 2 августи соли 1958 «Дар бораи камбудиҳои ҷиддии баррасии мактубҳо, шикоятҳо ва аризаҳои меҳнаткашон» сӯиистеъмолкуниҳои асосӣ расмиятчигӣ, бюрократизм, бепарвоёна амал намудан нисбат ба мактубу шикоятҳои меҳнаткашон қайд мегардиданд. Пешниҳод шуд, ки масъулони ин кор ба ҷавобгарии шадидтарин кашида шаванд[55].

Пас аз қабули Кодекси ҷиноятии ҶШФСР дар соли 1960, санади меъёрии зидди коррупсия муҳимтарин Указi Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 20 феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришва»[56] буд, ки он ҷазои қатлро барои гирифтани пора дар ҳаҷми махсусан калон пешбинӣ менамуд. Меъёри он баланд бардоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтан ё додани пора шахсан ё тавассути миёнаравҳоро бо маслиҳати пешакии гурӯҳи ашхос дар бар мегирифт. Ҳамзамон барои чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешуд.

Дар солҳои 1960–1980 ҷиноятҳои коррупсионӣ сабук карда шуданд. Яъне дар соли 1960 баъди ба тасвиб расидани Кодекси ҷиноятии ҶШФСР ҷиҳати ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои мансабӣ (коррупсионӣ) тағйирот ворид карда шуда, шартҳои озодкунии миёнарав аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён омад. Ин ҳам дар мавриде буд, ки агар нисбат ба вай тамаъҷӯйи

---

[53] Ниг.: Нисневич Ю.А. Политика и коррупция: коррупция как фактор мирового политического процесса: монография. – М.: Юрайт, 2019. – С. 11.

[54] Ниг.: Млечин Л.М. Кремль 1953. Борьба за власть со смертельным исходом. – М.: Центрполиграф, 2016. – С. 124.

[55] Ниг.: Левакин И.В., Охотский Е.В., Охотский И.Е., Шедий М.В. Противодействие коррупции: учебник и практикум для бакалавриата и специалитета / Под общ. ред. Е.В. Охотского. – 3–е изд. – М.: Юрайт, 2019. – С. 153.

[56] Указ Президиума ВС СССР от 20 февраля 1962 г. «Об усилении уголовной ответственности за взяточничество» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).

пора ҷой дошт, ё агар ин шахс баъди додани пора дар бораи ҳодиса арз намуда бошад.

Аммо, дар давраи ҳукмронии Брежнев, дар сурати набудани манбаи дигари қонунии даромад, мансабдорони баландпоя аксар вақт ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезаданд. Ҳамин тавр, мувофиқи маълумоти шуъбаи мақомоти маъмурии КМ КПСС аз 21 май соли 1981 «...дар соли 1980–ум 6000 ҳодисаи порахӯрии расмӣ ошкор карда шуд, ки ин назар ба соли 1975 ду баробар зиёд аст»[57].

Давраи Шӯравии рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчун дар тағйиротҳои такрории сиёсати ҷазодиҳии давлат нисбат ба порахӯрон зоҳир мегардад. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабук бо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд. Ҳамзамон, ин тадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд.

Барои мисол, аввалин санади қонунии давлати Шӯравӣ, ки бевосита ба муқовимат ва порахӯрӣ равона гардида буд, декрети СКХ ҶШФСР аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ» мебошад, ки дорои чунин моҳият буд;

1) Декрет доираи шахсон–субъектҳои порахӯриро хело васеътар намуда, ба он шахсонеро шомил намуд, ки «...дар хизмати давлатӣ ё ҷамъиятӣ кор мекунанд»;

2) Барои шахсони гунаҳгори додани пора, таҳриккунанда ва ёрдамчиён ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуд;

3) Он яке аз нахустин чораҳои ҳавасмандкунӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравиро дар бар мегирифт, яъне озодкунии порадиҳандагон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ агар онҳо қабл аз баромадани декрет пора дода бошанд, ё ин ки дар давоми се моҳи пас аз нашри он ба мақомоти судӣ дар хусуси ин ҷиноят арз намуда бошанд.

---

57 Касьянов В.С. Коррупция и борьба с ней в Советской России / В.С. Касьянов // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2014. – №4. – С. 22.

Ин муқаррарот минбаъд дар декрети навбатии СКХ аз 16 августи соли 1921 «Дар бораи муқовимат бо порахӯрӣ» инкишоф ёфт, дар он маротибаи нахуст сухан дар бораи миёнаравӣ дар гирифтани пора ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят ва ҳамзамон яке аз шаклҳои порахӯрӣ меравад[58].

Ин ду махфият заминаи хуберо баҳри омодасозии аввалин Кодекси ҷиноятии Шӯравӣ фароҳам овард, ки он аз 1 июни соли 1922 мавриди амал қарор дода шуд. Дар он боби «Ҷиноятҳои мансабӣ (хизматӣ)» ҷойгир карда шуда, дар навбати аввал таърифи шахси мансабдор, ҳамчунин эзоҳот оид ба ҳайси шахсони мансабдор эътироф намудани кормандони доимӣ ва ҳам муваққатии мақомоти дахлдор қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар КҶ ҶШФСР соли 1926 ҳолати зайл ҷолиби диққат аст: гирандагони пора, бар хилофи порадиҳандагону миёнаравон, ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешаванд.

Дар нимаи дуюми асри ХХ қонунгузории ҷиноятӣ ба таври назаррас тағйир дода шуд. Соли 1960 Кодекси ҷиноятии нави ҶШФСР ба тасвиб расид, ки ба меъёрҳои судӣ ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои мансабӣ дигаргунӣ ворид намуд. Дар таҳрири аввалаи КҶ ҶШФСР соли 1960 меъёри ҷавобгарӣ барои миёнаравӣ дар порахӯрӣ набуд. Чунин меъёр соли 1962 пайдо шуд, лекин бар хилофи қонунгузории ҷиноятии қаблан амалкунанда, дар он меъёрҳои судӣ ба шартҳои озодкунии миёнарав аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд надоштанд. Чунин меъёр фақат барои шахсе боқӣ монд, ки пора додааст, «Агар нисбат ба вай тамаъҷӯйи пора ҷой дошт, ё агар ин шахс баъди додани пора дар бораи ҳодиса арз намуд»[59].

Таърифи тарафи субъективии гирифтани пора дар КҶ ҶШФСР соли 1960 аз тавсифи он тибқи Кодекси ҷиноятии соли 1926 қариб фарқе надошт. Бо вуҷуди ин, диспозитсияи м. 186 КҶ ҶШФСР соли 1960 бо манъкунии аз ҷониби порагиранда «шахсан ё тавассути миёнаравон»

---

[58] Ниг.: Декрет СНК от 16.08.1921 г. «О борьбе с взяточничеством» / Сборник документов по истории Уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917–1952 гг. – М., 1953. – С. 61.

[59] Уголовный кодекс РСФСР от 27.10.1960 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/ cons_doc_LAW_2950 (санаи муроҷиат: 18.03.2021).

гирифтани пора дар кадом намуде, ки набошад, барои иҷро кардан ё накардани ягон амал ба манфиати порадиҳанда «ба шахси мансабдор ишора мекард, ки мебоист ва метавонист онро «бо истифода аз мақоми хизматии худ» содир намояд (дар м. 177 КҶ с. 1926 – «фақат бинобар мақоми хизматии худ»). Аломатҳои бандубасткунандаи ин кирдор (дар қиёс бо КҶ с. 1926) ягон тағйироти ҷиддие надидаанд, ба истиснои «ҳолатҳои махсуси вазнинкунанда», ки қонунгузор онро соқит кард.

Мафҳуми «шахси мансабдор» дар Кодекси ҷиноятии соли 1960 инкишофи минбаъдаи худро ёфт. Таҳти он акнун «шахсоне фаҳмида мешуданд, ки доиман ё муваққатан вазифаҳои намояндагони ҳокимиятро иҷро карда, муваққатан дар муассисаҳо, ташкилот ё корхонаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ мансабҳои марбут ба уҳдадориҳои ташкилӣ–амрдиҳӣ», маъмурӣ–хоҷагиро ишғол мекунанд ё чунин ӯҳдадориро дар муассисаҳо, ташкилот ва корхонаҳои мазкур тибқи ваколати махсус иҷро менамоянд».

Дар натиҷаи тағйироти куллӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бештари муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ соли 1960 (хусусан меъёрҳо оид ба ҷавобгарӣ барои порахӯрӣ) ба вазъи кунунии ҷамъият мувофиқ наомаданд. Ҳалли масъала бо воридсозии тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ соли 1960 аз имкон берун буд. Ҳамин тавр, масъалаи зарурияти ногузирии таҳия ва тасвиби қонунгузории нави ҷиноятӣ падид омад.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳо бояд қайд намуд, ки дар истиқрори қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои порахӯрӣ якчанд марҳаларо аз сар гузаронидааст, ки ҳар кадомашон хусусиятҳои таърихии мушаххас, сабабҳои объективии ҷамъиятии худро доранд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии Шӯравӣ (Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз 10/27/1960) мафҳуми «порахӯрӣ», се намуди ҷиноятҳоро мутобиқи модда муттаҳид менамуд. Чунончӣ, м. 186 «Гирифтани пора», м. 187 «Додани пора» ва м. $187^1$ «Миёнаравӣ дар порагирӣ». Гузашта аз ин, м. $187^1$ «Миёнаравӣ дар порагирӣ» дар Кодекси ҷиноятии соли 1960 набуд, балки бо Қонуни ҶШФСР аз 07.25.1962 сол

мувофиқи Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 02.20.1962 сол «Дар бораи вазнин намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пора» ба Кодекси ҷиноятӣ ворид гардид. Порагирӣ ва коррупсия падидаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста мебошанд. Онҳоро аксар вақт қонунгузор ҳамзамон дар бисёр санадҳои меъёрӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ истифода мебарад.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ оғоз шуд. Ҷанги гражданӣи баъди он ба амал омада, боиси пайдоиш ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонидани омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ гардид, ки муайянкунандаи коррупсия мебошанд.

Бидуни шакку шубҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба болоравии шиддати коррупсия дар кишвар иттилоъ дошта, борҳо таъкид намудааст, ки раванди демократикунонии ҷомеа дар рӯ ба рӯйи коррупсия дар ҳолати осебпазирӣ қарор дорад. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем»[60].

Поён фаромадани сатҳи зиндагӣ ва васеъ гардидани миқёси коррупсия на танҳо аз сабаби ба гурӯҳҳо ҷудо шудани табақаҳои ҷомеа, ки дар рӯзҳои ҷанги дохилӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ сурат гирифта буданд, балки ба он метавон чанд омили дигарро низ илова намуд:

– таҷриба ва малакаи касбият дар идораи давлати ташаккулёфтаи соҳибистиқлол;

– шароитҳои номусоиди иқтисодӣ;

– дарк ва дастгирӣ аз ҷониби шаҳрвандон;

[60] Раҳмонов Э.Ш. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон / Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80–солагии мақомоти Прокуратураи ҶТ / Э.Ш. Раҳмонов // Народная газета. – 2005. – №1. – С. 4.

– хоҳиши сиёсӣ ва ҳаросу тарс дар ба вуқӯъ омадани тағйиротҳои ҷиддӣ дар самти амалӣ намудани ислоҳоти бозаргонӣ (либералӣ).

Бояд қайд намоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ тамоми тадбирҳои мушаххасу мақсаднокро дар самти пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии давраи Шӯравӣ, ки хусусияти умумӣ доштанд ва истиқлолияти миллии давлатдорӣ роҳандозӣ намуд.

Дар ибтидои соҳибистиқлолии Тоҷикистон баҳри мубориза ба фасоду ришваситонӣ Комитети бехатарии давлатӣ, Вазорати корҳои дохила (Мубориза алайҳи тороҷгарони моликияти сотсиалистӣ), Прокуратура ҳисагузор буда, амалҳои судмандро дар ин ҷода ба анҷом мерасониданд. Истиқлолияти миллии давлатдорӣ ба қабули қонунгузории мубориза бо коррупсия ва васеъ гардидани низоми қонунгузории кишвар заминаи объективона гузошт. Чунин иқдом аз ҷониби ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Белоруссия ва ғ., ба даст омадааст, ки дар ин самт як қатор қонунҳо қабул карда шудаанд.

Дар баробари санадҳои қонунгузории мамлакат, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозида, меъёрҳои алоҳидаи он ба густариш ва тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Тибқи муқаррароти м. 5 Конститутсия, «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд: Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд; Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Дар боби 2–юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои табиӣ инсон ва шаҳрванд ба таври расмӣ эътироф шудааст, ки он ба воситаи ҳамин Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Тибқи меъёрҳои ин боб, «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад»[61].

Таҷриба нишон медиҳад, ки бештари кирдорҳои ҷиноятӣ аз надонистани қонун ва беэҳтиромӣ нисбат ба он сар мезанд. Бинобар ин мебояд, шуури ҳуқуқии ҷомеа баланд бардошта шавад. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои меъёрӣ–ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ва тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 1997, таҳти №883 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» ном бурдан ба маврид аст[62]. Ин санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, ки дар давраҳои оғози соҳибистиқлолии кишвар ба тасвиб расидаанд, дар тағйир ва ташаккули тафаккури шахс эътирофи арзишҳои нави ҳуқуқӣ ба хусус ҷаҳонбинии зиддикорупсионӣ ҷомеаи навини Тоҷикистон нақши арзишманд гузошт.

Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 июли соли 1999 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ)», дар инкишофи минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидан ба кор ва мукаммалгардонии раванди фаъолияти мақомотҳои мубориза бо коррупсия нақши муҳим бозид.

---

[61] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе, 2016.

[62] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 27 августи соли 1997.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 ва аз 25 июли соли 2005, инчунин «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012 қабул гардида, минбаъд самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро дар кишвар муайян намуданд.

Моҳияти қонунҳои зикршуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки онҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, бехатарии давлат, андешидани тадбирҳои судманд нисбат ба таъмини самараноки фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва масъулиятшиносии шахси мансабдор, пойдории қонуният, пешгирӣ ва муборизаи беамон бурдан ба падидаи номатлуби иҷтимоӣ – коррупсия ва дар ин замина баҳри пойдории тартиботи ҷамъиятӣ андешидан ва истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ нисбати ашхоси ҷиноятпеша, ки даст ба чунин кирдор задааст, ҳамчун роҳнамо шинохта шудааст. Ҳамзамон ин қонунҳо ҳамчун санадҳои муҳим дар роҳандозӣ ва ташкили тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ёри расонидаанд.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар давраҳои соҳибистиқлолӣ муборизаро дар баробари дигар самтҳои ҷинояткорӣ ба хусус коррупсия ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ пояҳои мустаҳкам гузошт.

Аз дигар тараф паёмҳои солонаи Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ худ як ҳуҷҷати барномавии раҳнамунсоз ва тақдирсозе мебошанд, ки самтҳои асосии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро дар ҳамдастӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин вазифаҳои мушаххаси онҳоро муайян менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалин Паёми худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2001 қайд намудаанд, ки «Вазифаи

муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад»[63].

Дар ин самт, Роҳбари давлат ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдорро ҳамон замон вазифадор намуда буданд, ки иҷрои санадҳои амалӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионии ҷомеаро баланд бардоранд.

Таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат дар паёмҳои ҳамасола ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, бахусус оид ба гирифтану додани пора, азонихудкунии маблағҳои давлатӣ, истифодаи мақоми хизматӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайра аз ҷониби кормандони соҳаҳои мухталифи давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва суд ба кам кардани монеаҳо дар роҳи рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани низоми оддӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ба танзим овардани сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ барои мубориза бо коррупсия, хатари эҳтимолияти фасодшавии бисёре аз соҳаи фаъолияти давлатӣ ва шаклҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба воқеият табдил дод.

Бо дарназардошти он, ки коррупсия аз ҷумлаи зуҳуроти хатарноки глобалӣ мебошад, соли 2003 Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, ба Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд шомил гардид ва дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия иқдомоти зиёдеро вобаста ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт амалӣ намуд. Соли 2006 баъди аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор гардид, ки қонунгузории худро ба Конвенсияи мазкур мутобиқ намуда, мақомоти махсуси муқовиматбаранда бо коррупсияро таъсис диҳад.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва ифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди

---

[63] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Политсияи андоз ва Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ин замон ҳамчун мақомотҳои муқовиматбаранда бо коррупсия амал менамуданд, барҳам дода шуда, мақомоти махсуси мазкур бо коррупсия – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Вазифаҳои асосии ин мақомот аз назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ иборат мебошад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани фаъолияти мақомоти махсусгардонидашуда ва ба танзим даровардани он оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта 20 марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007, таҳти №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул карда шуд. Дар ин замина, ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муқовимат бар зидди коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Мувофиқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ,

ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд»[64].

Инчунин, дар ҳамин ҷо омадааст, ки «Агентӣ дар фаъолияти худ танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод менамояд». Бояд тазаккур дод, ки коррупсия дар аксари ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ рух медиҳад. Аз ин лиҳоз, баҳри аз байн бурдани ин падидаи номатлуби ҷомеа лозим аст, ки мақсад ва ҳадафҳои таъсисёбии Агентӣ бо муҳайё сохтани заминаи ҳуқуқии миллию байналмилалӣ усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия рост ояд. Яъне чунин сохтор бояд, бевосита ба мубориза бо коррупсия сарукор дошта бошад. Ҳамин тавр ҳам шуд, бо мурури замон соли 2006 ислоҳоти мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Ин ислоҳот ба давраи нав ва васеи мубориза бо коррупсия дар кишварамон боис шуд. Аз ин ҷо, ки тибқи қонун мақомоти Агентӣ ҳамчун ҳомии мубориза бо коррупсия номбар шудааст ва баҳри пиёда намудани ҳадафҳои хеш дар таъмини амнияти кишвар, раванди низоми демократия, тақвият бахшидан ба густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ дар ин замина мусоидат намудан ба устувор ва пойдоргардии қонуният ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия бояд фаъолияти хешро пеш барад.

Ба ин хотир, дар бахши ҷанбаҳои ташкилӣ – ҳуқуқии самтҳои асосҳои фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо

---

[64] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, таҳти №374. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: тадбирҳои судманд андешида шудааст.

Аз ҷумла:

– татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо коррупсия;

– дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидор, ҷамъият ва давлат;

– амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

– муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;

– амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҷустуҷӯйи шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир кардаанд;

– гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд;

– гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– дар доираи ваколати худ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия;

– амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Агентӣ мансубанд;

– амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд[65].

Аз ҷониби дигар, ҳамчун роҳнамо ва воситаи танзимнамоии фаъолияти Агентӣ, қонуни номбурда дар риояи ҳуқуқи шаҳрвандон нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарчашмаи муҳими ба роҳ мондан ва пиёда намудани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ном бурда мешавад. Аз ҷониби дигар, бо қабули ин Қонун дар бахши мубориза бо коррупсия мақомоти махсус гардонидашудаи қудратӣ – Агентӣ, ки мақсад ва вазифаҳои асосии он мубориза алайҳи пешгирӣ ва решакан кардани унсурҳои номатлуби иҷтимоӣ – коррупсия нигаронида шудааст, ба вуқӯъ пайваст гашт. Дар устуворгардӣ ва тақвият бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи Агентӣ метавон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии Назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агентии назорати давлатии моливӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақши муҳим бозидаанд[66].

[65] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, таҳти №374. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[66] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агентӣ оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007 ва ғ.

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа мавриди омӯзиш ва таҳлили соҳаи мустақили ҳуқуқ (ҳуқуқи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ) қарор дода мешавад.

Аз ин ҷо, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сарчашма дар бахши пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия маҳсуб аст. Зеро, ҷиноятҳои характери коррупсионидошта дар модда ва бобҳои ин қонунгузорӣ тавзеҳ дода шудаанд.

Ҷиноятҳои мазкур бевосита таҷовузро ба эътибор ва манфиатҳои қонунии хизмати давлатӣ ва мақомоти идоракунии ҳокимияти маҳаллӣ тақозо менамояд. Субъектони он шахсони мансабдор ё хизматчии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки аз рӯйи бартарияти фаъолият ё фароҳам овардани чунин бартарият барои худ аз коррупсия ба сифати пул, мол, ҳуқуқ ба истифодаи он, хизматрасонӣ ё имтиёз ришва меситонад ба шумор мераванд.

Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 1 сентябри соли 1998 қабул шудааст, аз XV фасл, 34 боб ва 405 модда иборат аст.

Бояд мутазаккир шуд, ки Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар б. 11 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» банду баст шудааст.

Феълан, асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 фасл, 40 боб ва 691 модда иборат буда, 31 декабри соли 2008 ба тасвиб расидааст. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи коррупсия ва мансубияти он ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯйи чанд тобиши маъноӣ дар қоидаҳои пешбинигаштаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баён гардидааст. Дар ин қонун мавқеъ ва манзалати ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидошта бештар дар кирдорҳои зерини шахсони мансабдори давлатӣ ва мақомоти идоракунии маҳаллӣ тавассути истифодаи шаклҳои хоси раводиди маъмурӣ таҷассум ёфтааст:

Қайд намудан ба маврид аст, муносибатҳое, ки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд, аз инҳо иборатанд:

– қоидаҳои умумӣ ва принсипҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

– кирдоре (амале ё беамалие), ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мешавад;

– ҷавобгарии маъмурии шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани меъёрҳои пешбини намудаи Кодекси мазкур;

– намудҳои ҷазои маъмурӣ ва қоидаҳои татбиқи онҳо;

– судя, мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдоре, ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдоранд;

– тартиби пешбурди истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла чораҳои таъминкунандаи истеҳсолоти парвандаҳо;

– тартиби иҷрои ҷазои маъмурӣ (м. 3).

Аз ин ҷост, ки тибқи б. 1 м. 17 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда мешавад».

Аз қабили ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия дар Боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори хоса дода шудааст. Аз ҷумла дар моддаҳои зерини қонунгузорӣ номбар шудааст:

– «Ғайриқонунӣ гирифтани подош (м. 656)»;

– «Қабул кардани туҳфа ва дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеанд (м. 657)»;

– «Истифодаи бартарияти бо қонун пешбининагардида ҳангоми гирифтану баргардонидани кредит ва қарз, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайриманқул ва дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар (м. 658)»;

– «Додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, фармоишҳои давлатӣ ва дигар фармоишҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд (м. 659)»;

– «Риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият ба захираҳои молиявию моддии давлатӣ ё ба истифодаи муваққатӣ додани онҳо (м. 660);

– «Сӯйистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 661)»;

– «Ғайриқонунӣ гузаронидани восита ва захираҳои молиявии давлатӣ ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (м. 662)»;

– «Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд (м. 663)»;

– Иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо (м. 663[1]).

– «Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст (м. 664)»;

– «Ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (м. 665)»;

– «Риоя накардани тартиби нархгузорӣ ва фурӯши молу мулк, тартиби гузаронидани музояда ва тендер (м. 666)»;

– «Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои асосии давлат (м. 667)»;

– «Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (м. 668)»;

– «Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк (м. 669)»;

– «Ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо (м. 670)»;

– «Ба шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд, пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ (м. 671)»;

– «Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунии вобаста ба коррупсия (м. 672)»;

– «Ба мақомот ё шахси ваколатдор пешниҳод накардан ё дер пешниҳод кардани санад ва маводи тафтишу санҷиш (м. 673)»;

– «Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот(м. 674)»;

– «Дастҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ (м. 675)».

Қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳими роҳандозӣ дар андешидани тадбирҳои характеран раводиддоштаи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия аҳамияти хоса дорад. Зеро дар қатори дигар масъалаҳо вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҷамъият ва давлат иборат мебошад.

Ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафи мазкур дар м. 4 омадааст, ки суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) вазифадоранд барои пешгирӣ, ошкор ва бартараф кардани сабабу омилҳое, ки ба содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд, инчунин барои дар рӯҳияи шуурнокӣ ва масъулиятнокӣ, риояи қатъӣ ва иҷрои дақиқу якхелаи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон чораҳо андешанд.

Дар ин радиф, асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар баъзе моддаҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, кирдорҳои хусусияти коррупсионидоштаи хоси ин соҳаи ҳуқуқ одатан дар натиҷаи сӯиистифодаи мансабдорони хизмати давлатӣ ва идоракунии ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ё тарбиявӣ вобаста ба вазъи ба вуқуъ пайваста гирифтани тӯҳфа (тариқи интиқоли ҳуқуқи амвол ё бидуни он) аз шаҳрвандоне, ки наздикон ё хешу табори онҳо дар табобат, нигоҳубин ё тарбияи чунин муассисаҳо қарор доранд, маънидод мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии хусусияти коррупсионидоштаи хоси ҳуқуқи гражданӣ дар қоидаҳои муқарраргардидаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон гирд оварда шудаанд ва бештари онҳо

мансуби амалҳои (беамали) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз дидаю дониста вайрон кардани меъёрҳои зерин ба вуқуъ мепайванданд, баррасӣ гардидаанд:

– «Ҳиссаи саҳмияҳои имтиёзнок дар ҳаҷми умумии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ набояд аз 25 фоиз зиёд бошад (б. 1 м. 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;

– «Ҷамъияти саҳҳомӣ пас аз пардохти пурраи сармояи оинномавӣ барои баровардани вомбарг ба маблағи на бештар аз андозаи сармояи оинномавӣ ё андозаи таъминоти бо ин мақсад ба ҷамъият пешниҳод кардаи шахси сеюм баъди пурра додани маблағи сармояи оинномавӣ ҳуқуқ дорад. Дар сурати набудани таъминот баровардани вомбарг танҳо пас аз се соли фаъолияти ҷамъияти саҳҳомӣ ва ба шарти то ин вақт дуруст тасдиқ кардани ду балански солонаи ҷамъият мумкин аст (б. 2 м. 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;

– «Ҷамъияти саҳҳомӣ дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи эълон кардану пардохтани дивидендро надорад,

– то пардохти пурраи тамоми сармояи оинномавӣ;

– агар арзиши дороиҳои ҷамъияти саҳҳомӣ аз сармояи оинномавӣ ва фонди эҳтиётии он камтар бошад ё дар натиҷаи пардохти дивидендҳо аз андозаи онҳо камтар гардад (б. 3 м. 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)».

– «Ҷамъияти саҳҳомӣ, вазифадор аст, бояд барои тафтиш ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявӣ ҳар сол аудитори касбиеро ҷалб намояд, ки бо ҷамъият ё иштирокчиёни он манфиатҳои моддӣ надорад.

Фаъолияти ҷамъияти саҳҳомӣ, аз ҷумла ҷамъияти саҳҳомие, ки барои нашри ҳуҷҷатҳои зикргардида ба маълумоти умум вазифадор нест, бо талаби саҳмдороне, ки ҳиссаи умумиашон дар сармояи оинномавӣ даҳ фоиз ё зиёда аз онро ташкил медиҳад, бояд ҳар вақт тафтиши аудиторӣ карда шавад». (б. 5 м. 114 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– «Саркашӣ аз иҷрои ӯҳдадории тасдиқнамудаи коғази қиматнок бо истинод ба асос надоштани ӯҳдадорӣ ё беэътибор будани он роҳ дода намешавад. Дорандаи коғази қиматнок, ки иваз ё сохтакории коғази

қиматнокро ошкор намудааст, ҳақ дорад аз шахси коғазро ба ӯ супурда ба таври дахлдор иҷрои ӯҳдадориҳои тасдиқнамудаи коғази қиматнок ва ҷуброни зиёнро талаб намояд». (б.2 м. 161 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– «Ҳуқуқ аз рӯйи коғази қиматноке, ки дар дасти соҳиби ғайриқонунӣ аст, татбиқ карда намешавад (б.3 м. 161 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– «Дар сурати нияти ғаразнок доштани ҳар ду тарафи чунин аҳд, агар аҳдро ҳар ду тараф иҷро карда бошанд, тамоми даромади аз ин аҳд бадастовардаи онҳо ба ҳисоби даромади давлат рӯёнида мешавад ва агар аҳдро як тараф иҷро карда бошад, аз тарафи  дигар тамоми даромад ва молу мулки гирифтааш ва тамоми молу мулке, ки он мебоист бар ивази даромад ва молу мулки гирифташуда ба тарафи аввал диҳад, ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад.

Дар сурати нияти ғаразнок доштани танҳо як тарафи чунин аҳд, он бояд  тамоми даромади аз рӯйи аҳд гирифтаашро ба тарафи дигар баргардонад, аммо даромаде, ки тарафи ғаразнок амал карда гирифтааст ё бояд мувофиқи аҳди иҷрошуда мегирифт, ба он дода шавад,  ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад». (м. 194 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– «Барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани ӯҳдадории пулӣ, ё гузаронидани мӯҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад». (қисми 1 м. 426 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[67].

Инчунин, кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта ва ба он алоқаманд дар меъёрҳои дигари ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ шудаанд. Албатта ин лаҳзаҳоро мансуби ҷиноятҳои коррупсионӣ донистан нодуруст аст. Зеро онҳо ба гурӯҳи ҳуқуқвайронкуниҳои граждание, ки хусусияти коррупсионӣ доранд, маҳсуб мешаванд. Маҳз аз ҳамин сабаб

[67] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, №802 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

мо дар баррасии сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия ҳуқуқвайронкунии гражданиро, ки феълан ба молу пул ё дигар асосҳои ғайриқонунии маҳдудсозӣ ҳуқуқи амвол ва аз дорошавии беасос ба вуқуъ мепайвандад, мавриди таҳлил қарор додаем. Аз ҷониби дигар, паҳлӯҳои ҳуқуқвайронкунии гражданиро, ки аз лиҳози назари илми корруптология мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст, шубҳа надорем.

Қайд кардан лозим аст, ки мубориза ба коррупсия ва андешидани чораҳои мушаххас, ин зарурати беэътино намудани унсури номатлуби ҷомеа ва аз маънии зиндагӣ берун намудани он дар силсилаи қонунгузориҳои кишварамон зикр гаштааст:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» 16 майи соли 1997, №464 ба тасвиб расида иборат аз 17 модда мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои байни давлатро дар шахси мақомоти ваколатдори он ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар рафти хусусигардонии моликияти давлатӣ танзим менамояд[68].

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2 декабри соли 2002, №66 ба тасвиб расида аз 5 боб, 25 модда иборат аст. Қонуни мазкур принсипҳои умумӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва амалӣ намудани назорати давлатии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Он барои таъмини ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, грантҳо, кӯмаки башардӯстона ва амволи давлатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули бахши хусусӣ нигаронида шудааст[69].

3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ»,

---

[68] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 16 майи соли 1997 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[69] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002, №66. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

ки 22 июли соли 2013, №993 қабул шудааст, аз 4 боб ва 32 модда иборат аст[70]. Дар пешгуфтори Қонун омадааст, ки Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудиториро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҷараёни амалӣ намудани он ба миён меоянд, танзим менамояд.

Тибқи ин Қонун фаъолияти аудиторӣ, фаъолияти соҳибкорӣ оид ба гузаронидани аудит ва дигар хизматрасонии марбут ба он, ки аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ амалӣ менамояд.

4) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» 25 декабри соли 2015, №1269 қабул гардида, аз 6 боб 46 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии гузаронидани санҷиш, тартиб ва расмиёти ягонаи гузаронидани он, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо муқаррар намуда, ба ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти миллӣ ва ҳимояи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда, новобаста ба шакли моликияташон, равона карда шудааст[71].

5) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007 қабул шудааст, аз 5 боб ва 45 модда иборат аст[72]. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Инчунин, дигар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро номбар намудан ба маврид аст, ки ҳамчун сарчашмаи мубориза бо коррупсия эътибори хоса доранд. Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия, аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, ҳамчун

---

[70] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013, №66. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[71] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» 25 декабри соли 2015, №1269 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[72] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

воситаи ташкил ва таъмини чараёни пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мавриди истифода қарор дода мешавад.

Қонунгузории соҳаи коррупсия хусусияти маҷмуӣ дорад. Яъне асосҳои ҳуқуқии коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориҳои ҷорӣ арзёбӣ гардидааст. Чунончӣ, барномаҳои давлатие ҳастанд, ки дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва дар ин замина густариш бахшидан ба ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шаҳрвандон нақши хоса мебозанд.

Дар баробари ин, се маротиба қабул ва роҳандозӣ гардидани «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», кафолати ноил гардидан ба муборизаи дастаҷамъона зидди ин зуҳуроти номатлубро таъмин намуда, боиси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо гардид»[73].

Дар қатори амалӣ намудани принсип ва ҳадафҳои сиёсати зиддикорупсионии давлат дар ин стратегияҳо такмили усул ва таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тарбиявӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир ошкор ва бартараф кардани коррупсия равона гардиданд, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ арзёбӣ шудааст. Стратегияҳои мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфтанд.

---

[73] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www president.tj (санаи муроҷиат: 04.04.2021).

Дар доираи стратегияҳои зикргардида масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва оғози саривақтӣ ва гузаронидани таҳқиқу тафтишоти парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, мансубияти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои пешбинигардида дар кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва андоз танзими худро ёфтаанд.

Ҳукумати мамлакат мақсаду мароми худро дар самти муқовимат ба коррупсия қатъӣ ба роҳ монда, фаъолиятро дар ин самт мустаҳкам намудааст. Тасисёбии Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия ва дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меоварад аз зумраи дигар чораҳои муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб меравconfigurations.

Гузашта аз ин, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо назардошти рушд ёфтани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, дар якҷоягӣ бо заминаи қонунгузории дар боло зикршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 ноябри соли 2013, таҳти №492 ва «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028»–ро аз 06 феврали соли 2018, таҳти №1005 қабул намуд.

Бо қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба як қатор қонунҳои кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия муҳайё гардида, фаъолияти мақомоти ба муқобили коррупсия мубориза баранда пурзӯр карда шуд.

Дар замони истиқлолият тавассути қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат як қатор тадбирҳои зиддикоррупсиониро

андешидааст, ки барои пешгирӣ кардани коррупсия нақши муҳим мебозанд. Чунин тадбирҳо асосан дар якчанд санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудаанд. Масалан: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)»[74], қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007, №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо»[75].

Тавре, ки аз маълумотномаи Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар Агентии назорати мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, парвандаҳои судии зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо ин ё он ходими давлатӣ барои порахӯрӣ, сӯистифода аз вазифа ва бойшавӣ бо роҳи ғайриқонунӣ гунаҳкор дониста мешаванд[76]. Инчунин, шабакаҳои ба ҳам алоқаманде, ки ба доду гирифти ғайриқонунӣ, коррупсия ва ҷинояткории муташаккил машғуланд, муайян карда шуданд. Илова бар ин, иттиҳодҳои ҳамшарике вуҷуд доранд, ки ба онҳо ҷинояткорони касбӣ, баъзе сиёсатмадорон, азҳоби сиёсӣ, мансабдорони олимартабаи давлатӣ ва ҳарбӣ дохиланд. Ҷойи баҳс нест, ки проблемаи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар шакли силсилавӣ ва ҳам инфиродӣ бо андозаи имкониятҳои диданашаванда ҳанӯз дар даврони ҳукмронии Шӯроҳо ба миён омада буд.

Агар ба таърихи барқароршавии қонунгузорӣ дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои порахӯрӣ ва тавсифи умумии он назар афканем, маълум мегардад, ки инкишоф ва ташаккули соҳаи қонунгузорӣ дар ин самт аз давраҳои Шӯравӣ оғоз мегардад. Коррупсия, дар шароити муосир ҳаҷми бесобиқаеро касб карда, шаклҳои навро зоҳир намуда бошад ҳам, таърихи

---

[74] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхурӣ) аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www president.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).

[75] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007 таҳти №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www president.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

[76] Ниг.: Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: www.anticorruption.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

хело қадима дорад ва вобаста ба ин пайгирӣ намудани зинаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои ин ҷинояти маъмулу хавфноки мансабӣ ҷолиб ва зарур мебошад. Ҳамин тавр, таҷрибаи таърихии андӯхташуда оид ба муқовимат алайҳи порахӯрӣ, дастовардҳои пешини илми ҳуқуқу эҷодӣ барои қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 заминаи хуб фароҳам овард.

Омӯзиши амалияи таърихи танзими қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтани пора, ки яке аз маъмултарин ҷинояти коррупсионӣ ба ҳисоб меравад дар давраҳои гуногуни ташаккули ҷомеа имкон дод, ки чораҳои нисбатан самарабахши мубориза бо ин таҳдид таҳия карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯзмарра ва мубрам будани муқовимат бо коррупсияро яке аз самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии худ донитса, дар ин самт баҳри пешгирӣ ва аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намуд.

Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ниҳоят таъсири манфӣ мерасонад: Чунончи, порагирии кормандони соҳаи тиб ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба гирифтани ёрии тиббии ройгон; порагирии кормандони соҳаи маориф ояндаи давлатро аз рӯйи эҳтиёҷотҳои зеҳнӣ (маънавӣ); порагирии кормандони соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барқарорнамоии адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрвандону раванди муътадили давлатдориро халалдору коста менамояд.

Давлат барои таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми кишвар ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тадбирҳои зарурирро роҳандозӣ карда истодааст. Новобаста ба ин, шумораи содиршавии ҷиноятҳо дар кишвари мо дар даҳ соли охир афзоиш ёфта истодааст, ки ин яке аз далелҳои асосии халалдорсозандаи кафолати бехатарии шахсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии давлат ба ҳисоб меравад.

Масалан, агар соли 2008 дар мамлакат камтар аз 12 ҳазор ҷиноят содир шуда бошад, ин рақам дар соли 2017 зиёда аз 22 ҳазорро ташкил додааст. Аз он ҷумла, дар давоми солҳои 2007–2016 аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 13 ҳазор ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ошкор ва ба қайд гирифта шудааст[77].

Бо мақсади ташкили муқовимат бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд. Бо ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахурӣ)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул гардид, баъдан 25 июли соли 2005 ва 7 августи соли 2020 Қонуни мазкур бо дарназардошти ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Минбаъд ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муқовимат бар зидди коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардиданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ аз замонҳои қадим ҷой дошт, аммо заминаи асосӣ барои қабули КҶ ҶТ амалкунанда асосан дар замони Шӯравӣ гузошта шуда буд. Аммо қонунгузории ҷиноятии Шӯравӣ ба монанди қонунгузории амалкунанда бо истилоҳи «коррупсия» шинос набуд, ҳолати мазкур ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо дар ин самт як қатор мушкилиҳоро ба пеш меовард.

2. Даҳсолаи аввали баъд аз инқилоб аз ҷиҳати ташаккул ва такмили қонунгузории мубориза бо коррупсия ва дигар зуҳуроти фасод хеле

---

[77] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик, 10.11.2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/18876 (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

самаранок буд. Дар давраҳои ҳокимияти Шӯравӣ консепсияи ягонаи ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷой надошт, аммо ақидаи паҳнгардида дар борaи он ки дар замони Шӯравӣ коррупсия вуҷуд надошт, иштибоҳ аст, гарчанде ин мафҳумро ба истилоҳҳои «ришвахорӣ», «исрофкорӣ» ва «сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ» иваз кардаанд.

3. Давраи Шӯравии рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчун дар тағйиротҳои такрории сиёсати ҷазодиҳии давлат нисбат ба порахӯрон зоҳир мегардад. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабук бо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд. Ҳамзамон, ин тадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд.

4. Дар замони Шӯравӣ таркиби чунин ҷиноят, ба монанди гирифтани пора пайваста ислоҳ мегардид: мазмун, мафҳум ва андозаи ҷазои он такмил меёфт. Хусусияти асосии ҷазодиҳӣ барои ин ҷиноят дар он буд, ки барои гирифтани пора, дар ҳама ҳолатҳо мусодираи амвол татбиқ мешуд. Тадбирҳои репрессивӣ, ки бо таърифи қонунии гирифтани пора ҳамроҳ буданд, дар тамоми давраи таҳия ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ҷой доштанд. Бори аввал тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба андозаи гирифтани пора танҳо дар Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфтааст, ки гирифтани порaро ба маблағҳои содда, назаррас, калон ва махсусан калон ҷудо мекунад.

5. Агар ба таърихи барқароршавии қонунгузорӣ дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ назар афканем, маълум мегардад, ки инкишоф ва ташаккули соҳаи қонунгузорӣ дар ин самт аз давраҳои Шӯравӣ оғоз мегардад. Коррупсия, дар шароити муосир ҳаҷми бесобиқаеро касб карда, шаклҳои навро зоҳир намуда бошад ҳам, таърихи хело қадима дорад ва вобаста ба ин пайгирӣ намудани зинаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои ин ҷинояти маъмулу хавфноки мансабӣ ҷолиб ва ҳам зарур мебошад.

## 1.2. Мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, «Яке аз хатарҳои дигаре, ки ба рушди устувори давлат монеъ шуда, ба нуфӯзу обрӯйи он дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад, коррупсия мебошад»[78].

Коррупсия яке аз падидаҳои манфии ҷаҳони муосир ба ҳисоб рафта ба фаъолияти мӯътадил ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, ин намуд ҷинояткорӣ ба волоияти қонун, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҷовуз намуда, таъмини адолати иҷтимоиро коста мегардонад, ба рақобат ва рушди иқтисод монеъ шуда, фаъолияти дурусти иқтисоди бозорӣ, устувории институтҳои демократиро вайрон месозанд. Мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ вазифаи мураккаб аст. Зеро вақте, ки омилҳои хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва кирдорҳои порахӯрӣ зиёд ба назар мерасад, дар ин ҳолат оид ба демократия, принсипҳои озодӣ, муносибатҳои бозорӣ ба маънои томи ин вожаҳо ҳарф задан мушкил мебошад.

Аз ин бармеояд, ки коррупсия як зуҳуроти иҷтимоӣ аст ва дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутараққӣ ва чи дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст.

Инкишоф ва паҳншавии коррупсия пеш аз ҳама аз хусусиятҳои миллӣ, шакли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шароитҳои ҳуқуқии ин ё он давлат вобаста мебошад. Коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимият, хусусан шохае, ки бо ҷинояткорӣ мубориза мебарад, воқеан хавфи зиёд дорад.

Тавре амалия бо маълумотҳои ҳолати иҷрои Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсияи Прокуратураи генералӣ дар давраи соли 2019 нишон медиҳад, дар Тоҷикистон ҷиноятҳои коррупсионӣ афзуда истодаанд. Барои мисол,

---

[78] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.01.2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 11.12.2020).

ошкори ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соли 2019, 3572 (3547) ададро ташкил намудааст, ки ин назар ба соли 2018 25 адад, ё ин ки 0,7 % зиёд мебошад [79].

Омӯзиши вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар нишон дод, ки зиёдшавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҳисоби ҷиноятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, сохтакории хизматӣ, ғайриқонунӣ додани кредит, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ғайриқонунӣ гирифтани кредит, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ мебошанд.

Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҳама зиёд дар соҳаи бонкӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ содир гардидаанд[80].

Албатта, тағйирёбии сохти ҳаёт дар қаламрави баъдишӯравӣ, дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ натанҳо падидаҳои манфиро дар байни аҳолӣ ба вуҷуд оварад, балки бешубҳа, боиси сустшавии ҳокимияти давлатӣ низ гардид.

Дар ин самт, қабули Конститутсияи нав дар соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷзияи ҳокимият (ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ), таъсиси ниҳоди президентӣ, парламенти дупалатагӣ ва Суди конститутсионӣ, инчунин бисёр равандҳои дигари сохтори давлатӣ, асосан унсурҳои пешрафта низ доштанд. Як қатор қарорҳое, ки баҳри гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қабул гардиданд, қобили таҳсин мебошанд. Аз ҷумла ғайримилликунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ, озодкунии иқтисодӣ, эътироф ва кафолати ҳифзи шаклҳои гуногуни моликият ва ғайраро номбар намудан мумкин аст.

Татбиқи чорабиниҳо дар самти мубориза бо коррупсия махсусан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок мебошанд, зеро дар шароити гузариш

---

[79] Ниг.: Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия Прокуратураи генералӣ дар давраи соли 2019, ахборот ба МО Мм ҶТ аз 16.01.2020, таҳти №346.

[80] Ниг.: Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия Прокуратураи генералӣ дар давраи соли 2019, ахборот ба МО Мм ҶТ аз 16.01.2020, таҳти №346.

ба идоракунии самарабахши демократӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлат таъмини эътимоди шаҳрвандон ба муассисаҳои мавҷудаи давлатӣ мебошад, зеро ин як шарти муҳими эҳёи давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, «Татбиқи сиёсати муттасил ва ҳамоҳангшудаи мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои таъхирнопазири сохтмони давлат аст»[81].

Дар марҳилаи кунунӣ, ба ақидаи коршиносон, коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти низомнокиро гирифтааст, ки ба рушди минбаъдаи кишвар халал мерасонад. Дар шаш моҳи аввали соли 2020, 1218 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии дорои хусусияти коррупсионидошта ошкор карда шудааст. Аз ин шумора 147 ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 147 ҷиноят марбут ба тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда ва ғайриқонунӣ додану гирифтани кредит, 42 ҷиноят вобаста ба гирифтану додани пора мебошанд[82].

Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, яке аз ҳолатҳои муҳиме, ки ба самаранокии мубориза бар муқобили коррупсия монеа мешавад, ин набудани таърифи ягонаи мафҳуми истилоҳи коррупсия мебошад[83]. Мафҳумҳои мавҷуда нопурра буда, тамоми аломатҳои ин падидаи манфиро дар бар намегиранд.

Имрӯз ислоҳоти оғозшудаи қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон зарурати таҷдиди назар намудани меъёҳои ҳуқуқи ҷиноятии марбут ба манфиятҳои шахсият, ҷамъият ва давлатро дар назар дорад. Коррупсия бо истилоҳи лотинӣ «corruptio», яъне маънои «вайрон намудан ва

---

[81] Капинус О.С. Современные проблемы противодействия коррупции / О.С. Капинус // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – 2015. – №3 (47). – С. 3.

[82] Ниг.: Нишасти матбуотии директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.tvt.tj/sulaymon–sultonzoda–az–1218–kholatkhoi–oshkorshudai–korrupsioni–482–adadi–ba–gurukhi–chinoyatkhoi (санаи муроҷиат: 05.01.2021).

[83] Ниг.: Астанин В.В. Коррупция и борьба с ней в России второй половины XVI–XX вв. (криминологическое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – 209 с.; Максимов С.В. Коррупция. Закон. Ответственность: учеб. пособие. – Изд. 3–е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН Ин–т государства и права Российской акад. наук, 2017. – 287 с.; Минзарипов Р.Г. Противодействие коррупции: учеб. пособие. – Казань, 2016. – 148 с.; Мясищева Я.Ю. Современное понятие коррупции в РФ / Я.Ю. Мясищева // Проблемы современных интеграционных процессов и пути их решения: сборник статей Международной научно–практической конференции. – Уфа, 2019. – С. 179–182; Наумов Ю.Г. Коррупция и общество: теоретико–экономическое и прикладное исследование: учеб. пособие. – М., 2015. – 111 с.; Кепин А.Л. К вопросу о понятии и сущности коррупции / А.Л. Кепин // Научный поиск курсантов: сборник материалов Международной научной конференции. – Могилев: Могилевский институт МВД, 2020. – С. 64.

порадиҳӣ»–ро дорад[84], аммо тибқи хулосаи Волженкин Б.В., ин ду истилоҳ фаҳмиши «коррупсияро» муайян месозанд[85]. Бинобар ин, зери мафҳуми коррупсия фурӯхташавӣ ва харидашавии шахсони мансабдори давлатӣ ва ходимони ҷамъиятию сиёсӣ фаҳмида мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба таърифи мафҳуми коррупсия ду нуқтаи назар ҳукмрон аст:

1. Мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузорӣ;

2. Мафҳуми илмии коррупсия.

Баъзе олимон мавқеи аввaларо дастгирӣ менамоянд. Масалан, ба андешаи профессор С.В. Максимова, коррупсия ин аз ҷониби мансабдорони давлатӣ ё дигар шахсони мансабдор (аз ҷумла вакилон ва судяҳо) ё кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо (аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалӣ) истифодаи мақоми худ, барои ғайриқонунӣ ба даст овардани амвол, ҳуқуқ ба амвол, хидматрасониҳо ё имтиёзҳо (аз ҷумла хусусияти ғайримолумулкӣ дошта) ё пешниҳоди чунин амвол, ҳуқуқ ба он, хидматрасонӣ ё имтиёзҳо (аз ҷумла хусусияти ғайримолумулкӣ дошта) ба шахсони мансабдори хориҷӣ мебошад»[86].

Гурӯҳи дигари олимон, ки аксариятро ташкил медиҳанд, мавқеи дуюмро дастгирӣ намуда, қайд менамоянд, ки коррупсия назар ба мафҳуми дар қонунгузорӣ оварда шуда нисбатан васеътар аст, он як ё якчанд амали ғайриқонунӣ набуда, падидаи зиддиҷамъиятӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок мебошад[87].

Ба андешаи В.В. Астанин, коррупсия падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии таназзули муносибатҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳокимият мебошад, ки дар порагирӣ, истифодаи мақоми хизматиашон ва имкониятҳо аз ҷониби шахсони мансабдор зоҳир мегардад[88]. Ба андешаи Максимов С.В.,

---

[84] Ниг.: Новый словарь иностранных слов / Под ред. Е.Н. Захаренко, Л.Н. Комарова, И.В. Нечаева. – М, 2003. – С. 250.
[85] Ниг.: Волженкин Б.В. Коррупция: серия «Современные стандарты в уголовном праве и уголовном процессе». – СПб., 1998. – С. 5.
[86] Максимов С.В. Коррупция. Закон. Ответственность: учеб. пособие. – Изд. 3–е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН Ин–т государства и права РАН, 2017. – 287 с.
[87] Ниг.: Хабриева Т.Я., Иванов С.Б., Чиханчин Ю.А. Противодействие коррупции: новые вызовы: монография. – М., 2016. – 148 с.
[88] Ниг.: Астанин В.В. Коррупция и борьба с ней в России второй половины XVI–XX вв. (криминологическое

коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки моҳияти онро истифодаи ғаразноки мавқеи хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор баҳри дорошавии шахсӣ ташкил медиҳад[89].

Аммо мо фикр менамоем, ки коррупсия – ин фарсудашавии ҳокимият аст, ҳамон тавре, ки занг оҳанро фарсуда менамояд, коррупсия низ дастгоҳи давлатро хароб намуда, устувории ахлоқи ҷомеа ва боввариро ба он коста мегардонад ва ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ соҳаҳои асосии ҳаётан муҳими шаҳрвандонро фаро гирифта, ба шуурнокии ахлоқӣ ва ҳуқуқии онҳо, инчунин тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад.

А.В. Макаров қайд менамояд, ки ҳамарӯза дар бораи коррупсия бисёр ҳарф мезананд, менависанд, конфронсҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ баргузор менамоянд, ҳама гуна қарорҳо ва муроҷиатҳо қабул мекунанд, аммо то ҳол ба ин падида муносибати ягона вуҷуд надорад[90]. Ба андешаи мо, сабаб дар он аст, ки коррупсия падидаи бисёрҷанбаи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ мебошад ва аз маҷмуи тамоми амалҳои ғайриқонунии ба ҳам алоқаманд ва амалҳои ғайриахлоқӣ иборат аст. Бинобар ин, муайян намудани номгӯйи мукаммали аломатҳои он хеле душвор мебошад.

Ба андешаи К.Фридрих «Ҳар гуна таҳлили мафҳуми коррупсия ба он ҳолате дучор хоҳад намуд, ки дар забонҳои гуногун истилоҳи «коррупсия» таърихан маъно ва тобишҳои комилан мухталиф дорад»[91]. Чи тавре, ки Н.П. Купрешенко қайд менамояд, «фаҳмиши комили коррупсия вуҷуд надорад, афкори умум ин истилоҳро танҳо ҳамчун пора тавсиф менамоянд»[92].

---

исследование): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 209 с.

[89] Ниг.: Максимов С.В. Уголовно–правовая борьба с коррупцией в России и мире // Уголовное право. Актуальные проблемы теории и практики: сборник очерков / Под ред. В.В. Лунеева. – М.: Изд–во «Юрайт», 2010. – С. 700–701; Бугаевская Н.В. Коррупционные преступления: виды и особенности субъекта: монография. – М.: Изд–во «Юрлитинформ», 2015. – С. 16–17 и др.

[90] Ниг.: Макаров А.В. Коррупция: опыт успешной борьбы Китая и реальность современной России / А.В. Макаров // Государственная власть и местное самоуправление. – 2012. – №3. – С. 13–21.

[91] Friedrich, Carl J. The Pathology of Politics: Violence, Betrayal Corruption, Secrecy and Propaganda. – New York: Harper & Row, 1972. – P. 129.

[92] Купрещенко Н.П. Влияние коррупции на экономические отношения в Российской Федерации // Налоги (журнал). – 2008. – С. 7.

Дар луғати тавзеҳи забони русӣ коррупсия ба маънои «порагирии ахлоқии мансабдорон ва сиёсатмадорон, ки дар дорошавии ғайриқонунӣ, азхудкунӣ ва омезиш бо сохторҳои мафиявӣ ифода ёфтааст», шарҳ дода шудааст[93]. Муаллифони луғат омилҳои ҳуқуқии коррупсияро ҳамчун «падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок дар соҳаи сиёсат ё идоракунии давлатӣ таъриф медиҳанд, ки он дар истифодаи қасдонаи мақоми расмӣ аз ҷониби намояндагони мақомоти давлатӣ баҳри ғайриқонунӣ ба даст овардани имтиёзҳо ва афзалиятҳои амволию ғайриамволӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар порагирии чунин шахсон зоҳир мегардад»[94]. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки коррупсия ҳамчун як падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ чун анъана фурӯхташавандагии на танҳо мансабдорони давлатӣ ё дигар шахсони мансабдор, балки ходимони ҷамъиятӣ ва сиёсиро низ дар назар дорад[95].

Тавре, ки А.И. Долгова қайд менамояд, «порагирӣ ва фурӯхташавии мансабдорони давлатӣ ва дигар хизматчиёни давлатӣ, истифода аз мақом ва салоҳияти хидматӣ ба манфиати порадиҳанда мебошад»[96]. Бинобар ин, ба ақидаи мо ошкори чунин ҷиноятҳо, ки миёни шахси мансабдори давлатӣ ва ё ба онҳо баробаркардашуда бо дигар шахсон ба вуҷуд меояд, вазифаи мураккаб мебошад. Зеро дар содиршавии чунин кирдорҳои коррупсионӣ манфиати ҳарду ҷониб дар назар дошта шуда, онҳо кушиш менамоянд, ки амалҳои коррупсиониашон ифшо нагардад.

Ба ақидаи Купиршенко Н.П., баҳсҳо дар самти истилоҳ ва ё мафҳуми коррупсия, ки андешаҳои гунонуни олимонро дар бар мегирад, хело зиёд мебошанд, ин олим изҳор доштааст, ки коррупсия, ин ришва, порагирӣ (таърифи маҳдуд) ва тамоми равандҳои манфӣ дар худи механизми идоракунии давлатӣ (таърифи васеъ) мебошад[97]. Ба андешаи мо, бояд мундариҷаи коррупсия аниқ карда шавад ва он танҳо бо порагирӣ набояд

---

[93] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1984. – С. 264.
[94] Большой юридический словарь / Под ред. В.Е. Крутских, А.Я. Сухарева. – М.: Инфра–М, 2003. – С. 288.
[95] Ниг.: Словарь иностранных слов. – М., 1954. – С. 369.
[96] Криминология: учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 4–е изд., перераб. доп. – М.: Норма; Инфра, 2010. –С. 801.
[97] Ниг.: Купрещенко Н.П. Влияние коррупции на экономические отношения в Российской Федерации // Налоги (журнал). – М.,2008. – С.7–12.

маҳдуд гардад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки порагирӣ намуди ҷинояти мушаххастарин зуҳуроти коррупсия мебошад.

Ба андешаи баъзе олимон дар муайянсозии мафҳуми ҷиноятии коррупсионӣ, кӯшиши нисбат додани тамоми маҷмуи ҷиноятҳои мансабӣ ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷой дорад[98].

Дар Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) оид ба мубориза бо коррупсия, ки 31 октябри соли 2003 қабул карда шудааст, мафҳуми коррупсия чунин шарҳ ёфтааст, «аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ, сӯиистифодаи салоҳиятҳое, ки ба онҳо бовар карда шудаанд, ба онҳо дар баробари порагирӣ, тасарруф, азхудкунӣ ё дигар намуд истифодабарии ғайриқонунии моликият, сӯиистифода аз нуфӯз ё мақоми хидматӣ, дорошавии ғайриқонунӣ, ришвадиҳии тиҷоратӣ, қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноят ва як қатор ҷиноятҳои дигар дохил мешаванд». Ҳамчунин дар ин ҳуҷҷати барномавии СММ дар бораи муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия чунин таърифи кӯтоҳ ва пурмазмун оварда шудааст, «Коррупсия – ин сӯиистифодаи ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ мебошад»[99].

Инчунин мафҳуми коррупсия дар барномаҳои гуногуни мубориза бо коррупсия, ки аз ҷониби СММ, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мегарданд, ба тарзи гуногун оварда шудааст. Масалан Бонки Ҷаҳонӣ ва ХБА коррупсияро ҳамчун «сӯиистифода аз мақоми давлатӣ барои манфиати шахсӣ» таъриф медиҳанд.

Коршиносони Шурои Аврупо оид ба мубориза бо коррупсия мафҳуми коррупсияро чунин шарҳ додаанд: «Коррупсия ин порагирӣ, ришва ва ҳама гуна рафтори дигари шахси ваколатдори сохторҳои давлатӣ ё хусусӣ мебошад, ки ӯҳдадориҳояшро, ки аз мақоми расмии ӯ

---

[98] Ниг.: Абдиев К.М. Понятие коррупции и система уголовно–правовых средств борьбы с ней: автореф. дис. … д–ра юрид. наук. – М.,1995. – С. 9–11.

[99] Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. Принята Генеральной Ассамблеей ООН на 51–м пленарном заседании 31 октября 2003 года / Доступ через СПС «Консультант плюс».

ҳамчун шахси расмии давлатӣ, корманди хусусӣ, агенти мустақил ё мақоми дигари ба ин монанд бармеоянд, бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардани ҳар гуна манфиатҳо барои худ ё шахси дигар вайрон мекунад»[100].

Ин мафҳуми коррупсия хело васеъ мебошад, ки дар он моҳияти коррупсия аз ду қисми таркибӣ иборат аст:

1) Истифодаи амалҳои давлатӣ, ба даст овардани неъматҳои моддӣ, дигар неъматҳо ва афзалиятҳо;

2) Ғайриқонунӣ ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ супоридани чунин неъмату афзалиятҳо.

Дар Кодекси рафтори ашхоси мансабдор оид ба нигаҳдошти тартиботи ҳуқуқӣ, ки Ассамбляи генералии СММ 17 декабри соли 1979 қабул намудааст, қайд мегардад, ки «Коррупсия ин содиркунӣ ё содир накардани амалҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо, бо сабаби гирифтани туҳфаҳои талабшаванда ё қабулкардашуда, ваъда ё ҳавасмандгардонӣ мебошад»[101]. Инчунин дар санади мазкур қайд мегардад, ки мафҳуми коррупсияро бояд қонунгузории миллӣ муқаррар намояд.

Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 маротиба қонунҳо дар самти муқовимат бо коррупсия қабул гардидааст, ки дар онҳо мафҳуми коррупсия ба тарзи гуногун пешбинӣ шудааст. Чунончӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999, таҳти №875 қабул гардида, зери мафҳуми коррупсия ҳаракати (беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, ки истифодаи мақоми худ ва имкониятҳои онро барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва неъмату имтиёзҳои дигари пешбинӣ накардаи қонунҳо равона мекунанд, инчунин ба онҳо ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъмату имтиёзҳои мазкур аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ фаҳмида мешуд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки аз 25–уми

---

[100] Некоторые аспекты международно–правового сотрудничества государств–членов Совета Европы в области борьбы с коррупцией // Журнал российского права. – 2000. – №7. – С. 65–73.
[101] Международная защита прав и свобод человека / Сб. документов. – М.: 1990. – С. 323.

июли соли 2005, таҳти №100 қабул шуда буд, чунин мафҳуми коррупсия оварда шудааст: «Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ», мебошад.

Бо қабул гардидани қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7–уми августи соли 2020 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мафҳуми коррупсия шарҳ дода шуд ва мутобиқи он «Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ»[102] фаҳмида мешавад.

Меъёри мазкур манфиатҳои мустақимро дар шакли маблағҳои пулӣ ё ашёи қиматбаҳо, амвол ё хизматҳои дорои хусусияти моликиятӣ доро мебошад. Аммо дар ин таъриф мафҳуми ғайриқонунӣ расонидани хизматрасонӣ маҳдуд гардидааст. Зеро коррупсия метавонад, дар шакли расонидани хизматрасониҳои хусусияти ғайримолумулки дошта, ё қонеъ намудани манфиатҳои шахсӣ бо дигар роҳу воситаҳо низ амалӣ гардад. Яъне дигар хизматрасониҳое, ки аз иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё вазифаҳои

[102] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 август, 2020, таҳти №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

ба онҳо баробар кардашудаи шахси мансабдор бармеояд, дар назar дошта мешавад. Масалан, дастрас намудани роххатҳои саёҳатӣ, муоличавию солимгардонӣ, ки аз ҳисоби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд. Кишту кори замин, нигоҳубини чорво, хона, иншоот, истироҳатгоҳу фароғатгоҳо, воситаи нақлиёт, таъмиру таҷдиди манзили истиқоматӣ, маҳсули моликияти зеҳнӣ (корҳои илмӣ, эҷодӣ, ихтироот ва кашфиёт) гирифтани розигӣ барои иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайра.

Робита ба ин, ба андешаи мо ба м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пас аз калимаҳои «ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар» илова намудани калимаҳои «инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта», зарур мебошад.

Дар ин самт мебояд, ки мафҳуми коррупсияро аз нуқтаи назари дигар илмҳои ҷамъиятӣ низ баҳогузорӣ намоем. Чунки ба ақидаи олими амрикоӣ Сьюзан Роуз – Аккерман коррупсия мушкилоти иқтисодӣ, маънавӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад. Он на танҳо падидаи ҳуқуқӣ, балки зуҳуроти иҷтимоии дар худи ҷамъият воқеъгашта мебошад[103].

Аз дигар тараф ба ақидаи сиёсатшиносон коррупсия ҳамчун тарз ва воситаҳои гуногуне мебошад, ки сохторҳо ва шахсони гуногун тавассути онҳо ба ҳокимияти давлатӣ ё институтҳои алоҳидаи он таъсири назаррас мерасонанд, ба мақомоти сиёсӣ, интихоб ё таъин мегарданд ва дар натиҷа ҳокимияти сиёсиро ба манфиати шахсию гурӯҳӣ истифода мекунанд.

Ба андешаи коршиносони соҳаи идоракунӣ бошад, коррупсия дар сиистифодаи захираҳо (молӣ, пулӣ, зеҳнӣ ва ғ.), ғайримақсаднок истифода бурдани онҳо зоҳир мегардад. Коррупсия дар он ҷое рушд меёбад, ки маоши кормандони соҳаи идоракунӣ паст аст, соҳаи хизматрасонӣ аз

---

[103] Коррупция и государство. Причины, следствия, реформы, Роуз–Аккерман С., 2010 Р79 – М.: 2003. – 356 с.

тарафи як ё якчанд шахс монополия шудааст ва ба шахсони мансабдор ваколатҳои зиёд дода шудаасту назорат аз болои онҳо суст мебошад[104].

Мафҳумҳои ба ҳамин монанд дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ низ мавҷуд аст. Аз ҷумла дар қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мубориза ба коррупсия»[105] зери мафҳуми коррупсия сӯиистифода аз мақоми хизматӣ, додани пора, гирифтани пора, сӯиистифода ваколатҳои хизматӣ, ришвадиҳии тиҷоратӣ ё истифодаи дигари ғайриқонунии шахси воқеӣ мақоми мансабии худ, бар хилофи манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли пул, ашёи қиматбаҳо, дигар амвол ё хидматҳои хусусияти амволӣ дошта, дигар ҳуқуқҳои амволӣ барои худ ё барои шахсони сеюм ё ғайриқонунӣ додани ин гуна имтиёзҳо ба шахси зикршуда аз ҷониби шахсони дигар фаҳмида мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мубориза ба коррупсия» зери мафҳуми коррупсия ғайриқонунӣ шахсан ё тавассути миёнарав аз ҷониби ашхоси иҷрокунандаи вазифаҳои давлатӣ (амалҳои давлатӣ), инчунин ашхоси ба онҳо баробар кардашуда бо истифода аз ваколатҳои мансабии худ ва имкониятҳои мансуб ба он қабул намудани неъматҳои моддӣ ва афзалиятҳо, ҳамчунин моил намудани шахсони мазкур тавассути додани неъмату афзалиятҳои зикршуда аз тарафи ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ шарҳ ёфтааст[106].

Дар ин қонун таърифи мазкур аз ду қисм иборат аст:

1) Қабул намудани неъмату афзалиятҳои моддӣ аз ҷониби ашхоси иҷрокунандаҳои вазифаҳои давлатӣ, инчунин ашхоси ба онҳо баробар кардашуда;

2) Харидани чунин шахсон аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути ба онҳо додани неъмату афзалиятҳо.

---

[104] Ниг.: Коррупция. Политические, экономические, организационные и правовые проблемы / Под ред. В.В. Лунеева. – М.: Юристъ, 2001. – 426 с.

[105] Федеральный закон от 25 декабря 2008 г., №273 – ФЗ «О противодействии коррупции» (в ред. от 15.02.2016 г.) / Доступ через СПС «Консультант плюс».

[106] Закон Республики Казахстан «О противодействии коррупции» от 18 ноября 2015 года, №410–V ЗРК [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://zakon.uchet.kz/rus/docs/Z1500000410 (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

Ҳамин тавр, коррупсия ҳамчун як падидаи зиддиичтимоии хавфнок тавсиф мегардад. Ба андешаи мо, коррупсия ин сӯиистифода аз мансаб мебошад, ки ба ғарази шахсӣ ва дорошавии моддӣ равона гардида, сабаби асосии паст гаштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва инчунин коҳиш ёфтани имконияти ҳалли мушкилоти ичтимоӣ мегардад.

Дар ҷомеа яке аз зуҳуроти ҷиноятии аз ҷиҳати манфии ба ҷамъият хавфноктарини коррупсия ин гирифтани фоидаи ғайриқонунӣ мебошад. Ҷиноятҳои коррупсионӣ чунин зарари баръало намоён надоранд, масалан ба монанди ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатӣ (аз ҷумла, куштор, расонидани зарари ҷисмонӣ ва ғ.) ё ҷиноятҳои зиддимоликият ва тартиботи ҷамъиятӣ, аз ин рӯ хавфи ин намуди ҷиноят дар назари аввал он қадар заёновар нест. Муайян кардани андозаи зиён аз рӯйи гирифтани подоши ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси мансабдор хеле мушкил аст, зеро чунин зарар ба категорияи эҳтимолӣ тааллуқ дорад[107].

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе аз кишварҳои давлатҳои пасошуравӣ мафҳуми коррупсия на дар қонуни алоҳида, балки дар Кодекси ҷиноятии онҳо шарҳ дода мешавад. Ҳамин тавр, масалан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон дар боби 42 «Ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дигар ҷиноятҳо ба муқобили манфиатҳои хизмати давлатӣ», мафҳуми коррупсия дар м. 336 чунин оварда шудааст: «Коррупсия кирдори қасдонаи иборат аз эҷоди робитаи ғайриқонунии устувори як ё якчанд шахсони мансабдори дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида бо мақсади ба даст овардани ғайриқонунии моддӣ, дигар манфиатҳо ва афзалиятҳо, инчунин аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани чунин имтиёзҳо ва афзалиятҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба манфиатҳои ҷомеа ё давлат таҳдидро эҷод мекунанд»[108].

Дар санадҳои байналмилалӣ истилоҳи коррупсия аз порахӯрӣ тафовут карда мешавад. Ҳамин тавр, дар дастури омоданамудаи

---

[107] Ниг.: Криминология: учебник для юридических вузов / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальникова, С.В. Степашина. – СПб.: Санкт–Петербургский ун–т МВД России, 2006. – С. 38.

[108] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527 (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо қонуншиканон (Гавона, с.1990) таҳти унвони тадбирҳои амалии мубориза алайҳи коррупсия чунин аломатҳои коррупсиониро пешниҳод карда шудаанд:

а) Хусусияти зиддиқонунии истифодабарии мақоми хизматии худ;

б) Хусусияти бисёрсамтаи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ:)

в) Маҳдудшавии доираи васеи субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ бо шахсони мансабдори давлатӣ;

г) Тақсими зуҳуроти хавфноктарини коррупсия ба ду намуд:

– азхудкунии моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

– сӯиистифодаи хизматчиёни давлатӣ аз мақоми хизматии худ, бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардани ягон афзалият дар ҳолати набудани аломатҳои азонихудкунӣ.

Бояд қайд намуд, ки мафҳумҳои коррупсия ва ҷинояти коррупсионӣ якхела нестанд. Ҷиноятҳои коррупсионӣ танҳо як ҷузъи падидаи коррупсия мебошанд. Мафҳуми «ҷинояти коррупсионӣ» дар криминология солҳои зиёд истифода мегардад[109]. Дар илми криминологӣ инчунин хусусиятҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, латентнокии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ғайра таҳқиқ шуданд[110]. Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ягон санади қонуние мавҷуд нест, ки маҳакҳо ва мафҳуми ҷиноятҳои коррупсионӣ тибқи он муайян карда шаванд. Ҳолати мазкур барои муҳаққиқон тафовутсозии ҷиноятҳои коррупсиониро аз маҷмуи ҷиноятҳои дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ба вуҷуд меорад. Мавриди зикр аст, ки муаллифон доираи ин ҷиноятҳоро ба тариқи гуногун муайян намудаанд.

---

[109] Ниг.: Криминология: учебник для юридических вузов / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальникова, С.В. Степашина. – СПб.: Санкт–Петербургский ун–т МВД России, 1999. – С. 81; Криминология: учебник для вузов / Под ред. В.Д. Малькова. – 2–е изд., перераб. и доп. – М.: Юстицинформ, 2006. – С. 76; Криминология / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 4–е изд., перераб. и доп. – М.: Инфра–М, 2010. – 1008 с

[110] Ниг.: Максимов С.В. Коррупция. Закон. Ответственность: учеб. пособие. – Изд. 3–е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН Ин–т государства и права РАН, 2017. – 287 с.; Гилинский Я.И. Коррупция: теория и российская реальность / Я.И. Гилинский // Актуальные проблемы трансформации социального пространства. – Спб., 2004. – 189 с.; Бугаевская Н.В. Коррупционные преступления: виды и особенности субъекта: монография. – М.: Изд–во «Юрлитинформ», 2015. – 198 с. ва диг.

Ҳамин тавр, ба андешаи Б.В. Волженкин, ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷиноятҳое мебошанд, ки шахсони расман ба идоракунӣ алоқаманд (кормандони давлатӣ ва коммуналӣ ва дигар шахсоне, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор гардида), бо истифода аз роҳҳои гуногуни дар ихтиёрдошта бо мақсади ба даст овардани манфиати шахсӣ содир мегарданд. Муаллиф ба чунин ҷиноятҳо кирдорҳои «қаллобӣ, азонихудкунӣ ва ё исрофкориро бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ, ҳолатҳои сӯиистифода аз мансаб, иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, ришва, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, маҳдуд кардани рақобат, сохтакории хизматӣ ва як қатор ҷиноятҳои дигар, ки хизматчиёни давлатӣ бо истифодаи мақоми хизматӣ бо мақсадҳои ғаразноки шахсӣ ё гурӯҳӣ содир мекунанд»[111] шомил намудааст.

Дар таҳлили ҷиноятҳои коррупсионӣ ва мафҳуми он А.И. Долгова мафҳуми ҷиноятҳои коррупсиониро пешниҳод накардааст, ӯ танҳо иброз доштааст, ки дар баробари ҷиноятҳои дар боло номбаршуда, ба чунин ҷиноятҳо: додани пора, ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, гувоҳии бардурӯғ бо мақсадҳои ғаразнок, ришвадиҳии тиҷоратӣ, монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ[112], шомил мебошанд.

Тавре А.В. Грошев ва Е.В. Епифанов қайд менамоянд, ҷиноятҳои коррупсионӣ бояд ҳамчун «кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке фаҳмида шаванд, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардиданд ва бар зидди манфиатҳои хизматӣ дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, инчунин ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо равона гардида, дар гирифтани ғайриқонунии ҳар гуна неъматҳои моддию ғайримоддӣ ва бартарӣ ва имтиёзҳо дар робита бо мавқеи хизматӣ чунин субъектҳо зоҳир

---

[111] Криминология: учебник для юридических вузов / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальникова, С.В. Степашина. – СПб.: Санкт–Петербургский ун–т МВД России, 1999. – С. 406; Волженкин Б.В. Коррупция и уголовный закон / Волженкин Б.В. // Избранные труды по уголовному праву и криминологии (1963–2007). – СПб., 2008. – 969 с.

[112] Ниг.: Долгова А.И. Определение коррупции и законодательство о борьбе с ней / А.И. Долгова // Коррупция и борьба с ней. – М.: Российская криминологическая ассоциация, 2000. – С. 18–19; Долгова А.И. Криминологические оценки организованной преступности и коррупции, правовые баталии и национальная безопасность. – М.: Российская криминологическая ассоциация, 2011. – 665 с.

мегарданд ва ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои ҷамъият ё давлатии бо қонун ҳифзшаванда зарари назаррас мерасонад»[113]. Аммо, дар ин таъриф, яқин будани мавзуи ҷинояти коррупсионӣ вуҷуд надорад, инчунин маълум нест, ки оё субъекти ҷинояти коррупсионӣ барои худ ё барои ашхоси дигар манфиат дорад.

В.А. Григорев ва В.В. Дорошин ба он андешаанд, ки ҷинояти коррупсионӣ ин «аз ҷониби қонунгузори ҷиноятӣ пешбинигардидаи ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии мақоми хизматии шахс ё ғайриқонунии додани имтиёз аз ҷониби шахси дорои мақоми хизматидошта, ки бо қасди бевосита ва мақсади гирифтани фоида барои худ ё наздиконаш содир мегардад»[114].

Ба андешаи Н.Ф. Кузнетсов «коррупсия номгузорӣ намудани тамоми ҷиноятҳои ғаразноки мансабӣ, масалан сӯистифода аз ҳокимият, сохтакориҳо, натанҳо мувофиқи мақсад нест, балки бо принсипи тафовути гуноҳ, фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо номутобиқ мебошад. Чунин танзимнамои мубориза ба муқобили ҷиноятҳои хоҷагидорӣ ва мансабиро душвор гардонида, ба бандубасткунии ҷиноят ва татбиқи ҷазо барои онҳо халал мерасонад»[115].

Ба андешаи Б.В. Волженкин коррупсия ба маънои васеъ падидаест, ки ба дастгоҳҳои идоракунии ҷамъиятӣ ва давлатӣ зарар расонида, дар бадахлоқшавии ҳокимият, истифодаи қасдонаву ғайриқонунии мақоми хизматӣ аз тарафи шахсони мансабдор бо мақсадҳои ғаразнок барои ғанигардонии шахсӣ ифода меёбад[116].

Бояд қайд намуд, ки як қатор муаллифон на танҳо ба аломатҳо ва намудҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, балки ба таҳрири қонунгузории ин самт низ таваҷҷӯҳ менамоянд. Аз ҷумла И.А. Тсоколов, С.А. Головко пешниҳод мекунанд, ки қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ ФР бо модда оид

---

[113] Истоки и современное содержание уголовной политики в области здравоохранения: актуальные вопросы теории и практики: монография / Под ред. А.В. Грошева, Е.В. Епифановой. – М.: Юрлитинформ, 2013. – С. 132–133.
[114] Григорьев В.А., Дорошин В.В. Коррупционное преступление: понятие, признаки, виды. – М., 2002. – С. 8.
[115] Кузнецов Н.Ф. Коррупция в системе уголовных преступлений / Н.Ф. Кузнецов // Вестник МГУ. Серия 11: Право. – 1993. – №1. – С. 22.
[116] Ниг.: Волженкин Б.В. Коррупция и уголовный закон / Б.В. Волженкин // Правоведение. – 1991. – №6. – С. 64.

ба мафҳуми ҷинояти коррупсионӣ илова карда шавад, ин ба андешаи олимон ҷиҳати баҳисобгирии оморӣ ва фаҳмиши ягонаи мафҳуми ҷинояти коррупсионӣ мусоидат хоҳад кард[117].

Муаллифони дигар ҷонибдори ҷудо кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар боби мустақили қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ва муайян кардани мафҳуми ҷинояти коррупсионӣ ва рӯйхати чунин ҷиноятҳо мебошанд, ки таърифҳои истилоҳоти асосии ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар мегирад[118].

Муаллифони гурӯҳи сеюм зарур мешуморанд, ки дар боби алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ якҷоя кардани унсурҳои на ҳама ҷиноятҳои коррупсионӣ, балки танҳо онҳое ҷой карда шаванд, ки шахсони дорои ваколатҳои ташкилию маъмурӣ ё маъмурӣ ва иқтисодӣ дар ташкилотҳои дорои иштироки давлатӣ (коммуналӣ) мебошанд[119].

Ба ақидаи муаллифони гурӯҳи чорум рӯйхати амалҳои коррупсионӣ бояд, дар қонуни алоҳида, аз ҷумла «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» сабт карда шавад, ки он роҳнамои муайян кардани хусусияти коррупсионии ҷиноятҳо гардад ва дар қонуни ҷиноятӣ кофӣ аст, ин унсурҳои ҷиноят.

Муҳаққиқони ватанӣ А.И. Сафаров ва А.Х. Авзалов, инчунин проблемаи таносуби байни мафҳумҳои «коррупсия» ва «ҷинояти коррупсионӣ» –ро муфассал омӯхта, қайд карданд, ки дар байни олимон оид ба таърифи ин мафҳумҳо ягонагие вуҷуд надорад. Баъзе олимон мафҳуми «ҷинояткории коррупсионӣ»–ро истифода мебаранд, дигарон – «ҷиноятҳои коррупсионӣ», баъзеи дигар – «ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва ё зиддикоррупсионӣ бударо ва чаҳорум ҳамаи ин мафҳумҳоро истифода мебаранд[120].

---

117 Ниг.: Головко С.А. Противодействие коррупционной преступности в России: ретроспектива, современность и перспектива: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2006. – С. 7; Цоколов И.А. Проблемы уголовного преследования лиц, совершивших коррупционные преступления. К вопросу об оптимизации понятия «коррупционное преступление» / И.А. Цоколов // Российский следователь. – 2011. – №5. – С. 13–17.

118 Ниг.: Илий С.К. Нормативное определение перечней преступлений и других правонарушений коррупционной направленности / С.К. Илий // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – 2010. – №6. – С. 39–40.

119 Ниг.: Каменский Н.А. Вопросы разграничения коррупционных преступлений в коммерческих и иных организациях с преступлениями против государственной или муниципальной службы / Н.А. Каменский // Вестник Тамбовского ун–та. Серия: Гуманитарные науки. – 2012. – №12. – С. 521.

120 Ниг.: Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по

Сафаров А.И. ва Авзалов А.Х., қайд менамоянд, ки истифодаи синоними мафҳумҳои «коррупсия» ва «ҷинояти коррупсионӣ» комилан дуруст нест, зеро мафҳуми коррупсия васеътар аст. Ба андешаи онҳо, коррупсия, илова бар ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта, аз ҷумла ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, интизомӣ ва шаҳрвандиро низ дар бар мегирад[121].

Ҳамзамон, бо назардошти ба мақсад мувофиқ будани истифодаи истилоҳҳо бо маънои этимологии худ, муаллифони дар боло зикршуда истифодаи мафҳумҳои «ҷинояти коррупсионӣ» ва «ҷиноятҳои коррупсионӣ»–ро ба таври лозима қайд менамоянд.

Ҷинояти коррупсионӣ дар баробари дигар номгӯйи ҷиноятҳо падидаи манфиро ба бор оварда, аз низоми ҷиноятҳои дар вақт ва ҳудуди муайян содиршуда иборат аст, ки дар маҷмуъ марбут ба зуҳуроти коррупсия мебошанд. Ҳамзамон, ин ҷиноятҳо хусусиятҳои низомнокиро дорад, яъне дар онҳо вобастагиҳои устувори байни унсурҳои инфиродӣ ва робитаҳо бо дигар падидаҳои берунии иҷтимоӣ мавҷуданд[122].

Бо таҳлили қонунгузории зиддикоррупсионии Тоҷикистон аломатҳои зерини назарраси ҷинояти коррупсиониро метавон, муайян намуд:

а) таҷовуз ба манфиатҳои қонунӣ ва шаъну эътибори ҳокимият, инчунин ба манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

б) истифодаи мақоми хизматӣ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ;

в) ғайриқонунӣ ба даст овардани афзалиятҳо аз ҷониби хизматчии давлатӣ (хизматҳо, имтиёзҳо, фоидаи моддӣ);

г) қасди бевосита ва бавосита доштани гунаҳгор барои расонидани зарар ба манфиатҳои қонунии дастгоҳи давлатӣ ва эътибори хизмати оммавӣ;

д) мавҷудияти манфиатдории ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ.

---

законодательству Республики Таджикистан / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов // Юридическая наука: история и современность. – СПб., 2016. – №3. – С. 176.

[121] Ниг.: Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Асари змкргардида. – С. 176.

[122] Ниг.: Алимардонов М.У. Законодательное и научное определение коррупции и коррупционной преступности / М.У. Алимардонов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018 . – №3 (36). – С. 15–20.

Вобаста ба ин ҷиноятҳои коррупсиониро ба чор гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1) Ҷиноятҳое, ки ба манфиатҳои қонунӣ ва эътибору нуфӯзи хизмати давлатӣ, ки ҳамчун объекти бевосита ва асосӣ, баромад мекунанд, таҷовуз менамоянд ( гурӯҳи асосии ҷиноятҳои коррупсионӣ) – сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶ ҶТ); гирифтан ва додани пора (моддаҳои 319 ва 320 КҶ ҶТ); сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶ ҶТ); иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (м. 318 КҶ ҶТ);

2) Ба гурӯҳи дуюм, ҷиноятҳои коррупсионие, ки ба манфиатҳои қонунӣ ва эътибору нуфӯзи хизмати давлатӣ ҳамчун объекти иловагии бевосита таҷовуз мекунанд, яъне; Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) (м. 187 КҶ ҶТ); монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м. 258 КҶ ҶТ); қочоқе, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир карда шудааст (б. «б» қ. 4 м. 289 КҶ ҶТ); саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ (б. «б» қ. 2 м. 291 КҶ ҶТ); иғвои порадиҳӣ (м. 321 КҶ ҶТ);

3) Ба гурӯҳи саввум ҷиноятҳои коррупсионие шомиланд, ки ба сарватҳои иҷтимоии зикршуда ҳамчун ба объекти ғайриҳатмӣ (факултативӣ) таҷовуз мекунанд: Тасарруфи маводи радиоактивӣ, ки аз тарафи шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир карда шудааст.(б. «в» қ. 2 м. 194 КҶ ҶТ); Тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир карда шудааст.(б. «в» қ. 4 м. 199 КҶ ҶТ); Тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо бо истифода аз мақоми хизматӣ ва тасарруфи перекурсорҳо бо истифода аз мақоми хизматӣ (б. «г» қ.2. м. 202, б. «в» қ. 2 м. 202 прим 2 КҶ ҶТ); сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир карда шудааст (б. «а» қ. 2 м. 230 КҶ ҶТ); азхудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад (б. «г» қ. 2 м. 245 КҶ ҶТ); қаллобӣ, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст (б. «г» қ. 2 м. 247 КҶ ҶТ);

қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст (б. «в» қ. 2 м. 262 КҶ ҶТ); ғайриқонунӣ додани кредит (м. 265 КҶ ҶТ); саркашии бадқасдона аз адои қарзи кредиторӣ (м. 266 КҶ ҶТ); аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ (м. 287 КҶ ҶТ):

4) Ба гурӯҳи чорум мо ҷиноятҳои коррупсиониеро шомил менамоем, ки ба принсипҳои асосии амалисозии фаъолияти иқтисодӣ таҷовуз мекунанд: Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат бо сӯиистифодаи мақоми хизматӣ (б. «в» қ. 3 м. 273 КҶ ҶТ); ришвадиҳии тиҷоратӣ (м. 279 КҶ ҶТ); ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ (м. 280 КҶ ҶТ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (м. 295 КҶ ҶТ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судияҳои ҳакамӣ, ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (м. 296 КҶ ҶТ).

Мавриди зикр аст, ки дар таърифҳои коррупсия, ки дар қонунгузорӣ оид ба коррупсия дода шудааст, порахӯрӣ аз коррупсия ҷудо намегардад. Ҳамин тавр, тибқи м. 25–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» кирдорҳое, ки аз ҷониби шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба он баробаркардашуда содир шудааст, ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд мебошанд ва омилҳои порахӯрӣ ва коррупсияро ба вуҷуд меоваранд.

Аз ҷумла:

1) аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои ҳуқуқӣ пешбининагардида, ба вуҷуд овардани монеаҳои дигари сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъин (интихоб) ва (ё) пешбарӣ шудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва вазифаҳои дигари давлатӣ;

2) додани ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд;

3) қабули подош дар шакли пул, хизматрасонӣ ва шаклҳои дигари барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои дахлдорро иҷро намекунад, инчунин аз ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

4) қабул кардани туҳфа ва хизматрасониҳои дигари вобаста ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё вазифаҳои ба онҳо баробаркардашуда аз шахсони аз рӯйи вазифа тобеъ, ба истиснои армуғон ва туҳфаҳои дигари рамзӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои протоколӣ ва расмии дигар, ки арзиши умумиашон дар як сол аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест, инчунин додани чунин туҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори болоӣ;

5) истифодаи бартариҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининагардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва қарзҳо, харидани қоғазҳои қиматнок, молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар;

6) додани бартарӣ ё имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгиркунии фармоишоти давлатӣ ва фармоишҳои дигаре, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд ва ё аз ҳисоби ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли моликияташон, тақсимоти воситаҳои пулӣ ва молӣ, захираҳои энергетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо, баргардонидани қарзҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дигари пулӣ ва молӣ;

7) бе қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ба ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои пулӣ ва молии давлатӣ;

8) бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайрихизматӣ истифода намудани бино, воситаи нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронии алоқа ва захираҳои пулӣ ва молии давлатӣ;

9) ба фондҳои интихоботии номзадҳо ба вакилӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронидани захираҳои пулӣ ва молии давлатӣ;

10) беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва санадҳои дигари дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ ва суд;

11) ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба даст омадааст ва паҳнкунии чунин маълумот манъ аст;

12) дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, халалдор кардани мустақилият ва вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, ғайриқонунӣ барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъин ё интихоб намудан ба мансаб ва ё аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандони субъектҳои хоҷагидор, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

13) ғайриқонунӣ аз ҳисоб баровардан, риоя накардани тартиби баҳодиҳӣ, ба фурӯш баровардани молу мулк, баргузор намудани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва хариди давлатии мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ба манфиати давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурӯхтани молу мулки давлатӣ, беасос вайрон намудани молу мулки ғайриманқули давлатӣ;

14) ғайриқонунӣ ё бо шартҳои ошкоро номувофиқ ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо барои истифода ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва ё сарватҳои дигари моддию табиӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайриқонунӣ рад намудан ҳангоми додан ё кашида гирифтани онҳо;

15) пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, ба расмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайриқонунӣ озод намудан аз

ҷавобгарии маъмурӣ ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ба кирдори содиршуда номувофиқ, инчунин чораҷӯӣ накардан вобаста ба ҷуброни зарари расонидашуда;

16) тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санад, аҳд, шартнома, эъломия ва ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибавӣ ҷиҳати хариду фурӯш, тухфа кардан, иваз намудан, гарав, иҷора, хусусигардонӣ, аз ҳисоб баровардан ва аҳдҳои дигар оид ба ихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли молу мулк, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки дар онҳо нарх, миқдор, ҳаҷм, соли истеҳсол ва нишондиҳандаҳои дигари молу мулк, иҷрои кор ва хизматрасонӣ таҳриф карда шуда, ба ин восита ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шудааст;

17) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳо ва ухдадориҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣ, аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷат ва маълумоте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳоди онро аз ҷониби ин шахсон пешбинӣ намекунад ё рад намудани ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, ба таъхир андохтани пешниҳоди маълумот, додани маълумоти нопурра ё нодуруст, ғайриқонунӣ ба гарав гирифтани ҳуҷҷатҳои ба онҳо мансуббуда;

18) ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

19) ба мақомоти барои баррасӣ ва қабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санад ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷуд аст, сарфи назар аз натиҷаи онҳо;

20) иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо;

21) ҳуқуқвайронкуниҳои дигаре, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд эътироф карда шудаанд.

Ҷавобгарӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд аз рӯйи хусусият ва дараҷаи ба ҷомеа хавфнокиашон бо қонунгузории меҳнат, граждонӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ муайян карда мешавад[123].

Ҳамин тавр, аломатҳои асосии кирдорҳои коррупсионӣ инҳо мебошанд:

– ҳаракат ё беҳаракатии хизмати ғайриқонунӣ;

– гирифтани мукофот бо намуди неъматҳои моддӣ ё дигар бартариҳо;

– дорошавии шахси мансабдор

Н.Н. Моршакова «коррупсия» ва «порахӯрӣ»–ро ҳамчун як намуд кирдор қайд менамояд: «Дар асоси Эъломияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия ва порагирӣ дар муомилоти тиҷорӣ байналмилалӣ»[124], мафҳумҳои «коррупсия» ва «порагирӣ» аз ҷониби қонунгузор муайян карда нашудааст, аммо матни ҳуҷҷат танҳо мафҳуми порагириро медиҳад, гарчанде ки ҳарду таъриф дар шартҳои баробар истифода мешаванд (талошҳо дар ҳама сатҳҳо барои мубориза бо коррупсия ва порагирӣ, ҳамкорӣ ва расонидани кӯмаки ба ҳамдигар дар робита бо тафтишоти ҷиноятӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ марбут ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ва порадиҳӣ)[125].

Монандии мафҳумҳои таҳқиқшаванда инчунин дар матбуоти ҳуқуқӣ низ қайд мегардад. Муаллифон аксар вақт мафҳумҳои «коррупсия», «ҷинояти коррупсионӣ», «порагирӣ» ва «ришва»–ро ҳамчун синоним истифода мебаранд[126].

---

[123] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 август, 2020, таҳти №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 07.04.2021).

[124] Декларация ООН о борьбе с коррупцией и взяточничеством в международных коммерческих операциях: утверждена Резолюцией 51/191 Генеральной ассамблеи ООН от 16.12.1996 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: СПС «КонсультантПлюс».

[125] Ниг.: Маршакова Н.Н. Понятие коррупции в международно–правовых актах / Н.Н. Маршакова // Российская юстиция. – 2010. – №11. – С. 67–71.

[126] Ниг.: Муссов М.Г. О понятии «коррупционное преступление в сфере экономики» / М.Г. Муссов // Российский следователь. – 2010. – №16. – С. 28–29.

Олими соҳаи ҳуқуқшиносӣ, И.Я. Богданов «порагирӣ»–ро ҳамчун ҷинояти давлатӣ шуморида қайд намудаанд, ки онро ду моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – м. 319 «Гирифтани пора» ва м. 320 «Додани пора» ташкил медиҳанд. Ин ду таркиби ба ҳам алоқаманд як навъ ҷиноят мебошанд, ки онро мафҳуми порадиҳӣ фаро мегирад, яъне аҳди музднок байни шахси мансабдор ва шахси дигаре, ки мехоҳад масъаларо ба манфиати худ ё ба манфиати намояндаи худ ҳал намояд[127].

Омӯзиш ва муқоисаи унсурҳои мундариҷаи истилоҳи «пора» ба тариқи таҳлили истилоҳи шабеҳ, масалан, дар қонунгузории Британиёи Кабир мувофиқи мақсад аст. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад сохтори ибтидоии қонунӣ «порагирӣ», (bribery) дар он пора ҳамчун «додани пора» муайян карда мешавад. Ба андешаи Британиён хатари бузурги ҷамъиятӣ, аз додани пора оғоз мегардад ва аз ин рӯ, пора на танҳо ва ҳатто на он қадар зиёд ба ҷиноятҳои мансабӣ тааллуқ дорад, зеро ин ҷиноятҳо аз ҷониби ду нафар содир мешаванд: пеш аз ҳама, оне, ки ба амалҳои фаъол порагирандаро мехарад ва касе, ки ба порагиранда пора медиҳад ба вуҷуд меояд. Порагирӣ тавре, ки дар м. якуми қонунгузории Британиёи Кабир қайд мегардад, кирдоре мебошад, ки аз ҷониби як шахс ба шахси дигар ба ивази «фоидаи молиявӣ ё дигар» иҷрои вазифа ё фаъолияти дахлдори «номатлубро» ба шахси дигар пешниҳод ё ваъда медиҳад[128].

**Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мафҳуми коррупсия ба чунин хулоса омадан мумкин аст:**

1. Коррупсия– кирдорҳои қасдонаи ба ҷамъият хавфноке мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо байни як ё якчанд шахсони мансабдори дорои ваколатҳои ҳокимият бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо бо мақсади ғайриқонунӣ гирифтан ва ё додани неъматҳои моддӣ ва

[127] Ниг.: Богданов И.Я. Коррупция в России: учебник. – М., 2010. – С. 29.

[128] Ниг.: Александрова И.А. Взяточничество по законодательству Великобритании и России. Статья №1. Преступление одно, подходы к регламентации разные / И.А. Александрова // Российский следователь. – 2011. – №21. – С. 34–38; Колоколов Н.А., Мазаев Д.В. Bribery Act 2010: удар по взяткодателю / Н.А. Колоколов, Д.В. Мазаев // Уголовное судопроизводство. – 2012. – №1. – С. 2–7.

ғайримоддӣ, инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта робитаҳои устувор эҷод мегардад.

2. Бо назардошти афзоиши сатҳи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки ба Қонуни амалкунанда «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ислоҳот ворид карда шавад. Аз ҷумла, м. 1–и «Мафҳумҳои асосӣ», ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд» бо б. 5 мафҳуми дорошавии ғайриқонунӣ дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Дорошавии ғайриқонунӣ – афзоиши назарраси дороиҳои (амволи) шахси мансабдор, ки аз даромади қонунии ӯ зиёд буда, манбаи ба дастовардани онҳоро асоснок карда наметавонад». Ҳамзамон зарур аст, ки дар доираи эъломияҳои солона аз шахсони мансабдор ба таври ҳатмӣ тавзеҳот оид ба таъсиси манбаъҳои ба даст овардани дороиҳо, амвол вобаста ба арзиши воқеии онҳо пешбинӣ карда шавад.

3. Дар м. 1–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», яъне пас аз калимаҳои «ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ё имтиёзҳои дигар» илова намудани: «инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта».

4. Зери мафҳуми миёнаравӣ дар порагирӣ на танҳо додан балки аз ҷониби миёнарав қабул намудан предмети пора аз порадиҳанда қабул намудани он барои интиқоли минбаъда ба порагиранда низ ба манфиати порагиранда бояд фаҳмид. Дар нусхаи амалкунанда м. 320–321 КҶ ҶТ, ки дар он ҳеҷ нишонае оид ба қабули предмет аз порадиҳанда мавҷуд нест, миёнарав дарвоқеъ аз порадиҳанда фарқ намекунад, ки ин метавонад барои тафсири гуногуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар амал оварда расонад.

### 1.3. Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия

Ҷузъи муҳими низоми пешгирии коррупсия қонунгузории зидди коррупсионӣ мебошад, ки ҳолатҳои он самаранокии ин фаъолиятро муайян мекунад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад[129].

Қайд намудан ба маврид аст, ки рӯйхати сарчашмаҳои дар қонун овардашуда ба пуррагӣ дарҷ нагардидаанд, зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла КҶ ҶТ ва КМҶ ҶТ, санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии дигар мақомотҳои давлатӣ, инчунин заминаи умумии ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 илова намудани санадҳои қайдгардида ба рӯйхат ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Маҷмуи меъёрҳои (қонунҳои) гуногуни ҳуқуқӣ бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

– ташкили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар тамоми соҳаҳои танзимшавандаи қонун;

– маҳдуд кардани имкониятҳое, ки ба коррупсия мусоидат мекунанд;

– кам кардани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни коррупсия;

– зиёд кардани эҳтимолияти ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ ва ногузирии ҷазои ҷиноятӣ;

– таъсир ба ангезаи рафтори коррупсионии «додан» ва «гирандагон»;

---

[129] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 07.08.2020, таҳти №1714, м. 2. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

– ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия дар ҳама шаклҳои зоҳиршавии он[130].

Тавре дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қайд мегардад: қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат бо коррупсия ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Аммо, агар ба матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, назар намоем, истилоҳи «коррупсия» дар он дида намешавад. Бо вуҷуди ин, тибқи Конститутсия давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад (м. 17). Гузашта аз ин, тибқи м. 5 Конститутсия, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Бинобар ин, моҳияти ин меъёри санади олии қонунгузории мамлакат, шаҳодати ба Конститутсия асос ёфтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»–ро тасдиқ менамояд.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки монеи татбиқи ҳуқуқҳои қонунии дар Конститутсия пешбинишудаи шаҳрвандон мегарданд, бюрократия дар хизмати давлатӣ ва ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ҳама зуҳуроти он мебошанд. Аз ин рӯ, давлат вазифаи худро оид ба таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ иҷро карда, бояд бо коррупсия мубориза барад.

Заминаи асосии ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мебошад. Қонуни мазкур муқовимат ба коррупсияро ҳамчун фаъолияти субъектҳои муқовиматбаранда дар ҳолатҳои зерин муайян намудааст:

– дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд;

[130] Ниг.: Бобырев В.В. Законодательное обеспечение противодействия коррупции. Проблемы и пути решения / В.В. Бобырев // Право и безопасность. – 2008. – №1 (26). – С. 70–73.

– ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд;

– бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ.

Қонун принсипҳои асосии мубориза бо коррупсияро муайян намуда, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии чораҳои пешгирии коррупсия, самтҳои асосии фаъолият оид ба баланд бардоштани самаранокии муқовимат ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар қонуни мазкур пешбинӣ гардидани принсипҳои гуногуни мубориза бо коррупсия, пеш аз ҳама ҳадафҳои гуногуни қонуни мазкур нишон дода шудааст, аз ҷумла: а) фаъолияти зидди коррупсия ба истифодаи чораҳои ҷазо ва пешгирикунанда асос ёфтааст; б) ин принсипҳо бисёрҷанба мебошанд, зеро онҳо нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти муқовимат бо коррупсия (мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони алоҳида) нигаронида шудаанд.

Ба сифати чораҳо оид ба пешгирии коррупсия бошад, дар м. 14 қонуни мазкур чунин ишора гардидааст: тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ; таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ; таҳлили хавфҳои коррупсионӣ; мониторинги зиддикоррупсионӣ; экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; чораҳои назорати давлатии молиявӣ; талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор; мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда; ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда. Ӯҳдадории риояи ин қонун ба зиммаи тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони шахсони манабдори давлатӣ гузошта шудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёд қабул гардида, барномаҳои миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд. Масалан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул гардид ва баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни мазкур бо дарназардошти ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Соли 2008 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он 31 октябри соли 2003 ҳамроҳ гардидааст, аз ҷониби Парламенти Тоҷикистон – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шуд. Дар заминаи меъёрҳои ин санади байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор гардид, ки қонунгузории худро ба Конвенсияи мазкур мутобиқ намуда, мақомоти махсуси муборизабаранда бо коррупсияро таъсис диҳад. Бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, таҳти №143 Политсияи андоз ва Кумитаи давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. 20 марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[131] ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007 таҳти №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул гардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012 тасдиқ гардид. Ҳамзамон, қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2010, №864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, №431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия

[131] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/374_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2012» ҳамчун ҳуҷҷати кӯтоҳмуддати давлатӣ дар радифи Стратегия ҳамчун идомаи мантиқии муқаррароти асосии он, ҷиҳати мукаммалгардонии сиёсати зиддикоррупсионӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 Шурои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия таъсис дода шуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, таҳти №1021 Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 қабул гардид, ки ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия, баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида буд.

Ҳамин тавр, дар замони истиқлолият як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд аз ҷумла:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016[132];

– Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи с. 1998[133];

–Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008 сол, таҳти №455[134];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи 2020, таҳти №1714 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия;

---

[132] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[133] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2020).

[134] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008 сол, таҳти №455 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2020).

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, таҳти №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ»[135];

– Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №492[136];

– Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, таҳти №591;

– Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 тасдиқ карда шудааст;

– Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 тасдиқ карда шудааст;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахурӣ)»;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2010, таҳти №864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, таҳти №431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2012».

Ғайр аз ин, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, таҳти №631 «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ»[137], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, таҳти №626 «Дар

---

[135] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бора хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 207, таҳти №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/233_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[136] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №492 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10. 2020).

[137] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, таҳти №631 «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ»[138], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №644[139], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011, таҳти №86[140], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №702[141], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №687[142], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №723[143], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №749[144], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», аз 2 августи соли 2011, таҳти №751[145] ва дигар қонунҳо[146] заминаи асосии пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсияро ташкил медиҳанд.

---

[138] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, таҳти №626 «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[139] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №644 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[140] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011, таҳти №86 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //mmk.tj/system/files/Legislation/684_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[141] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №702 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/702_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[142] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷуӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №687 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: http://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[143] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №723 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/723_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[144] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палати ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №749 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/749_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[145] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», аз 2 августи соли 2011, таҳти №751 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/721_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[146] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, таҳти №828, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 майи соли 2012, таҳти №46, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат» аз 1 августи соли 2012, таҳти №895 ва ғ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/721_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло овардашуда ва инчунин як қатор дигар меъёрҳои зидди коррупсия ба пешгирӣ ва муқовимат ба рафтори коррупсионӣ нигаронида шудаанд. Ҳангоми дар кирдори кормандон мавҷуд будани нишонаҳои ҷинояти коррупсионӣ онҳо ба намуди ҷавобгарии ба вазнини ҷиноят мувофиқ ҷалб карда мешаванд.

Ғайр аз қонунҳои зикргардида мутобиқи стратегия барои Тоҷикистон стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ пеш аз ҳама талаботи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда дар мадди аввал бояд, баррасӣ гарданд[147].

Муқаррароти Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия аз 31 октябри соли 2003 (14 октябри соли 2005 эътибор пайдо кардааст) рӯйхати чунин ҷиноятҳои коррупсиониро мушаххас менамояд[148].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тасвиби ин санад ӯҳдадор гардид, ки муқаррароти санади байналмилалии мазкурро дар қонунгузории миллии худ татбиқ намояд. Аммо, то имрӯз қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои мубориза бо коррупсияро дарбар мегирад, на ҳама муқаррароти Конвенсияро ба инобат гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати фаъолона татбиқ намудани ин муқаррарот метавонанд ба рушди қонунгузории зиддикоррупсионии миллӣ таъсири ҷиддӣ расонад ва самаранокии конунгузориро дар пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дучанд гардонад. Дар натиҷаи муқоисаи муқаррароти асосии Конвенсияи СММ ва қонунгузории миллии

[147] Ниг.: Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

[148] Ниг.: Формирование навыков и умений антикоррупционного поведения у сотрудников и государственных гражданских служащих органов внутренних дел: курс лекций. – М.: ДГСК МВД России, 2011. – С. 19.

зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳоро қайд намудан зарур аст:

Дар м. 2–и Конвенсияи СММ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар карда шудааст, ки: «мансабдори расмии давлатӣ» шахсоне таъингардида ё интихобгардида мебошанд, дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлатӣ ягон вазифаро бо музд ё иловапулӣ, бе музд ишғол менамоянд. Дар асоси ин муқаррарот таърифи васеи мафҳуми шахси мансабдорро дар ҷиноятҳои коррупсионӣ овардан мумкин аст.

Тибқи эзоҳи м. 314 КҶ ҶТ таҳти мафҳуми шахси мансабдор шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, мувофиқи м. 295 КҶ ҶТ зери мафҳуми «шахси мансабдор» дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро анҷом медиҳанд. Ин таърифҳоро пурра ва равшан намудан зарур аст. Мансаби давлатӣ бошад, тибқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», мансабҳои давлатӣ ба 2 гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

– мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ – мансабҳое, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудаанд;

–мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ (мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ) – мансабҳое, ки бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд;

Тибқи м. 6 Қонуни мазкур ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот баробар карда мешаванд, ки номгӯи мансабҳои онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Мансабҳои

давлатӣ мувофиқи вазифаашон ба идоравӣ, иҷроия ва ёрирасон тақсим карда мешаванд.

Моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатиро ҳамчун шахсе таъриф мекунад, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст[149].

Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати муттаҳиднамоии қонунгузорӣ мафҳуми истилоҳи «шахси мансабдор» ҷой надорад, аз ҷумла дар ягон манбаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ тафовут байни вазифаҳои иҷроия, иҷроия ва хизматрасонӣ муайян карда нашудааст.

Ғайр аз ин, ба андешаи мо, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», хизхматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) мақомоти давлатӣ низ метавонанд, эҳтимолан ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кунанд, аммо дар эзоҳ шахсони мансабдоре, ки иҷрои вазифаҳои хизматрасониро иҷро мекунанд, инъикос карда нашудаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» доираи маҳдуди шахсоне оварда шудааст, ки онҳо барои ҷиноятҳои коррупсионӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, яъне: субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд – субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд – шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, яъне шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансабҳои давлатии хизмати давлатиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, шахси мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ба он баробаркардашуда (шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои

---

[149] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 05.03.2007, таҳти №233 м. 1 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё узви мақомоти интихоботии давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, ки бо мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд), шахсе, ки хизматрасониҳои давлатиро амалӣ менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ[150].

Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани якрангӣ дар муайян кардани мақоми мансабдорон дар қонунҳои алоҳида Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси норавшании фаҳмиши ҳуқуқии онҳо ва ба вуҷуд овардани шубҳа оид ба таъини ҷавобгарӣ барои амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар сатҳи қонунгузорӣ таълиф ва коркарди таърифи умумӣ, мушаххас ва возеҳ намудани шахси мансабдор зарур аст, ки он ба дигар меъёрҳои санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад. Ин, бешубҳа, дар пешгирӣ, саркӯб, ошкор ва тафтиши парвандаҳо, инчунин риояи қатъии қонунҳо аз ҷониби шаҳрвандоне, ки ба таври возеҳ ва бидуни шубҳа муайян мегардад ва барои амалҳои коррупсионӣ кӣ метавонад, масъул бошад, нақши муҳим мебозад.

Инчунин, мафҳуми шахси мансабдори давлатӣ ба таври зайл пешниҳод карда мешавад: Шахси мансабдори давлатӣ – шахси таъин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбати шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои

[150] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 16.08.2020).

давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ–байналмилалии коррупсияро ба инобат гирифта, баррасии татбиқи чунин мафҳумҳо, аз қабили дорошавии беасос, непотизм, протексионизм ва дигар меъёрҳои конвенсионӣ оид ба шаклҳои маъмули рафтори коррупсионии шахси мансабдор дар қонунгузории миллии ҷиноятӣ тавсия дода мешавад[151].

Мавриди зикр аст, ки айни замон оид ба м. 20 Конвенсияи СММ зидди коррупсия то ҳол баҳсҳо идома доранд. Моҳияти м. мазкур «Дорошавии ғайриқонунӣ», чунин муқаррароти муҳимро дар бар мегирад: «Ҳар як давлати аъзо бо дарназардошти риояи Конститутсия ва принсипҳои бунёдии низоми ҳуқуқии миллиашон, бояд тадбирҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро оид ба ҷиноят ва сазовори ҷазо эътироф намудани кирдорҳои қасдонаи дорошавии ғайриқонунӣ коркард намоянд, яъне афзоиши назарраси дороиҳои шахси мансабдори давлатӣ нисбат ба даромади қонунии ӯ, ки онро асоснок карда наметавонад»[152].

Конвенсияи мазкурро Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба имзо расонида, он аз ҷониби палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон 16 апрели соли 2008 ба тасвиб расидааст, бинобар ин, тибқи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бартарияти қонуни байналмилалии тасвибшударо эътироф мекунад аз рӯи қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд, ба ин санади асосӣ мутобиқ карда шаванд[153]. Аммо мутаасифона то ҳол кирдори мазкур дар КҶ ҶТ ҷой надорад.

Тавре, ки баъзе муаллифон қайд менамоянд, монеаи асосӣ дар мубоританзаи воқеӣ бо коррупсия мавҷуд набудани меъёр дар қонунгузории

[151] Ниг.: Коррупция: природа, проявления, противодействие: монография / Под ред. Т.Я. Хабриевой. – М.: «Юриспруденция», 2014. – С. 23–24.
[152] Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. Принята Генеральной Ассамблеей ООН на 51–м пленарном заседании 31 октября 2003 года / Доступ через СПС «Консультант плюс».
[153] Постановление Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16 апреля 2008 года, №952 «О ратификации Конвенции Организации Объединенных Наций против коррупции» // Ахбори Маджлиси Оли РТ . – 2008. – №4. – м. 330.

ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои дорошавии ғайриқонунӣ муайян намояд, мебошад[154].

Масалан вақте, ки шахсони мансабдор наметавонанд, манбаи сарвати худро асоснок намоянд. Чунин даромадҳо, ки манбаи пайдоишашон маълум нест, аксар вақт натиҷаи ришва, азхудкунӣ, дуздӣ, қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада ё қаллобӣ буда, гувоҳи рафтори коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

Тавре, ки дар Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020 қайд мегардад, «Дар бахши криминализатсияи коррупсионӣ (муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ) тағйир додани муқаррароти дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқ ё мутобиқ овардани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба муқаррароти Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия мебошад»[155].

Бинобар ин, ба андешаи мо имплементатсияи м. 20 Конвенсияи СММ ва дорошавии қасдонаи ғайриқонуниро криминализатсия намудан зарур аст, зеро чораҳои мавҷудаи мубориза бо коррупсия дар қонунгузории ҶТ ба таври возеҳ кофӣ нестанд, исботи ин Индекси дарки коррупсия мебошад, ки аз соли 2016 амалан бетағйир боқӣ мондааст[156].

Инчунин таҷрибаи ҷаҳонӣ аз самаранокии мубориза бо коррупсия тавассути пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дорошавии ғайриқонунӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дорошавии ғайриқонунӣ дар қонунгузории зиёда аз 50 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла: Аргентина, Ҳиндустон, Чин, Белгия, Литва, Фаронса, Украина ва ғайра пешбинӣ шудааст. Аммо зарур аст, ки ба таҳияи чунин ташаббуси қонунгузории зиддикоррупсионӣ (ҳатто дар асоси стандартҳои

---

[154] Ниг.: Ровнейко В.В. Проблемы криминализации незаконного обогащения / В.В. Ровнейко // Вестник Удмуртского университета. – Сер. Экономика и право. – 2020. – С. 105–112.

[155] Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2013 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.anticorruption.tj (санаи муроҷиат: 16.08.2020).

[156] Ниг.: Индекси байналмилалии дарки коррупсия соли 2020 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.transparency.org/en/cpi/2021/index/tjk (санаи дмуроҷиат: 01.10.2020).

байналмилалӣ) мутавозин ва систематикӣ муносибат кард, то ворид шудани меъёрҳои зиддиконститутсионӣ ба қонун истисно карда шавад.

Ба андешаи мо дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дорошавии ғайриқонунӣ, дар доираи принсипҳои бунёдии системаи ҳуқуқии кишвар мувофиқат мекунад ва як қадами муҳим дар мубориза бо ғанисозии коррупсия хоҳад буд.

Қайд намудан зарур аст, ки чунин раванди криминализатсия бояд бо назардошти хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад. Қадами аввал дар ин самт ин аз ҷониби давлат муқаррар намудани ӯҳдадориҳои қонунии хизматчиёни давлатӣ ва шахсони дигар оид ба додани ҳисобот на танҳо дар бораи даромадҳо, балки инчунин оид ба хароҷотҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, коррупсия маҷмуи намудҳои гуногуни амалҳои барои ҷомеа хавфнок (ҳам дар ҳаракат ва ҳам беҳаракати зоҳир мегарданд), мебошанд, ки на танҳо ба дорошавии ғайриқонунии шахси мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот иҷро мекунанд, бо роҳи ба даст овардани амвол, хидматҳои моддӣ ё манфиатҳо, балки инчунин ба даст овардани бартарии ғайриқонунӣ аз ҷониби онҳо дар натиҷаи сӯиистифода аз таъсири воқеӣ ё амалҳои онҳо оварда мерасонад.

Мувофиқи м. 26 Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия, ҳар як давлати ширкаткунанда бо назардошти принсипҳои қонунгузории миллӣ барои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва гражданӣ шахсони ҳуқуқӣ барои иштирок дар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионӣ дошта чораҳо меандешад. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия на танҳо бо шахсони воқеӣ, балки шахсони ҳуқуқиро низ дар бар мегирад ва бо ин муайян мекунад, ки дар ҷомеа ягон субъекти ҳуқуқ беҷазо намонад. Аммо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ дошта пешбинӣ намекунад.

Конвенсияи СММ зидди коррупсия чунин кирдорҳои дорои хусусияти коррупсиониро муайян ва номбар мекунад: м. 15 «Ришвадиҳӣ ба мансабдорони давлатӣ»; м. 16 «Ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдори давлатии хориҷии шахсони мансабдори ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ»; м. 17 «Тасарруф, азхудкунӣ ё истифодаи дигари ғайримақсадноки амвол аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ»; м. 18 «Сӯиистифода аз ҳокимият бо мақсадҳои ғаразнок»; м. 19 «Сӯиистифода аз мақоми хизматӣ»; м. 20 «Ғанисозии ғайриқонунӣ»; м. 21 «Ришвадиҳии тиҷоратӣ»; м. 22 «Тасарруфи моликияти хусусӣ»; м. 23 «Қонунӣ гардонидани даромад аз ҷиноятҳо»; м. 24 «Пинҳон кардан»; м. 25 «Монеа шудан ба адолати судӣ»[157].

Кирдорҳои коррупсионии дар КҶ ҶТ муқаррар гардидаро муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари кирдорҳои дар Конвенсия овардашударо дар бар намегирад. Дар КҶ ҶТ чунин аломатҳои ҷиноят, аз қабили ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдорони давлатии хориҷӣ ё шахсони мансабдори ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, азхудкунии моликияти хусусӣ аз ҷониби шахси мансабдор ҷой надоранд.

Ба андешаи мо, муқаррар намудани ҷиноятҳои зикргардида дар КҶ ҶТ ба таснифи мушаххаси чунин ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, ки ин барои самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ зарур мебошад.

Тибқи моддаҳои 32 ва 33 Конвенсия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои иштирокчии Конвенсия бояд ҳимояи муассири аз таҳдидҳо алайҳи шоҳидон ва коршиносонро таъмин кунанд, ки дар робита бо ҷиноятҳои коррупсионӣ нишондод медиҳанд ва дар ҳолатҳои дахлдор нисбати хешовандон ва дигар шахсони ба онҳо наздик чунин чораҳоро татбиқ намоянд:

[157] Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции от 31 октября 2003 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/corruption.shtml (санаи муроҷиат: 10.07.2020).

– муқаррар кардани тартиби муҳофизати чунин ашхос, масалан, ба ҷои дигар кӯчонидани онҳо ва қабули чунин муқаррароте, ки дар ҳолатҳои мувофиқ ба паҳн накардани иттилоот дар бораи чунин шахсон ё маълумот имкон медиҳанд.

– қабули қоидаҳои исботнамоие, ки ба шоҳидон ва коршиносон имкон медиҳанд, ки далелҳо ва нишондодҳоро тавре пешниҳод кунанд, ки амнияти чунин ашхосро таъмин кунанд, масалан, иҷозати додани дастур тавассути васоити мувофиқи алоқа ё чунин иртибот, ба монанди видеоалоқа.

Дар айни замон, чунин намудҳои ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ қисман ҳал гардидааст. Қоидаҳои умумие истифода мегарданд, ки маҳдуд кардани ифшои маълумоти зарурӣ ва тадбиқи чораҳоро барои ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунанд.

Дар қисми 1 м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» омадааст, ки «Бо қарори мақоме, ки чораҳои амниятиро татбиқ мегардонад, мумкин аст додани маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда аз сарчашмаҳои иттилооту маълумотдиҳии давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо манъ карда шавад, инчунин мумкин аст рақамҳои телефон ва нишонаҳои бақайдгирии давлатии воситаҳои нақлиётӣ аз ҷониби ӯ истифодашаванда ё ба ӯ тааллуқдошта тағйир дода шаванд»[158].

Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки масъалаи муҳофизати шахсии шахсоне, ки дар пешгирӣ ва ифшои ҷиноятҳои коррупсионӣ кумак расонидаанд, мушаххастар ҳал кардан зарур аст.

Муқаррароти Конвенсия дар бораи қабули чораҳо оид ба муқаррар намудани талаботҳо ба ташкилотҳои молиявӣ, барои тафтиши шахсияти муштариён, андешидани чораҳои оқилона барои муайян кардани шахсияти ҳаммоликон, манфиатгирон аз суратҳисобҳои бо ҳаҷми маблағи

[158] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №644, м. 9 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

калон гузошташуда ва амалӣ намудани чораҳои назорат нисбати суратҳисобҳое, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беинтизом боқӣ мемонад. Чунин чораҳои назорат барои муайян кардани амалҳои шубҳанок бо мақсади ба ташкилотчиёни салоҳиятдор пешниҳод намудани маълумот дар бораи онҳо бояд тарҳрезӣ гарданд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда шаванд.

Дар айни замон, қонунҳои дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии марбут ба чораҳои назоратро нисбат ба ҳама гуна амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ таҳия накардаанд. Сарфи назар аз аҳамияти сирри бонкӣ, ҳангоми парвандаи ҷиноятӣ дар робита бо ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқии дохилии худ механизмҳои муносиб барои бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи татбиқи қонун дар бораи сирри бонк ба миён омада метавонанд, таъмин намояд.

Инчунин, ҳангоми омӯзиши заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд кард, ки яке аз санади асоси барномавии сиёсати зидди коррупсия Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки соли 2008 қабул шуда, соли 2013 ва 2020 дубора нашр шудааст. Ин Стратегия як низоми доимо такмилёфтаи чорабиниҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ бо дарназардошти сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба рафъи сабабҳои асосии коррупсия дар ҷомеа равона карда шудааст ва аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пайваста амалӣ карда мешавад. Ҳадафи ин барнома пешгирии коррупсия дар байни мансабдорон, мақомоти давлатӣ, дар бахши хусусӣ, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, инчунин таблиғи ғояҳои адолат ва рушди шаффофият мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи Стратегияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин пайваста ҳал карда мешаванд:

а) Пешгирии коррупсия тавассути таҳкими хадамоти одилона, масъулиятнок, шаффофи давлатӣ, татбиқи принсипи «merit», ки асоси онро озмуни интихобӣ барои хизматчиёни давлатӣ берун аз манфиатҳои сиёсӣ бо назардошти сатҳи маълумотноки ва маҳорати номзадҳо ташкил медиҳад. Асоси ин принсип дар асри гузашта дар Иёлоти Муттаҳида гузошта шуда буд ва дар баъзе кишварҳо ҳанӯз ҳам эътибор дорад, гарчанде ки он тағйиротҳои гуногунро аз сар гузаронидааст;

б) Таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ, таҳияи намудҳои электронии хидматҳои давлатӣ ва беҳтар намудани дастрасии ба онҳо, эҳтироми ҳуқуқи муштариён, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ;

в) Такмил додани идоракунӣ, назорат аз болои фаъолияти марбут ба буҷа, молия, аудит, таъмини шаффофият, баланд бардоштани масъулият барои тақсимоти буҷа, сармоягузориҳои хориҷӣ ва қарзҳо;

г) Танзими ҳуқуқии назорати хариди давлатӣ ва такмили принсипи шаффофият ва адолат;

д) Тақвият додани адолат, шаффофият, мустақилияти мақомоти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия;

е) Тақвияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар пешгирии коррупсия;

ё) Иштирок ва масъулияти ҷомеа, ташкилотҳои ҷамъиятиро дар чорабиниҳо оид ба пешгирии коррупсия баланд мебардоранд, ташаббус ва фаъолиятро дастгирӣ мекунанд;

ж) Татбиқи қонунгузории кафолати ҳуқуқи шаҳрвандонро барои гирифтани маълумот, баланд бардоштани одоби касбӣ ва масъулияти журналистон таъмин менамояд;

з) Ошкорбаёнӣ ва шаффофияти маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва интихоботро таъмин менамояд, дастнорас будани мақомоти қонунгузорӣ,

иҷроия ва судиро аз манфиатҳои ғайриқонунӣ ва таъсири гуруҳҳои сиёсӣ ва соҳибкорон таъмин менамояд;

и) Ғояи адолати судиро паҳн менамояд, қадамҳои зина ба чорабиниҳо оид ба маърифати ҷомеаро ташкил мекунад, донишро дар бораи коррупсия васеъ мекунад;

й) Дар доираи мубориза бо коррупсия ва пешгирии он, ҳамкориҳои байналмилалиро рушд медиҳад, тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалиро амалӣ менамояд.

Бояд қайд кард, ки ҷанбаҳои мусбати стратегия, ба андешаи мо, аз он иборатанд, ки он ба зарурати ошкоро ва дастрас будани мақомоти давлатӣ, хидматрасонии ҷамиятӣ, ошкорбаёнии фаъолияти давлат дар тақсимоти буҷаи давлатӣ, хариди давлатӣ, кафолати ҳуқуқҳои баробар ба шаҳрвандон, баланд бардоштани адолат дар хизмати давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ, таблиғотӣ, тақвияти таъсири ахлоқӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Аммо ин Стратегия тадбирҳоеро дар бар намегирад, ки ба муайянсозӣ, ҳабс ва аз қаламрави хориҷӣ баргардонидани суратҳисобҳои оффшории дороиҳо, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои марбут ба коррупсия ба даст оварда шудаанд, нигаронида шуда бошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми намудҳои ҷавобгарӣ ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ, маъмурӣ ва интизомӣ пешбинӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ бо назардошти пешниҳодоти болозикр ба ин зербоб хулоса намудан зарур аст, ки мансабдорони баландпоя аз нуқтаи назари одоби касбӣ набояд дар кишварҳои хориҷӣ ҳисобҳои оффшорӣ дошта бошанд, мавҷудияти чунин омилҳо барои тафтиш ва таъсиси манбаъҳои ин дороиҳо заминаи комил медиҳад. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани чунин санҷишҳо ягон асоси қонунӣ мавҷуд нест, ки ба пешгирии коррупсия халал мерасонад ва ба шахсони мансабдор имкон медиҳад, ки маблағҳои ғайриқонунӣ бадастовардаро пинҳон кунанд.

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамои нишон медиҳад, ки мансабдорони баландпояи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои суратҳисобҳои оффшорӣ бо миллионҳо доллари амрикоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар барномаи давалтии Стратегияи муқовимат ба коррупсия муттаҳид намудани чунин вазифа, ба монанди ташаккули заминаи қонунгузорӣ ва ташкилии мувофиқ ба талаботи замон барои тафтиш, муайян, ҳабс ва бозгардонидан аз қаламравҳои хориҷӣ, ҳисобҳои оффшории дороиҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба даст оварда шудаанд ё ба номи мансабдор ё аъзои оилаи онҳо мавҷуданд, зарур мебошанд.

Беэътиноӣ ҳадди аққал ба яке аз соҳаҳои Ҳукумат самаранокии мубориза бо коррупсияро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Таҳлили таърихӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки коррупсия як падидаи манфии иҷтимоӣ мебошад, ки ба ҳама давлатҳо хос аст, яъне мубориза бо коррупсия бояд вазифаи доимии давлат бошад. Ба андешаи мо самаранокии ҳаллӣ ин мушкилот пеш аз ҳама тавассути сиёсати қонунгузори ҷиноятӣ имкон дорад. Рушди низоми муассири ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ва татбиқи самарабахши он ҳамчун вазифаи доимии давлат бояд, ба яке аз вазифаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад.

Ин вазифаи давлат бояд, дар асоси тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба мубориза бо коррупсия, инчунин барномаҳои зидди коррупсия иҷро карда шавад. Ҳадафи асосии давлат дар мубориза бо коррупсия заминаи дурусти ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва ташаккули таҷрибаи қавии қонунгузорӣ дар мубориза бо коррупсия мебошад. Дар раванди ташаккули чунин заминаи ҳуқуқӣ, бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пурра ба назар гирифта шаванд.

**Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия ба чунин хулосаҳо омадан зарар аст.**

1. Бояд санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ зиддикорупсионӣ ва салоҳияти шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар самти муқовимат бо коррупсия мушаххас ва муккамал гардонида шаванд.

2. Дар қонунҳои амалкунандаи зиддикоррупсионӣ стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ талаботи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда ҷорӣ карда шаванд.

3. Зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда шаванд. Зеро дар айни замон, қонунҳои дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии марбут ба чораҳои назоратро нисбат ба ҳама гуна амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ таҳия накардаанд. Сарфи назар аз аҳамияти сирри бонкӣ, ҳангоми парвандаи ҷиноятӣ дар робита бо ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқии дохилии худ механизмҳои муносиб барои бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи татбиқи қонун дар бораи сирри бонк ба миён омада метавонанд, таъмин намояд.

# БОБИ 2. САБАБ, ШАРОИТҲОИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА МАСОИЛИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ

## 2.1. Сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ

Дар илми криминология то имрӯз мафҳуми ягонаи сабабҳои ҷиноят пешниҳод нагардидааст. Аммо, ин масъала солҳои тӯлонӣ таҳлил гардида истода, дар айни замон вобаста ба он ҳаҷми зиёди донишҳо гирд оварда шудаанд, ки дар сурати дуруст истифода намудан, онҳо метавонанд дар баландбардории самаранокии мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ аҳамияти ҳалкунанда дошта бошанд. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, «омӯзиши сабабҳо ва шароитҳои ҷинояткорӣ комилан асоснок нест, зеро муайян намудани сарҳад байни сабабҳо ва шароитҳо душвор аст»[159].

Масъалаҳои муайян кардани сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ дар маҷмуъ сабабҳои алоҳидаи намудҳои ҷиноят, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим, марказӣ ва методологии илми криминологӣ мебошанд[160].

Бояд қайд кард, ки дар ибтидои асри 21, таҳлилҳои зиёди диссертатсионӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо сабабҳо ва шароити коррупсия баррасӣ карда шудааст[161]. Оид ба сабабҳои ҷинояткорӣ афкори умумиҷаҳонии криминологӣ назарияҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст, ки мавҷудият ва рушди ҷиноятро шарҳ медиҳанд. Омӯзиши сабабҳо ва

---

[159] Юзиханова Э.Г. Поиск и анализ причин преступности / Э.Г. Юзиханова // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2017. – №4 (42). – С. 16–22.

[160] Ниг.: *Бахриддинов* С.Э. *Криминология*: учебник. Общая часть. – Душанбе, 2013. – 187; Кропачев Н.М., Вандышев В.В., Бурлаков В.Н. Криминология: учебное пособие. – СПб.: Питер, 2019. – 304 с.; Дроздов В.Ю., Хлыстова Н.Б. Криминология: учебник. – М.: КноРус, 2019. – 210 с.; Милюков С.Ф. Факторы, обуславливающие преступность / Криминология: учебник / Под ред. В.Н. Бурлакова, Н.М. Кропачева. – СПб., 2002. – С. 97–98; Лунеев В.В. Курс мировой и российской криминологии: в 2 т. Т. 1: Общая часть: в 3–х кн. Кн. 2: Учебник для магистратуры. – М.: Юрайт, 2017. – 302 с.; Решетников А.Ю., Афанасьева О.Р. Криминология и предупреждение преступлений: учебное пособие для СПО. – М.: Юрайт, 2017. – 168 с.; 2019. – 210 с.

[161] Ниг.: Нурализода В. Уголовная ответственность за взяточничество в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019; Богуш Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004; Газимзянов Р.Р. Коррупционная преступность в Республике Татарстан на рубеже веков (Криминологическое исследование): дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2005; Мещерский А.С. Уголовно–правовые аспекты получения взятки как наиболее опасного проявления коррупции: дис. … канд. юрид. наук. – СПб, 2002; Мизерий А.И. Уголовно–правовые и криминологические аспекты борьбы с коррупцией в органах власти. – Н. Новгород, 2000; Мусаев А.М. Организованная экономическая преступность: по материалам Республики Дагестан: дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003 ва диг.

шароити ҷинояткорӣ табиати ин падидаро ошкор намуда, пайдоиши онро шарҳ медиҳад, хусусиятҳои хоси ҷиноятро нишон медиҳад, ки ба ҳифз ва баъзан эҳёгардии ҷомеа мусоидат мекунанд[162].

Дар адабиёти илмӣ оид ба криминология ва девиантология *(девиантология–назарияи сотсиологӣ, ки каҷравиҳои илмиро меомӯзад)* порагирӣ одатан ҳамчун ҷузъи асосии коррупсия ҳисобида мешавад, аммо ба он аҳамияти махсус дода мешавад[163]. Тавре С.А. Головко қайд менамояд, «Асоси коррупсия пора аст»[164].

Вобаста ба мундариҷа ва маҷмуи сабабҳои ҷиноят се сатҳи сабабҳоро ҷудо кардан мумкин аст (вобаста ба миқёси равандҳо ва падидаҳое, ки ҷиноятро муайян менамоянд):

1) сатҳи сабабҳои умумии иҷтимоӣ;

2) сатҳи махсуси криминологӣ;

3) сатҳи инфиродӣ.

Омӯзиши сабабҳои содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ нишон медиҳад, ки ин номгӯйи ҷиноятҳо ба монанди дигар ҷиноятҳо вобаста ба омилҳои криминогенӣ, ба сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ ҷудо мешаванд. Бинобар ин, муҳаққиқон сабаби зиёд гаштани омилҳои коррупсионирро бештар ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин номукаммалии қонунҳо рабт дода, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснокро тақозои замон меҳисобанд. Зеро муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда шуда, ҳаматарафа ва мушаххас намудан, шаффоф будан, сода ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он кафолати таъмини қонуният ва мустаҳкам гардонидани низоми давлатдорӣ мебошад. Маълумотҳои оммaрӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2019 аз ҷониби мақомоти Агентӣ 1247 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баррасӣ гардида,

---

[162] Ниг.: Могилатов В.В. Криминологический анализ детерминантов взяточничества / В.В. Могилатов // Научно–практический электронный журнал Аллея Науки. – 2019. – №6 (33). – С. 311.

[163] Ниг.: Гилинский Я.И. Девиантология: социология преступности, наркотизма, проституции, самоубийств и других «отклонений». – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 264–269.

[164] Головко С.А. Противодействие коррупционной преступности в России: ретроспектива, современность и перспективы: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2006. – С. 167.

дар 111 лоиҳаи он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуда, ҷиҳати ислоҳ ва такмил додани онҳо ба 255 лоиҳа таклифҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ манзур карда шудаанд[165].

Қишри дигари ҷомеа бошад, ин омилҳоро дар афзоиши бюрократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва беасос васеъ гардидани нақши давлат дар санҷишу тафтишҳои молиявӣ, савумин ба таҳаввулоти бозор ишора мекунанд. Робитаи байни коррупсия ва сабабҳое, ки онро ба вуҷуд меоранд, дуҷониба аст. Аз як тараф, ин мушкилотҳо коррупсиро шадидтар мекунанд ва ҳалли онҳо метавонанд ба коҳиши ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидат кунад ва аз тарафи дигар, мушкилоти давраи гузаришро афзун намуда, ҳалли онҳоро халалдор месозанд.

Маҷмуи сабабҳо ва шароитҳои ҷиноятҳои мансабӣ марбут ба коррупсия аз ҳолатҳои зерин вобаста мебошанд: мавҷудияти шумораи зиёди санадҳои меъёрӣ, ки муносибатҳои якхелаи иҷтимоиро танзим мекунанд, зиддиятҳоро ба вуҷуд меоранд, инчунин камбудиҳо дар бархе аз қонун ва иҷрои қонун; набудани назорати пурраи муассири мақомоти давлатӣ, сарфи назар аз шумораи зиёди чунин мақомот вақте, ки ваколатҳои мақомот на ҳамеша ба таври возеҳ муайян карда мешаванд; набудани назорати самараноки ҷомеаи шаҳрвандӣ; ҷазодиҳии бесамари шахсони дар ҷиноятҳои коррупсионӣ гунаҳкор; паст будани самарабахши фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба муайян намудани чунин ҷиноятҳо[166].

Инчунин сабабҳои умумии иҷтимоӣ аз мушкилоти саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва механизми самараноки танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкии шаҳрвандон бармеояд. Тавре, ки Ю.Н. Румянтсева ва И.М. Середа қайд менамоянд, «Бӯҳрони ҳуқуқи суботӣ низоми иқтисодии давлатро вайрон мекунад: мавҷуд набудани механизмҳои муассири ҳуқуқие, ки ба пешгирӣ ва коҳиш додани оқибатҳои манфии сӯиистифода

[165] Ниг.: Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, таҳти №222.

[166] Ниг.: Синчурин О.В. Детерминанты коррупционной должностной преступности в сфере государственных закупок / О.В. Синчурин // Социальная интеграция и развитие этнокультур в евразийском пространстве. – 2019. – №8. – С. 22–79.

аз мансаб мегарданд, боиси ҷиноятҳои марбут ба коррупсия ва таҳдид ба низоми амнияти иқтисодӣ мебошанд»[167].

Ғайр аз ин, зуҳуроти криминогении равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ хоси набудани амалҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти пасти ҳуқуқии ҳам аҳолӣ ва ҳам шахсоне мебошад, ки дорои салоҳиятҳои хизматии ихтиёрдорӣ намудани амволи дар ихтиёр доштаро доранд.

Зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ ба амнияти аъзои ҷомеа аз ҷиҳати ҷисмонӣ, моддӣ ва инчунин шуури ҳуқуқии онҳо таҳдиди воқеӣ мекунад. Шаклҳои харобиовари нигилизми ҳуқуқӣ ба рушди иҷтимоию фарҳангӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иқтисодии давлатӣ мо зарари азим мерасонад. Аз ин рӯ, ҷомеаи муосир ба таври возеҳ ба зарурати объективии ҳалли фаврии ин мушкилоти иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ рӯ ба рӯ шудааст.

Ҳамзамон, фаъолнокии пасти ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи моликияти шахсӣ ва мавқеи нисбатан заифи шаҳрвандии онҳо нисбати аҳамиятнокии тақсимоти одилонаи неъматҳои моддӣ аз баъзе ҷиҳатҳо бо нобоварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқаманд аст.

Мушкилоти бӯҳронии эътимоди қисмате аз аҳолӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имрӯз низ вуҷуд дорад[168]. Коррупсияро танҳо бо роҳи ҳалли мушкилот ва шароите, ки онро ба вуҷуд меоранд, коҳиш ва маҳдуд кардан мумкин аст, ҳалли ин мушкилот дар ҳама самтҳо тавассути муқовимати ҳамаҷониба бо коррупсия имконпазир аст.

Сабабҳо ва шароитҳои ҷинояткорӣ бештар хусусияти иҷтимоӣ доранд. Ба сабабҳои умумии ҷиноят (сатҳи умумии иҷтимоӣ) таваҷҷуҳ намуда, қайд намудан зарур аст, ки ба онҳо падидаҳои гуногуни хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ ва ахлоқӣ–маънавӣ дошта, аз ҷумла равандҳои ҷаҳонӣ шомил мебошанд. Онҳо ба муносибатҳои иқтисодӣ ва

---

[167] Румянцева Ю.Н., Середа И.М. К вопросу противодействия должностным злоупотреблениям в России и Франции: основные результаты / Ю.Н. Румянцева, И.М. Середа // Сибирский юридический вестник. – 2017. – №4. – С. 14–31

[168] Ниг.: Тищенко А.В. Отношение к правоохранительным органам в общественном сознании: состояние и основные факторы / А.В. Тищенко // Вестник Адыгейского гос. ун–та. Сер. 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2019. – №2 (239). – С. 153–155.

рафтори одамон дар соҳаи гардиши сарватҳои моддӣ таъсири гуногун мерасонанд ва амалан сиёсати мубориза бар зидди ҷинояткориро муайян месозанд[169]. Тавре олимони соҳаи ҳуқуқ Л.М. Прозументов ва А.В. Шеслер, қайд менамоянд, «идеологияи истеъмолкунӣ дар ҷомеа ташаккулёфта заминаи маънавиро барои ҷинояткорӣ ба вуҷуд меорад, зеро он низоми арзишҳоро дар шахс тағйир дода, дар мадди аввал ниёзҳои хусусияти моддӣ доштаро гузошта, ҳамзамон имконоти қаноатмандии ин ниёзҳоро бо роҳҳои ҷиноятӣ раво медонад»[170].

Дар илмӣ криминология маъмулан дар ҷои аввал омилҳои иқтисодиро мегузоранд. Дар шароити Тоҷикистони муосир метавон гуфт, ки шиддат ёфтани фаъолияти ҷиноятӣ, коррупсия ва порагирӣ ба бунёди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар бевосита рабт дорад. Ба сабабҳои иқтисодии ба порагирӣ баҳо дода, бояд қайд намуд, ки аксарияти онҳо дар замони ҳозира ташаккул ёфтаанд. Ба чунин омилҳо дохил мешаванд: камбизоатии умумӣ ва афзоиши тафриқаи амвол; бӯҳронҳои иқтисодӣ, ноустувории вазъи иқтисодӣ; принсипи иҷозатдиҳанда, ки тақрибан ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад.

Бояд қайд намуд, коррупсия то даме мавҷуд аст ба давлат, бахусус ҳаёти хусусӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ дахолат мекунад. Хусусияти давлати Тоҷикистон дар он аст, ки дар ҳаёти иқтисодии он на огоҳӣ, балки принсипи иҷозатдиҳандагӣ ҳукмфармост, зеро дар ин ҷо бисёр чиз аз корманди идоракунии сохтори дахлдори давлатӣ вобаста аст. Дар сурати мавҷуд набудани чунин танзим, барои худсарии бюрократӣ ва порагирӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Сабабҳои ҷиноятро он шароити воқеии зиндагие, ки одамон дар он амал мекунанд, муайян менамояд. Онҳо бар зиддиятҳои дар ҷомеа мавҷудбуда асос меёбанд. Аммо агар ин ягона шарти коррупсия мебуд, фаҳмонидани он душвор буд, ки чаро он ҳам ба он кишварҳое, ки аҳолии

---

[169] Ниг.: Мальков С.М., Шеслер А.В., Тепляшин П.В. Уголовно–правовая и уголовно–исполнительная политика РФ: монография. – Красноярск: СибЮИ МВД России, 2018. – С. 9.

[170] Прозументов Л.М., Шеслер А.В. Общесоциальные детерминанты преступности / Л.М. Прозументов, А.В. Шеслер // Всероссийский криминологический журнал. – 2018. – Т. 12. – №1. – С. 5–14.

онҳо ба таври равшан ба ду гурӯҳи нобаробари камбағалон ва сарватмандон тақсим мешаванд ва ба он давлатҳое, ки ин хат дар онҳо хира шудааст, таъсир мерасонад.

Дар баробари ин, тавре амалия нишон медиҳад, тафовути аҳолӣ аз рӯи сатҳи даромад ба шиддати иҷтимоӣ ва мутаносибан ба устувории вазъи иқтисодӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, нобаробарии баамаломада боиси бӯҳрони иқтисодӣ мегардад ва дар натиҷа, афзоиши коррупсия эҳтимол дорад.

Шахсоне, ки бо содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба давлат зарар мерасонанд, як қабати нисбатан маҳдудро ташкил медиҳанд ва шаҳрвандони оддӣ на ҳама вақт дар бораи фаъолияти онҳо огоҳанд. Сабаби коррупсияи оммавӣ, ки мардум аксар вақт дар ҳаёти ҳаррӯза дучор меоянд, камбизоатӣ мебошад. Тавре, ки дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, сабаби ришвахорӣ фоидаи расмӣ барои гирифтани пора ва фоидаи тиҷоратӣ ё хонаводагӣ барои додани пора мебошад[171].

Ба ин чунин омилҳои сиёсии ҷинояткории коррупсионӣ мансуб мебошад:

– дур шудани аксарияти аҳолӣ аз мақомот, алалхусус аз идораи амволи давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ;

– имконияти воқеӣ барои намояндагони ҳукумат (пеш аз ҳама дар сатҳи мақомоти болоии он) барои манфиатҳои худ муайян кардани шаклҳои ҷазо барои рафтори коррупсионии хизматчиёни давлатӣ ё пешгирии муқаррар намудани масъулият барои онҳо;

– набудани назорати муассири парлумонӣ аз болои вазъи коррупсияи мансабдорони баландпояи давлатӣ;

– густариши фарогирии намояндагони гуруҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва ҷомеаҳои ҷиноятӣ ба мақомоти давлатӣ;

[171] Ниг.: Криминология: учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 5–е изд., перераб. и доп. – М.: Норма; Инфра–М, 2013. – С. 395, 415.

– андозаи ниҳоят баланди дастгоҳи давлатӣ, ки табиист шароити музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва сифати назорат аз болои онҳоро бадтар мекунад;

– харобшавии низоми кӯҳнаи назорати ғайридавлатӣ аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор;

– мавҷуд набудани механизми муассири сиёсӣ, ки ба маҳрумкунии босуръати ваколатҳои кормандони давлатӣ, ки дар назди аҳолӣ бо амалҳои (гирифтани тӯҳфаҳои гаронбаҳо, ҳузури муназзам дар зиёфатҳои тиҷоратӣ ва ғ.) ба тариқи анъанавӣ машғулшаванда[172].

Ҳамин тавр, ба андешаи баъзе аз коршиносон, коррупсия ҳамарӯза бештар дар зеҳни як одами миёна ҳамчун як меъёри оддии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Ғайр аз ин қонунгузори воқеан гирифтани тӯҳфаҳоро аз ҷониби кормандони муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ муайян намуда, арзиши онро низ пешбинӣ менамояд. Дар қонунгузорӣ норасоиҳо, ихтилофот ва зиддиятҳо байни санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки доираи шабеҳи муносибатҳоро танзим мекунанд ҷой доранд, инчунин мавҷуд набудани танзими нодурусти бисёр масалаҳо ва баъзан, баръакс, танзими аз ҳад зиёд ба бюрократия, худсарии мансабдорон ва рушди ҷиноятҳои коррупсионӣ боис шуда метавонад.

Ба ақидаи профессор Н.И. Гетман, тағйироти пай дар пайи дар тамоми маҷмуи заминаи қонунгузорӣ дар иқтисодиёт боиси номутобиқатии ҳуқуқӣ шудааст. Дар як қатор ҳолатҳо, муносибатҳои иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ҳанӯз ҳам меъёрҳои давраи шӯравиро идора мекунанд. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани механизми самарабахши татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, хусусияти декларативии онҳо боиси аномия, беамалии қонун мегардад[173].

---

172 Ниг.: Хабриева Т.Я. Коррупция: природа и противодействие: монография. – М., 2014. – С. 55.

173 Ниг.: Гетман Н.И., Кузнечевский В.Д. Преодоление коррупции: проблемы активизации гражданского общества / Н.И. Гетман, В.Д. Кузнечевский // Преодоление коррупции – главное условие утверждения правового государства: межведом. науч. сб. – М., 2009. – С. 482.

Назорати иҷрои қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумат дар муқовимат бо коррупсия нақши муҳим мебозад. Аксар вақт ҳама чиз бо таҳия ва қабули қонунҳо маҳдуд мешавад ва ба назорати иҷрои амалии онҳо диққати зарурӣ дода намешавад. Имрӯз, Тоҷикистон тақрибан 5% буҷаи солонаи худро барои муқовимат бо ҷинояткорӣ дар маҷмуъ сарф мекунад. Коррупсия на танҳо риоя накардани қонунҳо, балки аз сабаби камбудиҳо дар қонунгузорӣ ва номукаммалии он шуда метавонад. Одатан қонунгузорӣ дар давраи бӯҳронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ заиф аст. Набудани танзими зарурии ҳуқуқии рушди муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, суст шудани назорати иҷтимоии фаъолияти иқтисодӣ боиси афзоиши тамоюлҳои коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад[174]. Ин намуди робитаи қонунгузорӣ бо коррупсия ба равандҳои объективии иҷтимоӣ–сиёсӣ вобаста аст.

Намуди дигари муносибати байни ин падидаҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ барои муҷозоти ин зуҳуроти манфии иҷтимоӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ меъёрҳои ҳуқуқие ҷорӣ карда мешаванд, ки дар ибтидо татбиқнашаванда ва баъдан дар таҷриба ғайри қобили амал мебошанд. Барои ин якчанд маротиба такмил ёфтани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гирифтан ва додани пора, инчунин иғвои порагирӣ мисол шуда метавонад. Зеро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2016, таҳти №1274 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру илова ворид гардида, мувофиқи он дар моддаҳои 319, 320 ва 321 ҷазо дар намуди ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ гардида буд. Аммо баъди ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди татбиқ намудани ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ сатҳи содиршавии ин ҷиноятҳо рӯ ба афзоиш ниҳод.

---

[174] Ниг.: Аглямова Г.М. Виктимологические аспекты предупреждения коррупционной преступности в сфере местного самоуправления / Г.М. Аглямова // Бюллетень Удмурт. гос. ун–та. Сер.: Экономика и право. – 2012. – №4. – С. 78.

Таҷриба нишон дод, ки ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима барои содир намудани ҷинояти гирифтани пора, додани пора ва иғвои порадиҳӣ чораи таъсиррасонии натиҷабахш набуда, барои кам намудани сатҳи содиршавии чунин ҷиноятҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки агар соли 2012 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 60 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 79 нафар бо моддаҳои 319–321 баррасӣ гардида бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2017 ба 84 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 119 нафар расидааст. Яъне, содиршавии ҷиноятҳои додану гирифтани пора ва иғвои порадиҳӣ рӯ ба афзоиш ниҳод.

Дар дигар маврид аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки соли 2016 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ бо м. 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 58 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 78 нафар баррасӣ гардида, аз ин шумора нисбат ба 21 нафар (26,9%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо м. 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 20 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 7 нафар (35%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин шудааст. Бо м. 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ҷазо дар намуди ҷарима татбиқ карда нашудааст.

Соли 2017 бошад, аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ бо м. 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 90 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 26 нафар (28,8%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо м. 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 22 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 8 нафар (36,3%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо м. 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 3 нафар баррасӣ гардида, ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда нашудааст[175].

Ин зарурият пеш омадааст, ки бо мақсади ба талаботи тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истанбулии шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР) мутобиқ

175 Ниг.: Нашрияи МОҶТ «Садои мардум» аз 04.08.2018, таҳти №94 (3888) Иҷлосияи шонздаҳуми МмМО ҶТ даъвати панҷум. «Минбаъд ба порадиҳандагон ҷарима не, балки ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ татбиқ мешавад».

гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ дар мавриди пурзӯр намудани ҷазо нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин аз байн бурдани ҷазои алтернативӣ оид ба ҷинояти гирифтани пора, додани пора ва иғвои порадиҳӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

Албатта зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ва тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истанбулии шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР) мебошад. Аз ҷумла дар б. 2 тавсияи 16 Нақшаи амалиёти Истанбулии шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР) аз 14 сентябри соли 2017 пешниҳод гардидааст, ки «ҷиноятҳои коррупсионӣ (моддаҳои 319–320 – гирифтан ва додани пора дар назар аст) бояд аз номгӯйи ҷиноятҳое, ки бо онҳо суд метавонад ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабударо таъин намояд, хориҷ карда шаванд». Аз муҳтавои ин тавсия бармеояд, ки бояд ба ин гурӯҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ ба сифати ҷазои асосӣ ғайр аз маҳрум сохтан аз озодӣ, дигар намуди ҷазо татбиқ карда нашавад.

Бинобар ин, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2018, таҳти №1124 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуд. Дар ҳамин асос бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қисмҳои 3 ва 4 м. 319, қисми 2 м. 320 ва м. 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои асосӣ дар намуди ҷарима хориҷ карда шуд. Инчунин, бо мақсади ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои таснифкунандаи ҷинояти гирифтани пора, аломати таснифкунанда «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» аз қисми 4 ба қисми 3 м. 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Ин такмили қонунгузорӣ аз як тараф мутобиқати

меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти Конвенсияи СММ зидди коррупсия ва тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истанбулии шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бошад, аз дигар тараф баҳри таъсирбахш гардонидани ҷазои асосӣ ва ҷазои иловагӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 3 ва 4 м.319, қисми 2 м. 320 ва м. 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида мусоидат менамояд.

Қабули чунин меёрҳо дар қонунгузорӣ муқовимат бо ҷинояткориро фароҳам оварда, дар назди қонун падидаҳои манфии коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ ва дигар амалҳои мансабдоронро боқӣ мемонад.

Сабабҳои махсуси криминологии ҷиноятҳои коррупсиониро баррасӣ намуда, хусусияти латентӣ доштани онҳоро қайд намудан зарур аст, ки ин пеш аз ҳама аз фаъолияти пасти шаҳрвандон дар таъмини иттилоот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳолатҳои эҳтимолии содир гардидани ин ҷиноятҳо мебошад.

Тавре А.Л. Репетская қайд менамояд, «Дар бештари ҳолатҳо латентнокии ҷиноят воқеан ҳам объективона мебошад, ки дар натиҷаи нобоварии аҳолӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама бинобар сабаби фассодзада будан ё манфиатдор набудан дар тафтишоти ҷиноятҳое, ки ошкор намуданашон душвор аст»[176], дида мешавад.

Ҳамзамон дар адабиётҳои илмӣ қайд мегардад, ки «беэътиноӣ ё муносибати хунукназаронаи мақомоти давлатӣ ба амалҳои ғайриқонунии содиршуда сабаби ташаккули муносибати бепарвоёна нисбати онҳое мебошад, ки амалҳои шахсони ҷинояткорро мушоҳида кардаанд ё дар натиҷаи содир кардани онҳо зарар дидаанд. Дар бештари ҳолатҳо фаъолноки ба бефаъолияти тағйир ёфта, мавқеи ҳуқуқии шаҳрванд коҳиш меёбад»[177].

---

[176] Репецкая А.Л. Современное состояние, структура и тенденции российской преступности / А.Л. Репецкая // Вестник Омского ун–та. Серия «Право». – 2018. – №1 (54). – С. 151–156.

[177] Диденко К.В., Невмовенко А.А. Некоторые аспекты латентной преступности в Российской Федерации / К.В. Диденко, А.А. Невмовенко // Вестник Белгородского юрид. ин–та МВД России им. И.Д. Путилина. – 2018. – №3. – С. 62–67.

Аз тарафи ҷабрдидагон ва шоҳидон пинҳон намудани ҳолатҳои баррасишуда сабаби асосии такрори ҷиноят мегардад[178].

Ҷинояти латентӣ, ки воқеан беҷазо мемонад, ҳамчун муҳаррики худмуайянкунӣ ва сарчашмаи асосии такрорӣ амал мегардад (дар баробари зиддияти камбизоатӣ ва сарват)[179]. Ғайр аз ин ҷинояткороне, ки ошкор намегарданд ва воқеан беҷазо мемонанд, шахсони дигарро барои оғоз ё идома додани чунин фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб ва ҳавасманд мекунанд[180]. Омили муҳими чунин ҳолат фаҳмиши костаи заминаҳои ҳуқуқии дар давлат қабулшуда ва мавҷудбуда оид ба коррупсия, инчунин мушкилоти ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Яке аз сабабҳои доман паҳн намудани коррупсия дар байни ҷомеа ва махсусан дар мақомоту идораҳои давлатӣ, ин номукаммалии идоракунии давлатӣ, ҷойдории расмиёти нолозим ва зиёдатӣ дар онҳо мебошад. Бархӯрдҳои зиёдатии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо бо шаҳрвандон боиси пайдоиши шароити коррупсионӣ ва муҳайё сохтани фазои коррупсионӣ дар зинаҳои гуногуни мақомоти давлатӣ мегардад.

Паҳншавии коррупсия ва дигар ҷиноятҳо бештар аз ошкор шудан, аниқтараш, аз ногузирии масъулият барои онҳо вобаста аст.

Тибқи омор, амалан ҳама далелҳои ошкоршудаи ришваситонӣ (дар ин ҳолат сухан дар бораи амали сабти воқеае меравад, ки амалан аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мувофиқат мекунад) ифшо карда мешавад. Ҷазо танҳо дар ҳар парвандаи чорум ё панҷум таъин карда мешавад. Таъсири ин дар робита бо дигар ҷиноятҳои коррупсионӣ эҳтимолан самараноктар хоҳад буд. Аз эҳтимол дур аст, ки як мансабдори миёнаи коррупсионӣ қодир бошад, ки чунин таҳдиди интиқомро ҳамчун монеаи ҷиддӣ барои содир кардани амалҳои коррупсионӣ дарк кунад. Мутобиқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2013–2020 судяҳо 561 адад

[178] Ниг.: Христюк А.А. Причины латентной организованной преступности / А.А. Христюк // Известия Иркутской государственной экономической академии. – 2006. – №6. – С. 97–99.

[179] Ниг.: Шестаков Д.А. К Стратегии национальной безопасности Российской Федерации / Д.А. Шестаков // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2016. – №4 (43). – С. 22–28.

[180] Ниг.: Баландина Н.В. Государственная политика в сфере повышения правовой грамотности и правосознания граждан в Российской Федерации и общественные отношения / Н.В. Баландина // Правовая культура. – 2012. – №2 (13). – С. 14.

парвандаҳои хусусияти коррупсионидоштаро нисбати 708 нафар мавриди баррасӣ қарор доданд, ки бештари онҳо барои гирифтани пора буданд[181].

Ҳамзамон, ҷазои асосӣ барои шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир кардаанд, ҷаримаҳое буданд, ки ба миқдори зиёди бо тариқи порагирӣ онҳо ба даст овардаанд. Қисми зиёди маҳкумшудагон кормандони давлатӣ – 33%, кормандони соҳаи тандурустӣ ва рушди иҷтимоӣ – 25%, маориф – 20% ва 22,% – дигарро кормандони хадамоти иҷро ва дигар соҳаҳое ташкил намудаанд, ки вазифаҳои фаврӣ – оперативиро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷро менамуданд[182]. Аксар вақт одамон барои ришва дар ҳаҷми 1–2 ҳазор сомон, баъзан ҳатто камтар аз ин ба курсии айбдоршаванда нишаста буданд. Дар зиёда аз сад ҳолат, маблағи ришва аз панҷсад сомон зиёд набуд.

Дар байни омилҳои муайянкунандаи коррупсионӣ, сабабҳои ахлоқӣ ва равонӣ муҳиманд.

Сабабҳо ва шароити рӯҳии (психологии) ҷиноятҳои коррупсионӣ инҳоянд:

– анъанаҳои чандин асраи ришва ва тамаъҷӯӣ дар хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон;

– сатҳи анъанавии ҳамбастагии аҳолӣ бо меъёрҳои масъулият барои ришва;

– сатҳи нисбатан пасти дониши ҳуқуқии бархе аз аҳолии калонсол, ки онро дар ҳолати афзоиши вобастагӣ аз хизматчиёни давлатӣ мегузорад;

– омодагии маънавии қисми назарраси аҳолӣ ба ришва ба хизматчиёни давлатӣ барои татбиқи манфиатҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ;

– падидаи ҷиноятӣ мутақобилаи пора ва ришва.

Ба рӯйхати сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо яке аз ин самтҳо асосӣ мебошад, зеро муайянкунандагони ин намуди ҷинояти коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа реша давонда, таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунанд.

---

[181] Ниг.: Мутобиқи маълумотҳои оморӣ аз Суди Олии ҶТ.

[182] Ниг.: Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия барои давраи то соли 2030 аз 15 августи 2020, тахти №1504.

Танҳо бо омӯзиш ва бартараф кардани ин сабабҳо мо метавонем чораҳои муассирро оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ андешем, зеро татбиқи онҳо дар амалия вазифаи боз ҳам мушкилтар аст.

Сабабҳои ҷинояти коррупсионӣ на танҳо аз он ҷиҳат мураккабанд, ки онҳо маҷмуи падидаҳои табиати дигар доранд, балки аксарияти онҳо муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта, ба анъана ва тарзи ҳаёт табдил ёфтаанд. Муҳимтарини онҳоро ба тариқи зайл гуруҳбандӣ кардан мумкин аст.

*а) Иқтисодӣ:*

– ноустуворӣ дар иқтисодиёт, вобаста ба сиёсат ва таъсири беруна;

– равандҳои таваррум;

– воридшавии ҷиноятҳои муташаккилона ба тиҷорати қонунӣ;

– шароити на он қадар дурусти шахси мансабдор, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти худ ва оилааш ба тамаъҷӯӣ ва ришва даст мезанад;

– пайдоиши баъзан сарватмандони азиме, ки имкони додани ришваро доранд;

– тартиби хусусигардонӣ ва аз ҳад зиёд баҳо додан ба меъёрҳои он, набудани заминаи ҳуқуқии барои он зарурӣ;

– набудани рақобати дурусти бозоргонӣ, имкон намедиҳад, ки фоидаи хуб ба даст оред, инчунин ноилшудан ба муваффақият на бо роҳи меҳнат, балки бо ришва.

*б) Сиёсӣ ва ташкилӣ:*

– набудани шаффофият дар амалҳои баъзе аз мақомот, ки басо маъмул гаштааст;

– қобилияти ба манфиати худ муайян кардани қоидаҳои махсуси муносибатҳо бо аҳолӣ ва соҳибкорон, аз ҷумла бинобар набудани назорат;

– воридшавии намояндагони баъзе аз ташкилотҳои ҷиноятӣ ба муассисаҳои давлатӣ;

– теъдоди аз ҳад зиёди мансабдорон имкон медиҳад, ки музди баланди онҳоро коҳиш диҳанд;

– мавҷуд набудани механизмҳои пурраи муассири ҳуқуқӣ барои аз байн бурдани шахсони ба коррупсия даст дошта, ки аксари онҳо, ҳатто ба гирифтани пора даст дошта, то ҳол ба ҷазои ҷиноятӣ кашида нашудаанд;

– баъзе мансабдорони баландпоя, ки робита ва сарват доранд, ба адолат амалан дахлнопазиранд;

– коррупсия дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки баъзеи аз онҳо намехоҳанд ва наметавонанд ба он муқовимат баранд;

– набудани хоҳиши баъзе мақомоти баландпоя ба муқовимат бо коррупсия;

– набудани бақайдгирии ягонаи шахсоне, ки ишғоли мансабҳои хидмати давлатӣ ё коммуналӣ барои онҳо манъ карда шудааст.

в). Равонӣ:

– ҳавасмандии бозиҳои варзишӣ;

– тавре, ки баъзе таҳқиқотҳо нишон доданд, коррупсионерон на танҳо бо ҳаракат намудан, балки бешуурона мехоҳанд дар бозии шадиди ҳаяҷоновари характери коррупсионидошта ширкат варзанд;

– бо дур кардани шахс аз ҳокимияти давлатӣ, ба одамон маълум гардид, ки ҳеҷ коре бидуни ришва намешавад ва қудратро идора кардан мумкин нест;

– масъулияти тарафайн дар байни мансабдорони коррупсия зада ба ҳар кадоми онҳо кӯмак мерасонад, ҳатто дигаронро наҷот медиҳанд ва бо ин худро дастгирӣ ва муҳофизат мекунанд, дар ҳолати «дигар» ҳам манбаи даромад ва ҳам амнияти худро нигоҳ медорад. Таърихи чандин асраи ришва, коррупсияро ба анъанаи дар тарзи ҳаёт сабтшуда табдил додааст;

– норасоии анъанавии ҳамбастагии аҳолӣ бо қонунҳое, ки коррупсияро манъ мекунанд;

– як қатор мансабҳо ва касбҳое мавҷуданд, ки онҳо барои тамаъҷӯӣ ва ришваситонӣ барои баъзе одамон имконият фароҳам меоранд, масалан мақомоти назоратӣ, суд ва ҳифзи ҳуқуқ, ки ин барои баъзе одамон хеле ҷолиб аст.

– сатҳи пасти дониши ҳуқуқии базе аз аҳолӣ, маърифати ҳуқуқӣ;

– омодагии равонӣ ба ришва;

– падидаи гуноҳи тарафайн ва гирифтани пора:

– азбаски ҳар кадоми онҳо медонанд, ки дигар тараф гунаҳкор аст, ин масъулияти ӯро дар назди худ коҳиш медиҳад, ҳисси гунаҳкорӣ аз байн меравад, зеро ӯ метавонад айбро ба дӯши худ гузорад, дар ин ҷо як бозии рефлексивӣ мавҷуд аст, ки бояд ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва баррасии онҳо дар суд ба назар гирифта шавад.

Ин намуди мансабдорон дар ба вуҷуд овардани коррупсия осебпазир ба ҳисоб мераванд, вале иваз кардани хизматчиёни собиқадори давлатӣ аз ҷониби ҷавонон хавфи боз ҳам зиёдтари тамоюли коррупсионӣ дар системаи хидмати давлатиро дорад. Таҳлили таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки хизматчии давлатӣ ҳар қадар ҷавон бошад, ҳамон қадар ба вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва касбӣ майл мекунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба хизматчии давлатӣ (ба истисноИ фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва дигар фаъолияти эҷодӣ) машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, узви мақомоти идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ манъ аст[183].

Қонун довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашударо вазифадор мекунад, ки эъломияи солона оид ба даромад ва амволи ба онҳо тааллуқдоштаро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешниҳод кунанд. Ташкили тафтиши риояи маҳдудиятҳои муқарраршуда ва иҷрои вазифаҳо ба зиммаи масъулини кадрҳои мақомоти дахлдори давлатӣ гузошта шудааст. Дар амал ин вазифа барои онҳо ғайриимкон аст, зеро онҳо барои иҷрои чунин вазифаҳои назоратӣ, вазифадор набояд бошанд. Манъи чунин намудҳои

[183] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, таҳти №233, м. 30.

фаъолият ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ сарфи назар карда шудааст, ки онҳо худ аксар вақт тиҷорат низ мекунанд[184].

Қонунгузории амалкунанда дар бораи хизмати давлатӣ чораҳои самараноки муқовимат бо коррупсияро пешбинӣ намекунад. Дар айни замон, болоравии беисти арзиши зиндагӣ дар шароити музди муқарраршуда ва маҳдудиятҳои ба даст овардани даромади иловагӣ хизматчиёни давлатиро водор мекунад, ки роҳҳои пур кардани буҷаи шахсии худро ҷӯянд. Аксар вақт ин аз ҳисоби тамаъҷӯӣ ва ришва рух медиҳад. Аз бисёр ҷиҳат, маҳз ҳамин вазъ сатҳи баланди ришваситониро дар системаи мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меоварад.

Мансабдорон зуд омӯхтанд, ки иҷрои вазифаҳои хизматиашонро бо сарфакорӣ ҳангоми гирифтани пора ҷуброн кунанд. Маҳз дар соҳаи иқтисодӣ, дурусттараш дар байни шахсони мансабдоре, ки дар идоракунии фаъолияти иқтисодӣ ва назорати фаъолияти он иштирок доранд, коррупсия бештар аз ҳама афзудааст. Дар мақомоти ҳокимияти иҷроия коррупсия то ба андозае вуҷуд дорад, ки тавассути онҳо давлат ба ҳаёти хусусӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ дахолат мекунад[185].

Ин номуайянии проблемаи пешгирии коррупсияро дар мақомот душвор месозад: аз як тараф давлат ӯҳдадор аст, ки чунин дахолатро анҷом диҳад ва аз тарафи дигар, ин дахолат бояд самарбахш бошад. Тавре ҳолати кунуни гувоҳӣ медиҳад, чунин дахолат то ҳол бенатиҷа аст.

Яке аз манбаъҳои коррупсия иҷрои буҷет ва тақсимоти буҷети давлат мебошад. Ин як майдони ҳосилхез барои мансабдорони коррупсионер ба ҳисоб меравад. Амалан ҳама ҷиноятҳое, ки ба буҷети давлат зарар мерасонанд, коррупсияро дар бар мегиранд.

Татбиқи худхоҳиҳои ғаразнок бо чунин равандҳо, аз қабили гирифтани андозҳо ва пардохтҳо аз буҷет, татбиқи ҳисобҳои пулӣ, гирифтани векселҳои хориҷӣ, векселҳо ва дигар қарзҳо, ҷалби қарзҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ, барнагардонидани қарзҳои дебитории беасоси

184 Ниг.: Артемиева М.В. Коррупция и коррупционные преступления / М.В. Артемиева // Юридические науки. – 2011. – №1. – С. 44.
185 Ниг.: Андрианов В.Д. Коррупция как мировая проблема: история и современность. – М., 2011. – 49 с.

баландмуҳлат ва ғайра ба он алоқаманд аст. Яке аз сабабҳои муҳимтарини ин таҷовуз ба манфиатҳои иқтисодии давлат суст будани интизоми иҷрои буҷет ва тасарруфи маблағҳои буҷетӣ мебошад.

Барои мисол шаҳрванд Ф., дар вазифаи сармуҳосиби шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш кор карда, дар давраи фаъолияти кориаш дар асоси маслиҳати пешакӣ бо кормандони зертобеи худ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ ба тасарруфи молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дар ихтиёраш буда, ба миқдори махсусан калон даст задаанд. Чунончӣ, номбурдагон дар давраи фаъолияти кориашон бо мақсади азонихуд намудани маблағҳо бо роҳи сохтакорӣ дархостҳо барои музди меҳнат ва ҳаҷми фонди музди меҳнатро дар санади қабули корҳои иҷрошуда барзиёд нишод дода, бо ин роҳ ба давлат ба миқдори махсусан калон ба маблағи 2.341.315,62 сомонӣ зарари моддӣ расонидаанд. Шаҳрванд Ф. ва дигарон бо моддаҳои 245 ва 223 КҶ ҶТ маҳкум карда шудаанд[186].

Беҷазо мондани мансабдорони баландпоя ва инчунин шарикони ҷиноии онҳо иҷрои тамоми барномаҳо ва қонунҳои иҷтимоиро мушкил мекунад ва раванди ҷинояткории тамоми соҳаҳои ҳаётро шадидтар мекунад.

Агар ба нишондиҳандаҳои оморӣ назар афканем, дар давраи солҳои 2013–2019 танҳо аз тарафи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12488 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин ҳисоб 9083 адади онро ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ташкил медиҳанд[187].

Ошкоршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд сол аз сол тамоюли

---

[186] Ниг.: Тасарруфи маблағҳои буҷетӣ бо роҳи сохтакории хизматӣ[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https:/ /anticorruption.tj/ index.php/tj/ markazi–akhborot/khabar–o/ 463–tasarrufi–mabla–oi–bu–et–bo–ro–i–sokhtakorii–khizmat (санаи мурочиат: 11.02.2021).

[187] Ниг.: Замимаи 1 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, таҳти №222 дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

зиёдшавиро дошта, дар тӯли 7 сол (2013–2019) бақайдгирии чунин ҷиноятҳо 261 адад зиёд гаштааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷиноятҳои коррупсионӣ ва и.х.к | 1101 | 1179 | 1306 | 1326 | 1445 | 1364 | 1362 |
| дигар ҷиноятҳо | 224 | 292 | 372 | 507 | 535 | 683 | 792 |

Чунончӣ, агар дар соли 2013 ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта 1101 ададро ташкил диҳанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 1179 ҷиноят, соли 2015 – 1306 ҷиноят, соли 2016 – 1326 ҷиноят, соли 2017 – 1445 ҷиноят, соли 2018 – 1364 ҷиноят ва соли 2019 ба 1362 ҷиноят рост меояд.

Агар аз рӯйи идораву сохторҳо таҳлил карда бароем, аз шумораи умумӣ 1673 адад ба кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ тааллуқ дошта, 1421 ҷиноят ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 702 ҷиноят ба ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои маориф ва илм, 597 ҷиноят ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 387 ҷиноят ба мақомоти корҳои дохилӣ, 339 ҷиноят ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, 226 ҷиноят ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 167 ҷиноят ба Кумитаи андоз, 154 ҷиноят ба вазоратҳои нақлиёт, 146 – кишоварзӣ, 137 – адлия, 127 – мудофиа, 117 – энергетика ва захираҳои об, 63 – саноат ва технологияҳои нав, 67 ҷиноят ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 61 ҷиноят ба Хадамоти гумрук, 59 ҷиноят ба ҳокимияти судӣ, 2093 ҷиноят ба корхонаҳои дигари давлатӣ ва 3962 ҷиноят ба субъектони хоҷагидори ғайридавлатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки аз шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоршуда 2584 адад ё 20,7%–ро ҷиноятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (м. 245 КҶ ҶТ)

ташкил медиҳанд, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2013, 19 ҷиноят зиёд ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷиноят | 336 | 298 | 363 | 438 | 441 | 353 | 355 |

Тибқи таҳлилҳои оммори дар давоми солҳои 2013–2019 ҳангоми гузаронидани корҳои санҷишию назорати аз тарафи Агенти дар ташкилотҳои қарзии молияви 1300 ҷиноят вобаста ба тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда ва ғайриқонуни гирифтану додани кредит ошкор карда шудааст[188].

Ин нишондиҳандаҳо аз нокифоя будани низоми назорати дохилибонки шаҳодат медиҳад. Таҳлили сабабу шароитҳои ба афзоиши содиршавии ҷиноятҳои коррупсиони мусоидаткунанда ва дар ин замина ба вазъи ногувори молияви гирифтор кардани як қатор ташкилотҳои қарзии молияви, ғолибан агар ба риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқи оид ба тартиби додани қарз аз ҷониби масъулини ташкилотҳои қарзии молияви вобастаги дошта бошад, аз тарафи дигар, мавҷудияти хавфҳои коррупсиони дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа, ки онҳо ба амалисозии равандҳои фаъолият ва ҳадафҳои ташкилотҳои қарзии молияви таъсири зиёд мерасонанд, боис шуда метавонанд.

Тазаккур бояд дод, ки аксари ҷиноятҳои коррупсионии дар соҳаи бонки содиршуда аз давраи аввал ба таври дахлдор иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои масъулини шуъбаҳои қарзи сарчашма гирифтааст.

[188] Ниг.: Замимаи 1 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, таҳти №222 дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

Омӯзиш нишон медиҳад, ки айни замон содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи мазкур рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Агар дар соли 2013 ошкори ҷиноят вобаста ба тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (м. 246 КҶ ҶТ) 13 ададро ташкил диҳад, пас дар соли 2018 ба 138 ҷиноят, солҳои 2017 ва 2019 мутаносибан ба 88 ва 95 ҷиноят расидааст (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.246 | 13 | 37 | 72 | 43 | 88 | 138 | 95 |

Соли 2019 ошкори ҷиноятҳо вобаста ба ғайриқонунӣ гирифтан ва додани кредит (моддаҳои 264 ва 265 КҶ ҶТ) низ нисбат ба соли 2013 – 109 адад зиёд гардидааст (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.264 | 4 | 53 | 30 | 86 | 56 | 63 | 48 |
| м.265 | 23 | 52 | 32 | 77 | 90 | 112 | 88 |

Дар ин давра 553 ҷиноят вобаста ба гирифтану додани пора (моддаҳои 319 ва 320 КҶ ҶТ), аз инҳо 92 ҷиноят нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, 75 – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои зертобеи он, 48 – масъулони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои маориф ва илм, 48 – тандурустӣ, 43 – Кумитаи андоз, 20 – Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва 20 адад нисбати масъулини

ҳокимияти судӣ ба қайд гирифта шудааст[189]. Аз рӯйи нишондиҳандаҳо теъдоди содиршавии ин қабил ҷиноятҳо давра ба давра кам гардида истодаанд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.319 | 70 | 99 | 95 | 56 | 58 | 66 | 48 |
| м.320 | 11 | 8 | 7 | 9 | 5 | 12 | 8 |

Ошкори ҷиноятҳои дигар, аз ҷумла ҷиноятҳои марбут ба ришвадиҳии тиҷоратӣ – 98 ҷиноят (м. 279 КҶ ҶТ), гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ (м. 324 КҶ ҶТ) – 181 ҷиноят ва додани мукофот ба хизматчии давлатӣ (м. 325 КҶ ҶТ) – 6 ҷиноят, ҷамъ 428 ҷиноят ё 2,6 % шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоршудаи хусусияти коррупсионидоштаро ташкил медиҳад (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.279 | 6 | 14 | 17 | 8 | 17 | 17 | 19 |
| м.324 | 36 | 29 | 22 | 14 | 24 | 24 | 32 |
| м.325 | 2 | 0 | 1 | 1 | 0 | 1 | 1 |

Шумораи ҷиноятҳои ошкоргардида вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозу пардохтҳои гумрукӣ (моддаҳои 291, 292 ва 293 КҶ ҶТ) 210 ададро ташкил дода, ба 1,7% ҷиноятҳои ошкоргардида баробар мебошад (ҷадвали 7)

[189] Ниг.: Замимаи 1 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, таҳти №222 дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

Ҷадвали 7




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.291 | 0 | 1 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 |
| м.292 | 26 | 38 | 40 | 31 | 21 | 20 | 16 |
| м.293 | 11 | 3 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Тайи 7 соли охир дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва ба онҳо додани имтиёзҳои гуногуни андозсупорӣ як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, бо ин сабаб бақайдгирии ҷиноятҳои дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида коҳиш ёфта, ҳанӯз ҳам ҳолатҳои рӯйпӯшкунии андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба пуррагӣ бартараф нашудаанд.

Аз нишондиҳандаҳои омории Сармаркази иттилоотӣ–таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар солҳои 2013–2019 айнан ба ҳамин монанд аз тарафи мақомоти Прокуратура 6907 ҷиноят, Вазорати корҳои дохилӣ – 1297, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – 598, Хадамоти гумрук – 209, Агентии назорати маводи нашъаовар – 80 ҷиноят, Вазорати адлия – 3 ва судҳо 3 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд ошкор ва ба қайд гирифта шудаанд[190].

Пойдории коррупсия, устуворӣ ва динамикаи равандҳои он имконият медиҳанд, ки коррупсия аз худи идеологияи фаъолияти дастгоҳи давлатӣ

[190] Ниг.: Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

реша мегирад. Инро таърифи коррупсия тасдиқ мекунад: «сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ ба манфиати шахсӣ».

Қайд кардан ба маврид аст, ки омилҳои ҷиноятӣ дар сохторҳои хусусӣ ва тиҷоратӣ хеле кам ошкор карда мешаванд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки даромади баланд наметавонад, дар асоси қонун кафолатро аз ришвахситонӣ таъмин кунад. Ин ба мансабдорони давлатӣ низ дахл дорад.

Раванди омилҳои иҷтимоии коррупсия инҳоро дар бар мегирад: мавҷудияти бисёр далелҳои вазнинии (ришваситонии) хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдори гуногун, огоҳӣ аз ин далелҳо ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ; ҷиноят ҳисоб кардани баъзе шаклҳои коррупсия; аксуламали сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон, ВАО, аҳолӣ ба коррупсия ва ғайра рушди иқтисодӣ тавассути кам кардани монеаҳои бюрократӣ, оптимизатсияи иқтисодиёт (назари некбинона) дар шароити норасоии захираҳо ва ғайра.

Профессор М.В. Духовски дар бораи сабабҳои ҷинояткорӣ як қатор ҳукмҳои амиқ ва пешравиро баён намудааст, ки ба хулосаи ӯ «Сабаби асосии ҷинояткорӣ – ин фармоиши иҷтимоӣ мебошад. Сохти бади сиёсии кишвар, сохтори бади иқтисодии ҷомеа, таҳсили бад ва як қатор шароити дигар – инҳо сабабҳое мебошанд, ки аксарияти ҷиноятҳо содир мешаванд[191].

Гурӯҳбандии зерини сабабҳо ва шароити содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ низ пешниҳод карда мешавад:

Гурӯҳи 1: сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ бо сабабҳо ва шароити ҷинояти умумӣ робита доранд. Сабабҳои ҷиноят иборатанд аз: падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, идеологӣ. Шартҳо, масалан, падидаҳои таббиӣ, ташкилӣ, техникӣ ва дигарҳоро дар бар мегиранд.

---

[191] Ниг.: Герцик Е.Д. Сабабҳо ва шароити содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Русия / Е.Д. Герцик // Илмҳои ҳуқуқӣ: мушкилот ва дурнамо: маводи V Конф. байн. илмӣ. (Қазон, октябри 2016). – Қазон: Бук, 2016. – С. 109 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://moluch.ru/conf/law/archive/223/11031/ (санаи муроҷиат: 26.02.2020).

Гурӯҳи 2: сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, ки бо сабабҳо ва шароити ҷинояти коррупсионӣ робита доранд.

Гурӯҳи 3: сабабҳо ва шароити мушаххаси ҷинояткории марбут ба коррупсия дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ.

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки онҳоро дар намудҳои зерин баррасӣ кунанд:

1. Сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ ва соҳаи танзими моликияти замин;

2. Сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, соҳаи манзилию коммуналӣ ва сохтмон;

3. Сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, соҳаи маориф ва илм;

4. Сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, ки бо музди пасти кормандони коммуналӣ алоқаманданд.

Ҳангоми баррасии сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, зарур аст, ки мушкилоти худмуайянкунии ҷинояти коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ ҳал карда шавад.

Ин раванд ба ҷинояти коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ низ хос аст. Ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ дигар ҷиноятҳои навро ба вуҷуд меоранд, яъне ҳангоми фаъолият пас аз содир намудани як ҷиноят, имконияти содир гардидани дигар ҷиноят пайдо мешавад.

Масалан, ҷиноят тибқи м. 314 КҶ ҶТ, метавонад боиси содир шудани ҷиноятҳои дигар гардад. Дар амалияи ҳуқуқӣ ҳолатҳое мавҷуданд, ки бо мақсади пинҳон кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, куштори фармоишӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд.

Коррупсия инчунин бо шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқии кормандони коммуналӣ бо аҳолии маҳал робита доранд. Агар ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ номаълум, эълоннашуда, ҳалношуда ва беҷазо монанд, пас ин ҳолати махсуси психологии худи кормандони коммуналӣ ва аҳолиро ба вуҷуд меорад.

Вазифаи давлат иборат аз таъмин намудани системаи муассир ҷиҳати андешидани чораҳои зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва моддӣ мебошад. Ҳамзамон, муҳимтарин мушкилоти имрӯза муттаҳидсозии қонунгузории механизми боэътимоди таъмини амнияти шахсро дар бар мегирад, ки ба пешгирӣ ва ифшои ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд.

Дар ин ҷо чунин равише ба назар мерасад, ки ин муносибати қонунгузор аз нуқтаи назари ташаккули системаи ҳимояи куллии шахс ва баланд бардоштани нуфӯзи давлат, ки дар навбати худ ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири мусбат мерасонад, асосноктар аст ва раванди татбиқи адолати судии ҷиноятӣ, баланд бардоштани сифати онро дар бар мегирад.

Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки қонунҳои миллии танзимкунандаи ин масъалаҳо бояд, такмил дода шаванд. Ин алалхусус ба мушкилоти танзими ҳуқуқии амният ва бехатарии шахсоне, ки ба мақомоти марбут ба пешгирӣ ва ифшои амалҳои коррупсионӣ дахл доранд, кӯмак мерасонад.

Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккул ва рушди «ҷомеаи истеъмолӣ» вусъат ва ривоҷ ёфта истодааст. Ин як раванди фарогир (дар миқёси миллӣ) –и соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа дар як қатор падидаҳои иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст, ки онҳоро метавон сабабҳои зуҳури коррупсия ҳисобид. Робитаи коррупсия ва мушкилоте, ки онро ба вуҷуд меоранд, дуҷониба аст[192].

---

[192] Ниг.: Герцик Е.Д. Сабабҳо ва шароити содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Русия / Е.Д. Герцик // Илмҳои ҳуқуқӣ: мушкилот ва дурнамо: маводи V Конф. байн. илмӣ. (Қазон, октябри 2016). – Қазон: Бук, 2016. – С. 111 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://moluch.ru/conf/law/archive/223/11031/ (санаи муроҷиат: 26.02.2020).

Аз як сӯ, ин мушкилот коррупсияро шадидтар мекунанд ва ҳалли он метавонад ба коҳиши коррупсия мусоидат кунад ва аз сӯи дигар, коррупсияи васеъ миқёси мушкилоти давраи гузаришро ҳифз ва афзун мекунад, ба ҳалли онҳо халал мерасонад. Аз ин бармеояд, ки аввалан, коррупсияро танҳо бо роҳи ҳалли мушкилот ва шартҳое, ки онро ба вуҷуд меоранд, коҳиш ва маҳдуд кардан мумкин аст ва сониян ҳалли ин мушкилот дар ҳама самтҳо ҳамаҷониба бо тамоми қатъият ба муқовимати коррупсия мусоидат хоҳад кард.

Дар илми криминологияи муосир чунин мешуморанд, ки сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ ҳам аз ҷиҳати ибтидоӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ мебошанд. Дар адабиёти илмӣ таснифоти мухталифи сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ пешниҳод шудаанд, аммо ҳама криминологҳо бо як овоз чунин мешуморанд, ки ҷиноят падидаи иҷтимоӣ аст. Ҳаёт ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки сабабҳои ҷиноятро он шароити воқеии зиндагие, ки одамон дар он амал мекунанд, муайян мекунад. Онҳо бар зиддиятҳои дар ҷомеа мавҷудбуда асос меёбанд.

Ҳамзамон, дар самтҳои арзишии қишрҳои муайяни ҷомеа ба сохторҳои ҷиноятӣ ва ҷомеаҳои коррупсионӣ гузариш ба назар мерасад.

Таҳлили таҳқиқоти криминологӣ оид ба сабабҳо ва шароити рушди коррупсия якчанд нуқтаи назарро нишон медиҳад. Чунончӣ, «Дар натиҷаи амалӣ гардидани санадҳои стратегӣ сатҳи камбизоатӣ аз 38,3 фоизи соли 2013 то 26,3 фоиз дар соли 2020, яъне 12 фоиз паст шудааст»[193].

Ҳамзамон, агар яке аз сабабҳои афзоиши ҷинояткорӣ аз камбизоатии қишрҳои зиёди аҳолӣ ба вуҷуд ояд, сабаби дигари он аз ҷониби бархе аз шахсони мансабадори давлатӣ ва ба онҳо баробаркардашуда ин кӯшиши ба даст овардани фоидаи муфт аз ҳисоби давлат ва ҷомеа аст. Ин гуна ашхос манфиатҳои шахсии худро болотар аз манфиатҳои давлатӣ донистa, бо роҳҳои қаллобӣ ва сӯистифодаи мансаб даст ба амалҳои коррупсионӣ мезананд.

---

[193] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2020.

Дар мавриди коррупсияи асосии оммавӣ, ки мардум аксар вақт дар ҳаёти ҳаррӯза дучор меоянд, ин каму беш оқибати камбизоатӣ ба ҳисоб меравад. Шахсони мансабдор одатан бо миқдори ками ришва ва нақзи вазифаҳои муҳимтарини расмӣ маҳдуд мешаванд. Субъектҳои он кормандони синфи миёна (муаллимон, табибон) ё одамони наздик ба хатти камбизоатӣ мебошанд. Онҳо баръакси нафароне ҳастанд, ки аксар вақт дар курсии айбдорӣ нишастаанд, дар муқоиса бо ришвахӯрони калон.

Сабабҳо ва шароити сиёсӣ ба андозаи баробар муҳиманд. Дар таърихи инсоният далелҳои зиёдеро пайдо карда метавонем, ки барои талош кардани ҳокимият ва фоидаҳо аз соҳибӣ кардани он байни ҳамдигар робитаи объективӣ вуҷуд дорад. Ҳар яке дар навбати худ, кӯшиш менамояд, ки мансаби баланди муайянро ишғол намояд ва барои пешбурди зиндагонии худ талош варзад.

Ба омилҳои муҳиме, ки шиддати зуҳуроти коррупсияро зиёд мекунад, қисман номукаммалии низоми ҳуқуқӣ дида мешавад. Ба омилҳои ҳуқуқии содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ инҳо дохил мешаванд: дар ду даҳсолаи охир шумораи санадҳои қонунгузории қабулнамудаи мақомоти давлатӣ меафзояд. Чунин омилҳо бо қонунгузорӣ боиси паст шудани сифати он мегардад. Коршиносон қайд менамоянд, ки «Матни бодиққат таҳияшудаи санад ҳамчун шарти муҳимтарин ва хусусияти сифати баланди он хидмат мекунад, ба дуруст фаҳмидани мундариҷаи меъёрҳо ва амалҳои ҳуқуқии пешбиникардаи онҳо мусоидат мекунад. Ва баръакс, матнҳои мухолиф, забони мураккаби ҳуқуқӣ, надонистани қоидаҳои таҳия ва розӣ шудан бо лоиҳаҳо, набудани якрангӣ дар истифодаи консепсияҳои ҳуқуқӣ самаранокии низоми ҳуқуқиро якбора коҳиш медиҳанд. Ҷиҳати моддии масъала на камтар аз он муҳим аст, вақте ки қонун ё санади дигар барои ташаккули воқеии низоми устувори ҳуқуқӣ ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ таҳия шудааст»[194].

---

[194] Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно–правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 51.

Аксар вақт ҳама чиз бо таҳия ва қабули қонунҳо маҳдуд мешавад ва ба назорати иҷрои амалии онҳо диққати зарурӣ дода намешавад.

Рӯйхати сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон, ки онро мо омӯхтем, яке аз муайянкунандагони асосӣ мебошад, ки ин намуди ҷинояти коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа реша давондааст ва таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунад. Танҳо бо омӯзиш ва бартараф кардани ин омилҳо мо метавонем чораҳои муассирро барои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ба даст оварем, вале амалӣ намудани онҳо вазифаи боз ҳам мушкилтар аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ чунин хулосаҳоро арзёбӣ менамоем.

1. Сабаб ва шароити содир кардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар шароити кунунии кишвари мо аз инҳо иборат аст: тафриқаи зиёди иҷтимоии аҳолӣ аз рӯйи дараҷаи таъмини моддӣ; беҷазоӣ ё татбиқи ҷазои нисбатан сабук барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта; рушди иқтисоди сояафкан, ҷинояткории муташаккилона дар самти ин соҳа; анъанаҳои коррупсионӣ, интихоб, ҷойгиркунӣ ва тарбияи номатлуби мансабдорон, назорати пасти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо, ҷой надоштани маҳдудиятҳои махсус ва мушаххасгардида барои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият (идораи амволи давлатӣ, андоз, муносибатҳои гумрукӣ, прокуратура, суд, коррупсия ва ғ.); яке аз сабабҳои асосии рушти коррупсия дар ҶТ мебошад;

2. Яке аз сабабҳои сол то сол паст нагардидани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ номукаммалии қисме аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти баъзе камбудиҳо ва бархӯрдҳо дар он, имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, дар аксари ҳолатҳо мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботҳои аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ мебошанд;

3. Ба таври ҷиддӣ ҷой надоштани ҷавобгарии хизматчиёни давлатӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо, набудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятӣ аз болои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ;

4. Паст будани дараҷаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва маънавии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ.

## 2.2. Чораҳои умуми иҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 қайд намуданд «Масъалаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия ва татбиқи ҳамаҷонибаи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 дар оянда низ ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад»[195].

Муқовимат бо коррупсия фаъолияти пайвастаи низомнокро дар назар дорад, ки ба аз байн бурдани детерминантҳои он ва паст намудани сатҳи коррупсия то сатҳи таҳаммулпазирии иҷтимоӣ равона карда шудааст[196].

Мубориза бо коррупсия тадбирҳо дар самти такмили қонунгузорӣ, амалияи татбиқи қонун ва пешгирии коррупсияро дар назар дорад. Бо назардошти пешгирии умуми иҷтимоии ҷинояткорӣ бояд қайд намуд, ки тадбирҳои асосии чунин пешгирӣ фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, рафъи камбудиҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ – равонӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд. Чун қоида, онҳо бо баланд бардоштани некӯаҳволии моддии шаҳрвандон, шароити кор ва истироҳати онҳо, инчунин бо дигаргуниҳои мусбати ҷомеа алоқамананд, вобаста мебошанд. Тадбирҳое, ки ба ҳалли ин мушкилот нигаронида шудаанд, ҳамзамон

---

[195] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

[196] Ниг.: Служебная дисциплина и формирование антикоррупционного поведения сотрудников органов внутренних дел: учеб. пособие / Под ред. проф. С.В. Иванцова. – М.: ДГСК МВД России, 2016. – С. 20–35.

равандҳо ва падидаҳои манфиро аз байн бурда, ғайримустақим вазифаи пешгирии ҷиноятҳоро иҷро мекунанд[197].

Зери мафҳуми пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ одатан муайян ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳои содиршавии ҷиноятҳои коррупсиониро тавассути таҳия ва татбиқи низоми тадбирҳои муассир, аз ҷумла чораҳое, ки шахси мансабдор аз содир намудани ҷиноятҳои марбут ба сӯиистифода аз мансаб ё баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ, гирифтани пора, инчунин дигар ҷиноятҳои коррупсионӣ нигоҳ медоранд, фаҳмида мешавад[198].

Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷиноят, хусусиятҳои хос ва мушкилоти зиёд доранд. Ҳолати мазкур чунин шарҳ дода мешавад, ки «сабабҳои коррупсия дар сатҳи психологӣ пинҳон ва дар самти иҷтимоӣ васеъ паҳн гардида мебошанд (гарчанде, ки пайдоиш ва рушди коррупсия бо сабабҳои умумӣ муайян карда шудааст)»[199].

Мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои муҳими на танҳо давлатҳои алоҳида, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Зеро мубориза бо коррупсия ба манфиатҳои тақрибан ҳамаи давлатҳо таъсир мерасонад ва эътирофи умумиҷаҳониро ба даст меоварад. Дар ҷомеаи ҷаҳонии имрӯза мубориза бо коррупсия як қатор мушкилотро ба миён овардааст. Бояд қайд намуд, ки зарурати кӯшишҳои байналмилалӣ барои ҳалли бомуваффақияти ин мушкилот ҳам аз ҷониби олимон ва ҳам аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун, инчунин аз ҷониби ҷомеа ва пешвоёни давлатии кишварҳои алоҳида ба миён омадааст.

Бинобар сабабе, ки коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай хусусияти низомнокиро гирифтааст, бояд на ба ҳолатҳои мушаххаси содир гардидани ҷинояти коррупсионӣ, балки пеш аз ҳама ба бартараф

---

[197] Ниг.: Ананич В.А., Клим А.М. Обшесоциальные меры предупреждения коррупционной преступности / В.А. Ананич, А.М. Клим // Вопросы криминологии, криминалистики и судебной экспертизы. – 2015. – №1 (37). – С. 21–27.

[198] Ниг.: Современная коррупция: отечественная специфика и зарубежный опыт противодействия: монография. – Москва, 2014. – С. 438.

[199] Билинская М.Н., Моисеев В.В., Нисневич В.Ф. Противодействие коррупции: монография. – Москва–Берлин: Директ – Медиа, 2014. – С. 439.

намудани сабаб ва шароите, ки онро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд, диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҷиноятҳои коррупсионӣ натиҷаи зиддиятҳо дар фаъолияти давлат, низоми сиёсӣ, идоракунӣ, маориф, анъана, психология ва дигар самтҳо мебошанд. Коррупсияро комилан решакан кардан ғайриимкон аст, аммо бо андешидани баъзе чораҳо сатҳи онро паст намудан ва шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ба вуҷуд омадаро то ҳадди имкон кам кардан мумкин аст.

Мақомоти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия, бояд сиёсати ҳамоҳангшудаи зидди коррупсияро таҳия ва амалӣ намояд ва ҷомеаро аз таъсири манфии коррупсия муҳофизат, инчунин ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро ҳимоя созад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ чораҳои миллии таҳияшудаи мубориза бо коррупсия нокифоя мебошанд. Беҳуда нест, ки дабири кулли СММ Пан Ги Мун қайд намуд, ки «Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ солона миллиардҳо доллар дар натиҷаи ришва ва сӯиистифодаи дигар, талаву тороҷ карда мешаванд. Бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ нишон медиҳад, ки барои ба танзим даровардани ин ҳолатҳо талошҳои муштарак баҳри мубориза бо коррупсияро бояд, фаъолтар гардонид[200].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки аз афзоиши ҷиноятҳои коррупсионӣ дар саросари ҷаҳон нигарон аст, як қатор санадҳои бунёдии байналмилалиро оид ба мубориза бо коррупсия таҳия намудааст. Дар байни онҳо Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки соли 2003 ба имзо расидааст, фарққунанда мебошад. Дар Конвенсияи мазкур зарурати ҷалби созмонҳо ва ҳукуматҳо, ҳамкории зич бо ҷомеа оид ба мубориза бо коррупсия дар таъсиси Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид (2006) алайҳи Эътилофи (UNCAC) шабакаи байналмилалии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои татбиқ ва дастгирӣ муқаррароти

---

[200] Ниг.: Кудеркина Л.Н. Коррупция как политико–правовая проблема современной России: федеральный и региональный аспекты. – Пенза, 2015. – С. 84.

UNCAC таъсис ёфтааст, зоҳир мегардад[201]. Аз ҳамон лаҳза оғоз гардида, стандарти ягонаи глобалии мубориза бо коррупсия таҳти таъсири ҳам субъектҳои давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ ташаккул меёбад.

Коррупсия, новобаста аз сохти сиёсӣ ва сатҳи иқтисодии рушд ба ҳама кишварҳо хос аст. Аҳамияти махсуси мавзуъ дар он аст, ки коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи баъзе аз сохторҳои ҳукумат ворид гардидааст. Муҳокимаи васеи мушкилоти коррупсия аз аҳамияти фаврии ҳалли ин зуҳуроти манфии ҷомеа гувоҳӣ медиҳад.

Пешгирии коррупсия барои навсозии иқтисоди Тоҷикистон, баланд бардоштани эътибори ҳокимият ва баланд бардоштани сифати фаъолияти Ҳукумат ниҳоят муҳим аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки ба Конвенсияи СММ зидди коррупсия 31 октябри соли 2003 ҳамроҳ гардида, 25 сентябри соли 2006 ба он имзо гузошта, 16 апрели соли 2008 ин санади байналмилалӣ аз ҷониби Парлумони кишвар тасдиқ карда шудааст.

Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия ҳанӯз ҳам ба пуррагӣ иштирок намекунад (масалан, дар амалияи ҳуқуқии истифода накардани муқаррароти як қатор моддаҳои UNCAC, аз ҷумла м. 20 (Бойшавӣ (дорошавӣ) ғайриқонунӣ), ки барои давлатҳои аъзо ба тасвиб расонида шуда, «имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоеро пешбинӣ мекунад, ки метавонанд барои пешгирии содир кардани амали ҷиноятӣ», яъне дидаву дониста дорошавии беасос (ғайриқонунӣ) – афзоиши назарраси дороиҳои шахси мансабдори давлатӣ, ки аз даромади қонунии ӯ, ки сарчашмаи ба вуҷуд омадани онҳоро исбот карда наметавонад, дар назар дошта мешаввад. Дар айни замон, дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш, ки Тоҷикистон низ ба он мутаалиқ мебошад, коррупсия ҳоло мушкилии рақами як гардидааст.

---

[201] Ниг.: Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции (принята 31 октября 2003 г.) / Собрание законодательства РФ. – 2006. – №26. – С. 2780.

Пешгирии амалҳои ҷинояткорӣ қисми таркибии омӯзиши криминология мебошад. Ҳадафи илми кримонология на танҳо муайян кардани сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ, тавзеҳ додани тағйиротҳо дар он, инчунин кӯмак ба давлат бо роҳи дарёфт намудани роҳу усулҳои мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирии он, фароҳам овардани заминаи илмӣ барои ин фаъолият мебошад.

Тавре, ки криминологҳо муайян мекунанд, барои пешгирии ҷинояти коррупсионӣ чораҳои умумии иҷтимоӣ ва махсуси криминологӣ татбиқ мегарданд[202].

Пешгирии умумии ҷинояткории коррупсионӣ бо миқёс, гуногунҷанбагӣ, вобастагии мутақобила, муттасилӣ тавсиф гардида, асос барои пешгирии махсус мебошанд[203]. Тадбирҳои пешгирии умумии иҷтимоии коррупсия солҳои зиёд, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа амалӣ мешаванд[204].

Ба андешаи мо, тадбирҳои иҷтимоию – иқтисодӣ дар низоми тадбирҳои умумии ичтимоӣ оид ба пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи беҳбудии куллии вазъи иқтисодии давлат меравад. Бо назардошти ноустувории иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда, барои давлат амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ, зиёд кардани музди меҳнати хизматчиён ва ғайра душвор мегардад. Новобаста аз он, ки маоши хизматчиёни давлатӣ ҳамасола зиёд мегардад, он дар муқоиса бо кормандони сохторҳои хусусӣ ҳанӯз ҳам ночиз аст. Аз ин рӯ, барои таъмин намудани сатҳи муносиби зиндагии хизматчиёни давлатӣ ва пешгирии коррупсия, сатҳи музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандони вазоратҳо ва идора, корхона, муассиса ва ташкилотро ба муқоиса бо сохторҳои бахши хусусӣ дар вазифаҳои шабеҳ баланд намудан, зарур аст. Зеро ба ақидаи коршиносон, маоши ками

---

[202] Ниг.: Уткин В.А. О противодействии коррупции и антикоррупционном поведении. – М.: Щит М, 2010. – С. 20.

[203] Ниг.: Долгова А.И. Определение коррупции и законодательство о борьбе с ней / А.И. Долгова // Коррупция и борьба с ней. – М.: Государственная Дума, 2007. – С. 78.

[204] Ниг.: Гриб В.Г., Окс Л.Е. Противодействие коррупции: учебное пособие. – М.: Московская финансово–промышленная академия, 2011. – С. 60–61.

хизматчиёни давлатӣ, яке аз сабабҳои асосии мавҷудияти коррупсия дар давлатҳо шуда метавонад[205].

Дигар сабабҳои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ дар баробари кам будани музди меҳнат, норасоии моддӣ ва набудани ҳимояи иҷтимоии онҳо мебошад. Дар робита ба ин, баъзе аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш менамоянд, ки хизмати давлатиро ҳамчун воситаи дорошавӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии худ қарор диҳанд.

Намунаи бо роҳи пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатро рафъ намудани коррупсия барои мисол давлати Сингапур мебошад, ин кишвар дар мубориза бо коррупсия яке аз муваффақтарин давлатҳо ба ҳисоб меравад. Дар Сингапур хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва ҳифзи ҳуқуқ маоши баландтарин мегиранд. Ба андешаи мо, ин тадбир барои пешгирии коррупсия, илова бар он, ки ба ҷаззобияти хизмати давлатӣ таъсири назаррас мерасонад, инчунин шумораи ҷиноятҳои марбут ба коррупсияро коҳиш дода, омилҳои коррупсиониеро, ки хизматчиёни давлатиро ба содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ бармеангезад, аз байн хоҳад бурд.

Мавзуи мубориза бо коррупсия дар кишвари мо ҳамеша мубрам мебошад, аммо имрӯз мо метавонем мавҷи афзояндаи ин падида ва ҳам шахсони манфиатдорро барои рафъи он мушоҳида кунем. Таҷрибаи ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия имрӯз дар пешгирии ҷиноят ва ҷазо барои ҷинояти содиршуда мусоидат менамояд. Пешгирӣ – маънои таблиғи доимӣ бо мардумро дорад ва ҷазо системаи устувори ҳифзи ҳуқуқ ва судро пешбинӣ мекунад, ки метавонанд, эътимод ва мустақилиятро таъмин кунанд. Таъсиси системаи феҳристҳои эъломияҳои электронӣ, ки комилан тамоми амалиёти амволи шахси мансабдорро дар тӯли як сол нишон дода, ба Кодекси ҷиноятии кишвари

[205] Ниг.: Илий С.К. Борьба с коррупцией в России: состояние, динамика и тенденции / С.К. Илий // Противодействие терроризму. Проблемы XXI века – Counter–terrorism. – 2016. – №1. – С. 32– 40.

дахлдор дохил шудани онҳоро муайян мекунад, усули самарабахш буда метавонад.

Чораҳои ҳуқуқии пешгирии умумӣ низ дар муқовимат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз ҷумла такмили куллии равандҳои қонунгузорӣ ва қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита вазифаҳои пешгирии коррупсияро инъикос намекунанд, нақши муҳим доранд. Ба андешаи мо, хусусияти ғайримутамаркази қонунгузорӣ ва номутобиқатии дохилии он нуқсонҳои асосии қонунгузор мебошанд, ки бо роҳи бартараф кардани онҳо сифати қонунгузорӣ ва расмиёти қонунгузорӣ хеле беҳтар карда мешавад.

Дар ин робита, пеш аз ҳама, зарур аст, ки зиддиятҳо дар сохтори соҳавии низоми ҳуқуқӣ, ки бо номунтазамии санадҳои қонунгузории алоқамананданд, бартараф карда шаванд. Инчунин, бо мақсади пешгирии коррупсия дар расмиёти қонунгузорӣ, татбиқи қоидае зарур аст, ки дар зинабандии умумии қонунгузорӣ, ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии минбаъда набояд бо санадҳои меъёрии сатҳи болоӣ мухолифат кунад.

Зарурати мубориза бо коррупсия дар ҳукумат аз ҷониби мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии тамоми ҷаҳон эътироф карда мешавад. Хусусияти ин мушкилот, мураккабии назариявӣ ва амалии мубориза бо он дар мавҷуд набудани меъёри ягонаи арзёбии коррупсия ва усулҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи сатҳи он дар ҳолати муайян мебошад. Инчунин, бо сабабҳои маълум сатҳи коррупсияро дар кишвар танҳо бо роҳи ҷамъоварии маълумоти ченаккардашуда (эмпирикӣ), объективона арзёбӣ кардан мумкин нест. Барои баланд бардоштани самаранокии чораҳо, ки дар доираи мубориза бо коррупсия дар сатҳи миллӣ ва алалхусус байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд, зарур аст, ки коррупсияро эътироф карда, дараҷаи таъсири онро ба давлат ва ҷомеа дарк намоем. Аммо чӣ гуна бояд муайян намуд, ки сатҳи коррупсия дар кадом кишвар хеле баланд аст ва дар куҷо зуҳуроти он ниҳоят кам аст?.

Албатта, барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ

меъёрҳои дақиқи муайян кардани сатҳи коррупсия нисбат ба он меъёрҳое, ки имрӯз дорем, зарур аст. Барои ин як қатор амалҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии коррупсияро дар як давлати муайян таҳлил намуда, роҳи таърихии ин падида дар шароити мушаххас пайгирӣ карда шаванд;

2. Муайян намудани сатҳи ҳадди имконпазири содиргардии кирдори коррупсионӣ;

3. Омӯзиши таҷрибаи мавҷудаи муваффақи миллӣ дар мубориза бо коррупсия, инчунин баррасии нокомиҳои давлатҳо дар ин соҳа;

4. Санҷиши ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд ва самаранокии онҳоро дар айни замон арзёбӣ менамоянд;

5. Коркарди барномаҳои зиддикоррупсионие, ки ба демократикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт, озодиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, эҷоди мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар байни аҳолӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, гузаронидани корҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳӣ дар бораи зарар ва ғайри қобили қабул будани коррупсия барои интихоби шадиди кадрҳо ба вазифаҳои хизмати давлатӣ, ногузирии ҷазо барои ҷиноят ва ғайра равона гардида бошанд;

6. Баланд бардоштани сифати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷорӣ намудани системаи баҳогузории таъсири танзимии лоиҳаҳои қонунҳо дар сатҳи Ҳукумат.

Мусаллам аст, ки комилан решакан кардани коррупсия дар давлат ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, сухан дар бораи як навъ идеали абстрактӣ меравад – давлате, ки системаи коркарди хуб ва мубориза бо коррупсия дорад, шаффофияти онро назорати ҷамъиятӣ ва ҳамкориҳои фаъоли байналмилалӣ дар ин самт тасдиқ мекунанд, дар ин замина шахсони мансабдор аз ҳама гуна ҳавасмандӣ барои амалҳои коррупсионӣ маҳрум карда мешаванд.

Наздикии он (ки дар ин ҳолат ба муқобили муборизаи муваффақона бо коррупсия баробар аст), вақте ки мубориза ба таври ҳамаҷониба, дар ҳама самтҳо гузаронида шавад, натиҷаҳои хубро ба даст овардан мумкин аст. Чунончӣ, дар муассисаҳои таълимии касбию техникӣ ва олӣ, ба хусус дар соҳаи маориф ва илм. Натиҷаҳои он ба камол расонидани насли ояндаи донишманд мебошад, ки минбаъд барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа мусоидат карда метавонанд.

Ин иродаи сиёсиро барои мубориза бо коррупсия дар ҳукумат талаб мекунад. Бинобар ин дар баробари таҳия шудани қонунгузорӣ, зарур аст, ки татбиқи он дар амал ҷорӣ карда шавад. Дар ин самт иштирок дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза ба коррупсия, риояи ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалии мубориза ба коррупсия таъмин гардад. Рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иштироки онҳо дар назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ, ошкорбаёнии ҳукумат, ҳисоботдиҳии он, низоми демократии интихобот ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар амалӣ ва тақвият ёбад.

Ҳар як давлат дар мубориза бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ муносибати худро дорад ва мустақилона чораҳо меандешад. Таҳлили мубориза бо коррупсия дар давлатҳое, ки дар ин самт то ҳол муваффақияти калон ба даст наовардаанд, барои ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим аст; таҷрибаи онҳо метавонад давлатҳои дигар ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонро аз хатогиҳое, ки аллакай дар муборизаи зидди коррупсия содир шуда буданд, огоҳ намояд. Сабақҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ дар мубориза бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷустуҷӯйи танзими самараноки зидди коррупсия зарур аст, махсусан муҳим мебошанд.

Дар байни давлатҳое, ки дар мубориза бо коррупсия муваффақ шудаанд, 3 модели мубориза бо коррупсия мавҷуд мебошад. Модели аввал дар кишварҳои Аврупои Шимолӣ ва Ғарбӣ муаррифӣ шудааст (махсусан, онро хуб пайгирӣ мекунанд дар кишварҳои Скандинавия). Муассисаҳои давлатии Норвегия, Шветсия, Финляндия ва Дания, яке аз

беҳтаринҳо дар ҷаҳон мебошанд. Онҳо аксар вақт принсипҳои давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Ба андешаи онҳо сиёсати зидди коррупсия ин рақобати озод дар иқтисодиёт, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши баланди ВАО дар инъикоси ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошад.

Хусусияти хоси «Аврупои Шимолӣ» модели сиёсати зидди коррупсияро нақши фаъол ҳисобидан мумкин аст, дар ин самт мақомоти давлатӣ дар тақсимоти маблағҳо дар давлат бо шаффофияти бештар имконпазир ва ҳисоботдиҳӣ дар назди ҷомеа мебошад.

Яке аз сабабҳои он ки чаро ҷинояти коррупсионӣ, ки тавассути ВАО фаро гирифта шудааст, хусусияти мушкилоти миллиро ба худ мегирад, ин баланд будани муносибати ахлоқии аҳолӣ ба муқобили он мебошад. Бо сабаби сатҳи баланди эътимод байни одамон, ҳама гуна ҷиноятҳои коррупсионӣ ҳамчун зуҳури рафтори бадахлоқона якбора манфӣ дониста мешаванд.

Аҳолӣ ба давлат боварӣ дорад, саркашӣ аз андоз масалан дар кишвари Скандинавия қобили қабул нест. Гузашта аз ин, ҳар як шаҳрванд метавонад, ҳуҷҷатҳои ба мақомоти давлатӣ пешниҳодшударо баррасӣ намояд. Чунончӣ, дар Дания тақрибан 20 санади қонунгузорӣ мавҷуд аст, ки ба ин ё он роҳ марбут ба мубориза бо коррупсия ҳастанд. Парлумони Дания бо фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони ВАО ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамкории зич доранд ва амалҳои эҳтимолии коррупсияро якҷоя назорат мекунанд.

Дар Дания давлат ба шаҳрвандон кафолатҳои иҷтимоӣ медиҳад ва онҳоро амалӣ менамояд. Шаҳрвандон ба ҳукумат эътимод доранд ва бо омодагӣ андозҳои баланд месупоранд, зеро медонанд, ки сифати хизматрасониҳои давлатӣ албатта баланд хоҳад буд[206].

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар ҳама кишварҳое, ки бо коррупсия мубориза мебаранд, васетарин васила ва усулҳо, аз ҷумла

[206] Ниг.: Газимзиянов Р.Р. Корруционная преступность в Республике Татарстан на рубеже веков: дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2005. – С. 49.

ҳамкории ҳамаҷонибаи зич бо сохторҳо дар фаъолияти зидди коррупсия тибқи қонун асосёфта, ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳӣ мебошад.

Инчунин, ҷудо намудани воситаҳои ташкилӣ пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро қайд намудан зарур аст. Тадбирҳои ташкилӣ ва идоракунӣ оид ба пешгирии умумии коррупсия дар сиёсати умумии зидди коррупсионии давлат нақши муҳим доранд. Яке аз чораҳои ташкилию идоракунӣ оид ба пешгирии коррупсия маҷмуи чораҳо оид ба такмили идоракунии давлатӣ мебошад, ки коррупсияро дар дастгоҳи давлатӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва қонуниятро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ таъмин карда метавонад:

а) татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои гирифтани маълумоти боэътимод, баланд бардоштани мустақилияти ВАО;

б) ташкили низоми мониторинги фаъолияти хизматчиёни давлатӣ аз ҷониби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

в) кам кардани шумораи хизматчиёни давлатӣ бо ҷалби ҳамзамони мутахассисони соҳибихтисос ва фароҳам овардани ҳавасмандии муносиби моддӣ вобаста ба натиҷаҳои кор;

г) баланд бардоштани масъулияти мақомоти иҷроия барои иҷро накардани чораҳо оид ба рафъи сабабҳои коррупсия;

д) таҳия ва татбиқи стандартҳои хизматрасонии давлатӣ, инчунин мушаххас намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва кормандони онҳо;

е) таҳияи низоми муътадили ҳамкории байни институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ, ба истиснои имконияти дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти хизматчиёни давлатӣ[207].

Инчунин, тадбирҳои ташкилӣ оид ба пешгирии умумии коррупсия, ба андешаи мо, бояд инҳоро дар бар гиранд:

1) такмил додани низомноккунии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

[207] Ниг.: Богданов И.Я. Коррупция в России: учебник. – М., 2010. – С. 26.

2) ба фаъолияти сохтори мақомоти давлатӣ ворид намудани принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокгардидаи ташкили идоракунӣ, ки хусусиятҳои ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои менталитети мардуми тоҷикро пешбинӣ мекунанд.

Чораҳои дар боло овардашуда бояд, дар баробари дигаргуниҳои сиёсӣ амалӣ карда шаванд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зерин аз ҳама муҳим мебошанд:

а) таҳкими сиёсати роҳбари давлат дар самти пешгирии коррупсия;

б) таҳким бахшидани системаи сиёсӣоид бахафҳои коррупсия;

в) ташаккул ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини иштироки он дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини давлатӣ, ташкили алоқаи аҳолӣ ва мақомоти ҳокимият, назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои давлат ва маъмурияти давлатӣ. Ин муқаррарот дар м. 10 Конвенсияи СММ зидди коррупсия сабт шудааст, ки дар он омадааст: «... тавсия дода мешавад, ки шаффофият тақвият дода шавад ва иштироки аҳолӣ ба равандҳои қабули қарорҳо, дастрасии муассир ба иттилоот барои онҳо, гузаронидани иттилоот фаъолиятҳое, ки ба фароҳам овардани фазои таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия, инчунин татбиқи барномаҳои маориф дар ин самт мусоидат мекунанд»;

г) таҳкими тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, татбиқи амалии принсипҳои тақсимоти ҳокимият ва мустақилияти суд бо ҳамбастагии оқилонаи ҳамкории возеҳи байни онҳо;

д) татбиқи иродаи сиёсӣ барои муқовимат бо падидаҳо ва равандҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ манфӣ, аз ҷумла коррупсия»[208].

Бо баррасии муффасали ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия дар сатҳи давлатҳо ва созмонҳои байниҳукуматӣ, ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ намояндагӣ мекунанд, дар ин самт нодида гирифта мешавад. Дар айни замон, ҷомеаи

[208] Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции (принята 31 октября 2003 г.) / Собрание законодательства РФ. – 2006. – №26. – Ст. 2780.

шаҳрвандӣ ба мубориза бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ бештар ҷалб карда мешавад. Майлу хоҳиши масулияти ҳукумат, дастрасӣ ба иттилоот ва назорати ҷамъиятии мақомот меафзояд.

Бе дастгирии шаҳрвандон, ҳукумат танҳо наметавонад мушкилоти коррупсияро ҳал кунад. Барои ташаккули маърифати ҳуқуқии зидди коррупсия, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Аммо ҷомеаи пешрафтаи шаҳрвандӣ мақомотро назорат хоҳад кард, ки одатан дар як давлати дорои авторитарӣ ё тоталитарии ҳукумат иҷозат дода намешавад. Аз ин рӯ, маҳз аз рӯи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии давлат, метавон дар бораи хоҳиши мубориза бо коррупсия ё набудани он ҳукм кард. Намунаи барҷастаи ин худдории як қатор давлатҳо аз қабули аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба конфронси давлатҳои аъзои Конвенсияи СММ зидди коррупсия мебошад[209].

Иштирок накардани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар равандҳои мубориза бо коррупсия ва назорати мақомоти ҳокимият, яке аз сабабҳои паст будани самаранокии мубориза бо коррупсия дар ин кишварҳо мебошад.

Аммо, майли ошкорои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ метавонад, аз тарси мақомоти давлатӣ ва гум шудани соҳибихтиёрӣ ба амал ояд. Муборизаи фаъолона бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ маънои онро дорад, ки ҳукумат нокомилии худро эътироф мекунад, ки он метавонад оқибатҳои ҷиддии дохилӣ ва хориҷӣ дошта бошад. Гузашта аз ин, ҳангоми гузаронидани маъракаи глобалии мубориза бо коррупсия стандартҳои дугона метавонанд, татбиқ карда шаванд. Ҷудо кардани маблағ аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ аз сатҳи коррупсия дар давлат вобаста аст. Аз давраи аввали солҳои 90–уми асри XX инҷониб, таваҷҷӯҳи мардум ба мушкилоти коррупсия меафзояд. Шумораи нашрияҳо дар матбуот ва таҳқиқоти илмии ин падида зиёд шуда истодаанд. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи сиёсатшиноси маъруф И. Крастев, «Дар солҳои 1982–1987 калимаи

[209] Ниг.: Зиновьева Э.С. Афзалият дар соҳаи рақамӣ на манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ, балки манфиатҳои давлатҳои миллӣ боқӣ мемонад [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mgimo.ru/news/experts/document240852.phtml (санаи мурочиат: 10.05.2021).

«коррупсия» дар саҳифаҳои нашрияҳо, ба монанди “The Economist” ва “Financial Times” солона ба ҳисоби миёна 229 маротиба вохӯрдан мумкин буд. Аммо дар солҳои 1989–1992 ин рақам дар як сол ба 502 маротиба афзудааст. Дар соли 1993 дар ин ду нашрияи бонуфӯзи молиявӣ ва сиёсии Аврупо 1076 маротиба калимаи «коррупсия» зикр шудааст. Соли 1994 дар бораи коррупсия 1099 маротиба, дар соли 1995 – 1246 маротиба зикр шудааст. Ин тамоюл то ба имрӯз идома дорад[210].

Дар баробари ин, мақомоти давлатӣ (ба истиснои ҳолатҳои нодир, сарфи назар аз он, ки дар маҷмуъ нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ меафзуд) ва соҳибкорон барои мубориза бо коррупсия чораҳои фаъоли кофӣ наандешиданд. Гузашта аз ин, коррупсия дар мақомоти давлатӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, самтҳо ва шаклҳои нав гирифт. Ташаккули коррупсияи давлатӣ на танҳо ва на ба зарари ҳадди аксар ба сохторҳои давлатӣ, балки ба худи ҷомеа низ зарари зиёд расонд. Дар натиҷаи амалҳои нокифояи самарабахши (ва баъзан беамалии) давлатҳо ва соҳибкорон, ҷомеа омили асосии мубориза бо коррупсия гардид.

Аз ин лиҳоз, баррасии созмонҳои ҷамъиятии зидди коррупсия ва таҳлили иштироки онҳо ба дурнамои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия дуруст ба назар мерасад.

Имрӯзҳо барои фаҳмиш ва омӯзиши ҷомеаи шаҳрвандӣ равишҳои зиёде мавҷуданд. Сарфи назар аз тафовути равишҳо, мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамеша гурӯҳи шахсон ва ташкилотҳои озодро дар бар мегирад. Маҷмуи муносибатҳои байни онҳоро берун аз доираи сохторҳои давлатӣ муаррифӣ мекунад (дар айни замон, ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат бояд, алоҳида қайд карда шавад).

Яке аз ин созмонҳо “Transparency International” мебошад, ки соли 1993 таъсис ёфтааст. Директори собиқи Бонки Ҷаҳонӣ Питер Айген муассиси ин аввалин ва бузургтарин ташкилоти ғайриҳукуматии зидди

---

[210] Ниг.: Крастев И. Когда «хочется» не означает «можно». История создания Вашингтонского консенсуса по коррупции / И. Крастев // Прогнозис. – 2007. – №2. – С. 229.

коррупсия дар саросари ҷаҳон буд. Ғайр аз ин, Transparency International (мухтасараш TI) ба омӯзиш ва таснифи коррупсия машғул аст.

Бояд қайд кард, ки то замони пайдо шудани “Transparency International” ташкилотҳое, ки фаъолияташон мубориза бо коррупсияро дар бар мегирифтанд, аллакай вуҷуд доштанд, аммо дар сатҳи миллӣ (масалан, ташкилоти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ Подер Сюдадано («Ҳокимияти шаҳрвандон»), ки соли 1989 аз ҷониби гурӯҳи шаҳрвандони ташаббускор дар Аргентина) таъсис ёфта буд. Аммо, маҳз “Transparency International” интегратори ассотсиатсияи бисёр ташкилотҳои миллии зидди коррупсия гардид. «Вазифаи ташкилот қатъи коррупсия ва таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва ошкорбаёнӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа мебошад.

Арзишҳои асосии ташкилот иборатанд аз шаффофият, масъулият, ростқавлӣ, ҳамбастагӣ, далерӣ, адолат ва демократия. Нақши “Transparency International”–ро дар маъракаи байналмилалии мубориза бо коррупсия баланд бардоштан мумкин нест. Зеро TI аз рӯзи таъсисёбӣ ба ташкили ҳаракати зидди коррупсия дар саросари ҷаҳон таъсири назаррас расонд. Масъалаи проблемаи коррупсия, ки зикраш қаблан мамнуъ буд, дар сатҳи олии сиёсӣ муҳокима шудан гирифт.

Бисёре аз рӯйдодҳои калидӣ дар соҳаи қабули қарорҳои ҳукумат ва ташаббусҳои шаҳрвандӣ ба ин ё он шакл бо фаъолияти “Transparency International” алоқаманданд. Ҳамин тавр, соли 1995 бо иштироки TI конфронси байналмилалии мубориза бо коррупсия ташкил карда шуд.

Он дар ҳар 2 сол баргузор мешавад, ҳадафҳои конфронс инҳоянд: «ҳавасмандгардонии мубодилаи таҷриба ва методикаи глобалии мубориза бо коррупсия», инчунин «рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар саросари ҷаҳон».

Чунин як конфронс аввалин маротиба соли 1983 баргузор шуда буд, аммо маҳз пас аз ҷалби Котиботи TI дар ташкили он, ин ба яке аз чорабиниҳои асосии мубориза бо коррупсия табдил ёфт, ки дар раванди

он беш аз якуним ҳазор фаъолон ва коршиносон аз саросари ҷаҳон иштирок намуданд[211].

Дастовардҳои асосие, ки “Transparency International” шӯҳрати ҷаҳонӣ ба даст овард, эҷод ва андозагирии солонаи Индекси дарки коррупсия (1995), Индекси ришваситонӣ (1999), инчунин эҷоди Барометри Глобалии коррупсия (2003) мебошанд. Дар оянда “Transparency International” ҳамеша дар қабули ҳуҷҷатҳои байналмилалии мубориза бо коррупсия нақши барҷаста дошт (аз ҷумла қабули Конвенсияи OECD оид ба мубориза бо ришвахӯрии мансабдорони давлатии хориҷӣ дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ ва Конвенсияи СММ зидди коррупсия) ва таҳияи стандарти рафтори зидди коррупсионӣ[212].

Моддаи 13–и Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид муқобили коррупсия (UNCAC) бо номи «Иштироки ҷамъият» қайд мекунад, ки «ҳар як Давлати узв барои мусоидат ба иштироки фаъолонаи шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои берун аз бахши давлатӣ, ба монанди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ташкилотҳое, ки дар заминаи ҷомеа амал мекунанд, дар пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия ва амиқтар фаҳмидани ҷомеа дар бораи мавҷудият, сабабҳо ва хусусияти хатарноки коррупсия ва инчунин таҳдидҳои он» ҳуқуқ доранд.

Ин тадбирҳо афзоиши шаффофият ва мусоидат ба ҷалби аҳолӣ ба равандҳои қабули қарорро дар назар доранд; дастрасии васеъ ба иттилоот; гузаронидани фаъолияте, ки ба эҷоди таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия мусоидат мекунанд (аз ҷумла барномаҳои таълимӣ). Ҳуқуқи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия бори аввал дар чунин санади сатҳи баланд муайян карда шуд.

Дар Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ Барномаи глобалии мубориза бо коррупсия, чораҳои зидди коррупсия

---

[211] Ниг.: Конфронси байналмилалии мубориза бо коррупсия. Мо кистем [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://iacconference.org/en/about/about_iacc (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

[212] Ниг.: Директори иҷроияи UNODC Антонио Мария Коста. Конфронси давлатҳои аъзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи коррупсия Нуса Дуа, Бали, Индонезия, 28 январи соли 2008 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.unodc.org/unodc/en/about–unodc/speeches/2008–01–28.html (Тарҷумаи муаллиф) (санаи муроҷиат: 09.03.2020).

барои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дастрасии ройгон ба иттилоот пешбинӣ шудааст. Ин Барнома масалаҳои баланд бардоштани маърифати аҳолӣ, кор бо ВАО оид ба таълими зидди коррупсия, таҳқиқоти журналистӣ, ҳамкории наздики институтҳо бо ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Таъсиси Конвенсияи СММ зидди коррупсия дар соли 2006 ба афзоиши аҳамияти иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия мусоидат намуд. Ин як шабакаи байналмилалии иборат аз зиёда 350 созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ) аз саросари ҷаҳон барои дастгирии UNCAC мебошад.

Ҳадафҳои асосии Эътилоф «мусоидат ба тасдиқ, татбиқ ва мониторинги татбиқи UNCAC, сафарбар кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ барои дастгирии UNCAC дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ», мебошад.

Бояд қайд кард, ки Эътилофи СООРС доираи васеи ташкилотҳоро дар бар мегирад.Чунончӣ, онҳое, ки ҳуқуқи инсонро ҳимоя мекунанд, то ҳимояи муҳити зист, аз марказҳои таҳқиқотӣ то ширкатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Вижагии Эътилоф дар гуногунии аъзои он аст. Онҳо набояд ширкатҳое бошанд, ки ҳадафи асосиашон танҳо мубориза бо коррупсия бошад, балки бо сиёсат ва мавқеи худ бояд иштироки худро дар ҳаракати байналмилалии мубориза бо коррупсия таъмин намоянд.

Намунаи маъмулии фаъолияти онҳо ифшои як нақшаи коррупсионӣ дар Ангола мебошад, ки тибқи он фоидаи фурӯши алмос барои ҷанги шаҳрвандӣ истифода мешуд. Global Witness and Partnership Africa Canada барои таҳқиқотҳои назаррасаш оид ба мушкилоти алмосӣ ба ҷоизаи сулҳи Нобел пешбарӣ карда шудааст, ки фаъолияти он (Global Witness) дар фарҳанги бадеӣ инъикос ёфтааст.

Дар асоси таҳқиқоти онҳо, блокбастери “Blood Diamond”–и Ҳолливуд бароварда шуд. Ташкилоти “Instituto Qualicidade”, ки соли 2005 дар Бразилия таъсис ёфтааст, дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, яке аз муваффақтарин ташкилот мебошад. Вазифаҳои он иборат аз сохтани

лоиҳаҳо барои нигоҳ доштани рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон мебошад.

Лоиҳаҳои зиддикоррупсионӣ, масалан, “Estatuto Popular Contra Corrupção” (Хартияи мардуми зидди коррупсия) – ро дар бар мегирад, ки моҳияти онҳо ҳамкорӣ бо Конгресси миллии Бразилия бо мақсади қабули чораҳои қонунгузорӣ мебошанд, ки бо коррупсия самаранок мубориза хоҳанд бурд. Умуман, мубориза бо коррупсия ба туфайли Эътилофи UNCAC муташаккилтар шудааст. Таҷрибаи давлатҳое, ки дар соҳаи мубориза бо коррупсия ба муваффақияти аз ҳама калон ноил шудаанд, аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ муҳокима ва қабул карда мешавад. На ҳама ташкилотҳои зидди коррупсия аъзои Эътилофи UNCAC мебошанд. Ба он иттиҳодияи ҳуқуқии фаронсавӣ SHERPA дохил мешавад, ки гардиши ғайриқонунии пул, ҳуқуқи инсон, ҷаҳонишавӣ ва ғайраро меомӯзад. Яке аз фаъолияти SHERPA омӯзиши коррупсия мебошад.

Иштироки ҷомеаи коршиносон дар он барои ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия аҳамияти калон дорад. Ҳамин тавр, соли 2012 бо иштироки Комиссияи Аврупо лоиҳа бо номи «Антикорруп» сохта шуд. Лоиҳа коршиносонро аз 16 кишвари Иттиҳоди Аврупо ҷамъ овардааст. Мақсади асосии лоиҳа омӯхтани тамоюлҳои глобалии мубориза бо коррупсия ва шароити сиёсати самарабахши зидди коррупсия мебошад.

Он падидаҳое, ки чанд даҳсола пеш маъмулӣ ва ҳамарӯза дониста мешуданд, имрӯз ба ҷомеа мувофиқат намекунанд. Ҷамъиятҳои шаҳрвандӣ дар иёлотҳои гуногун шоҳиди зуҳуроти калони коррупсионӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мебошанд.

Мавқеи онҳо дар масъалаҳои таҳаммулпазирӣ ба рафтори коррупсионӣ торафт наздиктар мешавад. Бо рушди воситаҳои техникӣ, шабакаи Интернет ва ташаккули иттилооти оммавӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ дар байни оммаи васеи аҳолӣ ошкор карда мешаванд ва ин боиси эътирози васеи мардум мегардад. Қариб ҳар касе, ки интернетро истифода мебарад, метавонад дар бораи ҷинояти коррупсионӣ маълумот

пайдо кунад ва дар таҳлилу тафтишоти он ширкат варзад. Намуна маводи сершумори Wikileaks оид ба парвандаҳои коррупсионӣ мебошад[213].

Бидуни муҳокимаи масъалаи эътимоднокии манбаҳои ин намуд, наметавон пай бурд, ки пайдоиши онҳо манфиати ҷомеаро ба мушкилоти коррупсия дар мақомоти давлатӣ пурра инъикос мекунад. Албатта, дар кишварҳои мухталифи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин ҳамкории он бо давлат фарқиятҳо нисбат ба умумият бештар доранд. Бо вуҷуди ин, тамоюли афзоиши нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия дар ҳама ҷо мушоҳида кардан мумкин аст. Самти умедбахши ҳамкории ҷомеа ва давлат дар мубориза бо коррупсия ташкили ҳукуматҳои кушода мебошад.

Дар соли 2011 як созмони байналмилалии «Ҳукумати Кушода» вуҷуд дошт, ки ҳадафи он баланд бардоштани шаффофияти давлат, ҳисоботдиҳӣ ва масъулияти ҳукумат дар назди шаҳрвандонаш буд. Дар айни замон, ин созмон беш аз 50 кишварро дар бар мегирад, ки дар он ҳукуматҳо дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ислоҳоти заруриро барои роҳандозии принсипҳои ҳукумати идеалии кушод ва демократияи электронӣ амалӣ мекунанд.

Намунаи ҳамкории муассири давлат ва ҷомеаро метавон ташаккули Комиссияи мустақил оид ба мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Корея номид. Ин комиссия, ки соли 2002 таъсис ёфтааст, бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкории зич дорад ва дар санади асосии он гуфта мешавад, ки «ҳар як шаҳрванд то ҳадди имкон бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани чораҳо ва барномаҳои зидди коррупсия ҳамкорӣ хоҳад кард»[214]. Гузашта аз ин, ифшогаре, ки дар бораи ҷинояти коррупсия хабар медиҳад, на танҳо бо ҳимояи боэътимод таъмин карда мешавад, балки бо мукофоти баланд қадрдонӣ мешудааст.

---

213 Ниг.: Wikileaks. Коррупсия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://wikileaks.org/w/index.php?title=Special%3ASearch&search=corrupt&go=Go (санаи муроҷиат: 09.03.2020).

214 Ниг.: Директори иҷроияи UNODC Антонио Мария Коста. Конфронси давлатҳои аъзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи коррупсия Нуса Дуа, Бали, Индонезия, 28 январи соли 2008 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.unodc.org/unodc/en/about–unodc/speeches/2008–01–28.html (Тарҷумаи муаллиф) (санаи муроҷиат: 09.03.2020).

Дастгирии ҷамъиятӣ аз чунин ташаббусҳо дар саросари ҷаҳон аз муттаҳидсозии одамон, ташаккули стандарти глобалии рафтори зидди коррупсия шаҳодат медиҳад. Пешгирии коррупсия, яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Пешгирӣ кардани мушкилот аз ҳалли он ҳамеша осонтар ва муҳимтар аст. Таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия дар ҷомеа бевосита аз сатҳи фарҳанги сиёсии аҳолӣ вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки иштироки ҳатмии шаҳрвандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, яке аз тадбирҳои муҳими ташкилию идоракунӣ барои пешгирии умумии иҷтимоии коррупсия мебошад. Дар м. 13 Конвенсияи СММ зидди коррупсия омадааст: «... ҳар як давлати аъзо мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ барои мусоидат ба иштироки фаъолонаи шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои берун аз бахши давлатӣ, ба монанди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия ва амиқтар дарк намудани мавҷудият, сабабҳо ва хусусияти хатарноки коррупсия ва таҳдидҳои он чораҳои дахлдор меандешад»[215]. Инчунин, дар моддаҳои 19–24 тавсияномаи Дафтари СММ оид ба мубориза бо маводи мухаддир ва мубориза бо ҷинояткорӣ бо мақсади аниқ намудани усулҳо ва воситаҳои мубориза бо коррупсия, чораҳои зерин ҳамчун роҳҳои самарабахши пешгирии умумии коррупсия аз ҷониби ҷомеа қайд карда шудаанд: фароҳам овардани имконият барои дастрасии омма ба иттилоот, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути баланд бардоштани маърифати аҳолӣ, таҳкими мустақилияти ВАО ва журналистикаи таҳқиқотӣ, ташкили механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, такмил додани механизми пешниҳоди шикоятҳо ва аризаҳо ва фароҳам овардани шароит барои шаҳрвандон барои арзёбии фаъолияти шахсони мансабдор[216].

Инчунин, панҷ стратегияи асосии мубориза бо коррупсия, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод шудаанд, чунин чораҳоро дар бар

---

[215] Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия (санаи қабул: 31 октябри соли 2003).
[216] Ниг.: The Global Programme against Corruption of United Nations Office on Drugs and Crime / UN Anti–Corruprion Toolkit. – Vienna, September 2004.

мегиранд: беҳтар намудани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти давлат, баланд бардоштани масъулият ва ӯҳдадориҳои ВАО, либерализатсияи сиёсати иқтисодӣ ва ташкили бахши хусусӣ[217]. Аз ин бармеояд, ки иштироки ҷомеа яке аз тадбирҳои муҳими мубориза бо коррупсия дар самти пешгирии умумии коррупсия буда ва дар ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалии мубориза бо коррупсия инъикос гардидааст.

Ошкорбаёнии фаъолияти мақомоти давлатӣ, такмили механизми пешниҳоди арзу шикоят, яке аз самтҳои таъмини иштироки мардум дар пешгирии коррупсия мебошад. Барои ҷомеа воситаи асосии мубориза бо коррупсия иттилоот мебошад, ки бо ёрии он тавассути таҳлили мустақили даромадҳо, хароҷот ва буҷети мақомоти давлатӣ, таҳлили маълумот дар бораи даромад ва хароҷоти шахсони мансабдор, муқоисаи ин маълумот бо воқеият, дар ҳолати зарурӣ, ба мақомоти дахлдор ариза ё дархост пешниҳод кунед. Шаффофияти мақомоти давлатӣ, таъмини шаҳрвандон ба гирифтани маълумоти зарурӣ масъулияти хизматчиёни давлатиро зиёд мекунад.

Бо мақсади кафолат додан ва дастрасии хадамоти давлатӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, системаҳои электронии идоракунӣ ё қувваи электронӣ бомуваффақият татбиқ карда мешаванд. Масалан дар соҳаи истифодаи ҳукумати электронӣ Кореяи Ҷанубӣ дар ҷаҳон ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад, ки ин намуди ҳукуматро соли 1978 ҷорӣ намуд ва аз соли 2008 инҷониб ҳукумати электронии ҳамагиро дар амал бомуваффақият истифода мебарад.

Дар Кореяи Ҷанубӣ системаи электронии фаъолияти давлатӣ дар соҳаи харид /www.g2n.go.kr/, хизматрасониҳои электронӣ барои баррасмиятдарории гумрукӣ /portal.customs.go.kr/, системаи электронии андоз /hometax.go.kr/, хизматрасонии интернетӣ барои шаҳрвандон /www.egov.go.kr/, низоми электронии баррасии арзу шикоятҳо /www.epeople.go.kr/, низоми ягонаи электронии пешбурди тиҷорат

[217] Ниг.: World Bank, Anticorruption in Transition – A Contribution to the Policy Debate. – Washington D.C., 2000.

/www.g4b.gp.kr/, шабакаи ягонаи иттилооти маъмурӣ / www .share.go.kr / ва ғайра мавҷуд мебошад.

Истифодаи фаъоли системаҳои электронии дар боло зикршуда дар соҳаи хизматрасонии ҷамъиятӣ шаффофияти ҳокимияти давлатиро зиёд намуда, бюрократияро дар дастгоҳи давлатӣ коҳиш медиҳад, дастрасии зуд, боэътимод ба хизматҳои давлатиро ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки ин бешубҳа яке аз таҷрибаҳои муваффақи пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад.

Дар баробари системаи электронӣ, аз соли 2007 инҷониб дар Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ва муқовимат бо коррупсия телефони боварии 110 оид ба қабули пешниҳодҳо, шикоятҳо, тавсияҳои марбут ба хизматрасониҳои давлатӣ амал мекунад. Тавре омори самаранокии ин телефони боварӣ исбот менамояд, ба ҳисоби миёна дар як рӯз зиёда аз 10 000 занг қабул карда мешавад[218].

Инчунин, дар чунин давлатҳои пешрафта, ба монанди Австралия, Австрия, Белгия, Дания, Канада, Норвегия, Нидерланд, ИМА, Ҷопон, принсипи шаффофияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ қонунан муқаррар карда шудаст, ки мувофиқи он мақомоти давлатӣ уҳдадоранд, ки бо дархости шахсони манфиатдор иттилооти заруриро оид ба фаъолияти идоракунӣ пешниҳод намоянд, ба истисноИ иттилооте, ки сирри давлатӣ ва тиҷоратиро ташкил медиҳад[219].

Шаффофияти иттилоот, ворид кардани маводҳои зиддикоррупсионӣ ба курсҳои омӯзишӣ, дастгирии давлат барои таълими зидди коррупсия, баръакс, ба таҳияи стандарти байналмилалии рафтори зидди коррупсия мусоидат мекунад. Ин тадбирҳо дар якҷоягӣ бо саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсии шахс, калиди бунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, ба он имкон медиҳанд, ки бо давлат самаранок ҳамкорӣ кунанд.

То ба имрӯз дар бораи моҳияти консепсияи ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ, дараҷаи рушди он ва қаламраве, ки он намояндагӣ мекунанд,

[218] Ниг.: ACRC Korea, Annual Report 2019.
[219] Ниг.: Анисимцев Н.В. Япония: обеспечение прозрачности (транспарентности) административно–государственного управления / Н.В. Анисимцев // Государство и право. – 2003. – №3. – С. 58–65.

баҳсҳо идома доранд. Бо вуҷуди ин, агар мо мафҳуми мавҷудияти онро қабул кунем, дурнамои иштироки ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ бар зидди коррупсия назаррас аст: ҳамкории наздиктари созмонҳои ғайридавлатӣ (СҒД) ва ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, бо афзоиши шумора ва сифати ташаббусҳои шаҳрвандӣ метавонанд, заминаи мустаҳкам барои ризоияти ҷаҳонии зидди коррупсияро фароҳам оранд.

Дарояндаи наздик чунин ба назар мерасад, ки ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ тадриҷан ба яке аз нерӯҳои асосии сиёсӣ табдил хоҳад ёфт, ки қодиранд бо коррупсия дар ҳукумат мубориза баранд. Бо вуҷуди ин, имрӯз он чунин нест. Рӯйдодҳои охир дар сиёсати ҷаҳонӣ (ташаннуҷи рӯзафзун, низоъҳои низомӣ, нақзи ҳуқуқи инсон ва ғайра) нишон медиҳанд, ки ташаккули ҷомеаи ҷаҳонии шаҳрвандӣ равандест, ки дар даҳсолаҳои наздик тӯл мекашад.

Бо вуҷуди ин, иқтидори ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ аз нигоҳи идеалистии худ ба мо имкон медиҳад, ки муноқишаҳои байнидавлатӣ дарояндаи наздик бо иштироки фаъоли он ҳалли худро ёбанд ва оқибатҳои он барои тамоми инсоният марговар нахоҳанд шуд.

Дар айни замон, самараноктарин ҳамкории «секунҷа» давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Давлат, пеш аз ҳама, бояд ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатдор бошад, то кӯшишҳоро дар мубориза ба коррупсия муттаҳид созад ва барои ҳалли масалаҳои мазкур тамоми тадбирҳои мушаххасу мақсаднокро, ҷиҳати рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешгирию бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ роҳандозӣ намояд.

Аммо бояд қайд кард, ки низомҳои коррупсионӣ мекӯшанд, ки дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо коррупсия иштирок накунанд ва омода нестанд, ки меъёрҳои байналмилалии зидди коррупсияро дар қонунгузории миллӣ ҷорӣ кунанд, зеро он ба мавҷудияти ин низомҳо таҳдид мекунад.

Дар соҳаи маънавӣ ва идеологӣ низ дигаргуниҳои тадриҷӣ заруранд. Тавре, профессор А.Х. Абашидзе қайд менамояд: «... дар соҳаи маънавӣ эҳё ва тарбияи ахлоқ дар одамон, адолат, ҳамдардӣ ва масъулият, фаъолияти иҷтимоӣ ва дигар сифатҳо зарур мебошанд, ки барои муқовимат бо омилҳои криминогенӣ, мубориза бо коррупсия дар ҳама шаклҳо мусоидат мекунанд»[220]. Дар баробари ин, дар ҷомеа ташаккули идеологияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия, нисбати ҳама намудҳои рафтори коррупсионӣ зарур аст.

Яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии коррупсия ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсии аҳолӣ тарбияи зидди коррупсия мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ фарқ кардани ду тафсири асосии мафҳуми таълими зидди коррупсия одат шудааст: таълими ибтидоии зидди коррупсия ва таълими касбии зидди коррупсия.

Дар ҳолати аввал, сухан дар бораи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ташаккули рафтори ягонаи зидди коррупсия, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва огоҳ кардани шаҳрвандон дар бораи роҳ надодан ба зуҳуроти коррупсионӣ меравад.

Дуюм сухан дар бораи тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва мутахассисон дар мавзуҳои зидди коррупсия мебошад. Таълими ибтидоии зидди коррупсия бояд дар мактабҳо, аз ҷумла муасиссаҳои таҳсилоти касбӣ ва дар мактабҳои олӣ таъсис дода шавад. Академияи Байналмилалии Мубориза бо коррупсия (воқеъ дар Вена), ки соли 2010 таъсис ёфтааст, аввалин муассисаи таълимие гардид, ки вазифаҳояш баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси мубориза бо коррупсия мебошанд. Принсипҳои асосии таълими зидди коррупсия инҳоянд: «муттасилӣ; равиши системавӣ; мураккабӣ, диққати ҳам ба ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ва ҳам ташаккули стандарти рафтор ва шаҳрвандии фаъол; бо назардошти хусусиятҳои синну сол;

---

[220] Абашидзе А.Х. Национальные и международные меры в борьбе против коррупции / А.Х. Абашидзе // Юрист–международник. – 2007. – №2. – С. 24.

ҳамгирой ба раванди таълим; робита бо равиши салоҳиятдор дар соҳаи таълим; шарикӣ ва пешгирӣ» мебошад. Умуман, аҳамияти сиёсии маърифати зидди коррупсия ниҳоят баланд аст. Сифат ва ҳаҷми он метавонад, ниятҳои давлатро нисбати мубориза бо коррупсия нишон диҳад. Дастнорасии иттилоот, надоштани дониши ибтидоии ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намекунад.

Дар ин самт, масалан, Ҳонконг як давлатест, ки бомуваффақият мубориза мебарад, ки дар тӯли 40 сол механизми самарабахши мубориза бо коррупсияро ташкил намудааст. Тавре таҷрибаи ин давлат нишон медиҳад, идеологияи зидди коррупсия, таҳаммулнопазирии шаҳрвандон ба зуҳуроти коррупсия дар пешгирии коррупсия нақши асосиро мебозад. Дар соли 2003, комиссари собиқи Департаменти мубориза бо коррупсияи Ҳонгконг Аброс Склей дар баромади худ қайд намуда буд, ки ба ғайр аз кормандони касбии роҳбарикунанда, танзими муассири ҳуқуқӣ, ҳамкориҳои муваффақонаи байналмилалӣ, идеологияи таҳаммулнопазирии аҳолӣ нисбат ба коррупсия, дар пешгирии коррупсия нақши муҳим дорад. Тақрибан 90% парвандаҳои коррупсионӣ, ки аз ҷониби мақомоти мубориза бо коррупсияи Ҳонгконг тафтиш карда мешаванд, дар заминаи дастгирии ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд. Барои зиёда аз 70% аҳолӣ хабар додан оид ба содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ на танҳо вазифаи қонунӣ, балки яке аз вазифаҳои ахлоқии тамоми аҳолӣ мешуморанд. Тавре омор нишон медиҳад, дидгоҳро тақрибан 85% аҳолии Ҳонгконг дастгирӣ менамоянд[221]. Дар ин давлат дар баробари ташаккули идеологияи зидди коррупсионии ҷомеа, инчунин барои шаҳрвандон механизми ҳуқуқиву иҷтимоии огоҳнамоӣ дар бораи зуҳуроти коррупсия бомуваффақият ба роҳ монда шудааст. Аксарияти маълумотҳо дар бораи ҷиноятҳои коррупсионӣ аз шаҳрвандон дастрас

[221] Ниг.: Ambrose S. K. Lee, Relation of State and Civil Society, Speaking at the Plenary Session of 11th IACC. – Seoul, Korea, 2003.

мегардад ва беш аз 75% шаҳрвандон бе пинҳон намудан маълумотро ба Раёсати мубориза бо коррупсия пешниҳод менамоянд.

Ба андешаи мо коркарди барномаи муассири таълимӣ, ки ба баланд бардоштани фарҳанг ва идеологияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия равона карда шудааст, барои тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз синни томактабӣ сар карда зарур аст. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари хабарӣ, аз ҷумла телевизион ва радио фаъолона паҳн намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ бо коршиносон ва таҳлили омилҳои коррупсионӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Барои мағлуб кардани коррупсия, тағйир додани ҷомеа, аниқтараш асосҳои ахлоқӣ мақбул аст. Айни замон, низоми маориф бояд ҳамчун механизми асосӣ ва муайянкунандаи имкониятҳои мубориза бар зидди коррупсия қарор гирад. Дар доираи низоми маориф ҷараёни бавуҷудоии шахсият ба амал омада, самт ва нақшаҳои ҳаётии инсон, аз ҷумла онҳое, ки муносибати инсонро нисбати коррупсия муайян мекунанд, ташаккул меёбанд. Зеро дар хусуси устувории натиҷаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ танҳо баъди ташаккулёбии принсипҳои амиқи ахлоқӣ ва шуури ҳуқуқии таҳрифнашуда, ҳарф задан мумкин аст.

Барои ҳис намудани натиҷаҳои воқеӣ, шояд иваз гардидани якчанд насл зарур бошад. Вале ин ивазшавии расмиву муқаррарӣ буда наметавонад. Ҳар як насли нав бояд, аз лиҳози ахлоқӣ «тоза» ва аз лиҳози кору фаъолият нисбатан касбиву ихтисосманд бошад. Таълиму тарбияи ҷомеа, бояд «наслҳои» бовиҷдонро барорад ва зиёд намояд.

Аммо айни замон, коррупсия ҳатто худи низоми маорифро тасхир кардааст, ки сабабҳои он пеш аз ҳама, дар маблағгузории нокифоя, дониш, таҷриба ва музди меҳнати пасти омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ, инчунин дар он аст, ки аз тарафи давлат тиҷоратикунонии низоми маориф иҷозат дода шудааст, ифода ёфта, он ба иваз гардидани мақсадҳои ахлоқӣ, маънавӣ, маърифатӣ ва касбии маориф ва мақсадҳои моддӣ оварда мерасонад.

Чорабиниҳои мазкур барои пешгирии коррупсия ташаккул ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа мебошанд, ки барномаи дарозмуддат ва гуногунҷанбаи иҷтимоиро дар бар гирифта, бевосита ба ташаккули фарҳанги сиёсии аҳолӣ алоқаманд зич дорад. Бо ин мақсад, бояд корҳои тарбиявӣ, аз ҷумла омӯзиши рафтори зидди коррупсия пурзӯр ва васеъ таълим дода шавад. Мувофиқан миқдори кофии кадрҳои омӯхташуда, корҳои илмӣ, амалӣ ва методие, ки ба таълими зидди коррупсия равона шудааст, ҳам барои шаҳрвандон ва ҳам хизматчиёни давлатӣ зарур мебошад.

Дар муборизаи бомуваффақияти коррупсия дастгирии давлат дар сатҳи олии сиёсӣ ва байналмилалӣ зарур аст. Давлат бояд тавассути шохаҳои ҳокимияти худ, заминаи қонунгузориро фароҳам орад ва ташаббусҳои зидди коррупсияро дастгирӣ кунад ва бо таҳияи стандарти байналмилалии рафтори зидди коррупсия, аз ҷумла фарқ кардани мафҳумҳои манфиати ҷамъиятӣ ва манфиати шахсӣ мусоидат намояд. Ба назар чунин мерасад, ки рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, яке аз муҳимтарин ҷузъҳои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ назорати дохилиро аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳамкории фаъоли байналмилалӣ ва назорати беруна амалӣ менамояд.

Нуқтаи назарро дар хусуси зарурати таъмини афзалияти пешгирии коррупсия нисбат ба ҷазодиҳӣ, метавон бемалол ҳақиқати баҳснопазири карахтшуда мансуб донист. Зеро аксарияти давлатҳои муосир аз пешгирии коррупсия дида, дар таъқиби ҷиноятҳои коррупсионӣ маблағи зиёд сарф менамоянд. Андеша дар хусуси он, ки пешгирии коррупсия нисбат ба ҷазо додан барои содири он осонтар аст, танҳо дар он мавриде дуруст буда метавонад, ки ҷамъият дар ихтиёри худ захираҳои номаҳдуд дошта бошад. Осон будан маънои арзон буданро надорад. Пешгирии коррупсия, ки асоси онро бартараф кардан ё заиф гардонидани омилҳои криминогенӣ ташкил медиҳад, нисбат ба чораҳои муқаррарии ҷавобгарии ҷиноятӣ гаронтар меистад.

Ҳуқуқшинос Беккариа Ч.Б., дар асари худ «Оид ба ҷиноятҳо ва ҷазо» хусусияти хоси пешгирии ҷиноятҳоро қайд кардааст, ки «ҳайъати (коллегияи)» иҷрокунандагони қонун бояд аз вайрон ё таҳриф кардани қонунҳо дида, бештар дар назорат бурдан аз болои онҳо манфиатдор карда шаванд. Ҳарчи қадар коллегия сершумор бошад, ҳамон қадар хавфи аз тарафи аъзои он ғасб кардани қонунҳо кам мегардад, чунки ришвадиҳии ашхосе, ки аз болои якдигар назорат мебаранд, мушкил мебошад. То кадом андозае ҳиссаи ҳокимияти (қудрати) ҳар кас кам набошад, то ҳамон андоза манфиатдорӣ дар пурзӯр намудани ҳокимияти худ кам мегардад, хусусан дар муқоиса бо хатаре, ки аз тарафи корхона андешида шуда метавонад. Беккариа Ч.Б. қайд менамояд, ки «Агар подшоҳ бо шукуҳу шаҳомати зоҳирӣ, фармонҳо ва мамнуниятҳои қатъии пешниҳоди даъвоҳои одилона ва ғайриодилонаро аз тарафи онҳое, ки худро мазлум меҳисобанд, ҷомеаро бештар ба тарсидан аз судҳо нисбат ба қонунҳо омӯзонад, пас, чунин амал на боиси таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҷомеа, балки бурди (манфиатнокии) судяҳо мегардад» [222].

Ба андешаи мо ба намуди асосии пешгирии умумииҷтимоии ҷинояткории коррупсионӣ ва ҳамчун натиҷа ҷиноятҳои коррупсионӣ дар навбати аввал чораҳое мансуб дониста шаванд, ки ба мукаммалгардонии низоми сиёсии ҷомеаи муосир, рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон равона гардидаанд. Чунки ҳангоми ҷой доштани низоми сиёсии ҷамъиятии номукаммал, эҳтимолияти ба вуҷуд омадани низову ихтилофоти сиёсӣ зиёд мебошад, ки он боиси содиршавии ҷиноятҳои аз лиҳози оқибатҳои иҷтимоӣ вазнин, аз ҷумла рафтори оммавии хусусияти ҷинояти коррупсионидошта дар ҷомеа гашта метавонад.

Бинобар ин, мукаммалгардонии низоми сиёсӣ бояд бо демократикунонии муттасили ҷомеаи муосир мувофиқ ва созгор бошад ва ба тамоми табақаҳои аҳолӣ, ташкилотҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва дигар субъектони сиёсат новобаста аз вазъи молумулкӣ, хизматӣ ва дигар

[222] Ниг.: Беккария Ч.О. О преступлениях и наказаниях. – М., 1995. – С. 47.

ҳолатҳо, барои қонеъгардонии талаботи онҳо дар соҳаҳои сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ имкониятҳои баробар фароҳам оварда шавад.

Дар низоми чораҳои пешгирикунии ҷинояткории коррупсионӣ чораҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ низ камаҳамият нестанд, ки пеш аз ҳама, дар беҳтар намудани вазъи иҷтимоии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ ифода ёфта, дар навбати аввал ба мукаммалгардонии низоми пардохти музди меҳнати онҳо алоқаманд мебошанд. Бо назардошти ҳолати кунунии ҳаёти ҷамъиятӣ, андозаи музди меҳнат бояд мунтазам то ҳамон сатҳе зиёд карда шавад, ки на танҳо барои зиндагӣ басанда бошад, балки дараҷаи диқатҷалбкунии хизмати давлатиро баланд гардонад, то ин ки он ҳадди ақал ба андозаи музди меҳнати барои кори шабеҳ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо муқарраршуда, баробар бошад.

Ба ин чораи зиддикоррупсионӣ олимон – ҳуқуқшиносони ватанию хориҷӣ солҳост, ки ишора менамоянд, аммо ин проблемаи тунди иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеаи муосир бинобар сабабҳои объективӣ то имрӯз кушода боқӣ монда, ҳалли мантиқии худро пайдо намекунад.

Аз ин лиҳоз, тасодуфӣ нест, ки ба хизмати давлатӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ асосан мутахассисони ҷавоне ба кор медароянд, ки макотиби олии касбиро хатм намудаанд. Одамони дорои таҷрибаи бойи ҳаётӣ ва касбӣ бошанд, барои иштирок дар фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ шитоб намекунанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки дараҷаи тахассусиашон нисбат ба маоше, ки барои фаъолияти идоракунӣ дар мақомот ва муассисаҳои давлатӣ пешниҳод мешавад, баланд мебошад ва ба ин васила кору фаъолиятро дар сохторҳои тиҷоратӣ (дар соҳаи савдо) афзалтар медонанд ва ё баъзеи онҳо ба ҳар ҳол дар хизмати давлатӣ боқӣ монда, мақоми хизматии худро барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ, манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида ё корпоративӣ истифода мебаранд, яъне ба ибораи дигар, ҳамчун субъекти муносибатҳои коррупсионӣ қарор мегиранд.

Ба ин гурӯҳи чораҳои иҷтимоии пешгирикунӣ оид ба бартарафнамоии сабабҳое, ки ба ҷинояткории коррупсионӣ замина мегузоранд, бояд ҳалли проблемаи бо манзили истиқоматӣ ва бо дигар неъматҳои иҷтимоӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, намояндагони ҳокимият вобаста ба мақоми мансабӣ ва хизматии онҳо мансуб дониста шавад.

Тавре криминолог Н.В. Шедрин қайд менамояд, подошпулии хуб барои меҳнат – ин ҳанӯз кафолати он нест, ки шахси мансабдор манфиатҳои хизматиро савдо намекунад. Ҳавасмандгардонии фаъолияти хизматӣ ҳатман бояд бо маҳдудиятҳои хизматӣ мувофиқ бошад[223].

Ба қатори чораҳои пешгирии ҷинояткории коррупсионӣ, ки ба он таъсир расонида метавонанд, бояд назорати самараноки молиявӣ аз болои фаъолияти ҳам намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии худидоракунӣ ва ҳам довталабони ин мансабҳо дар намуди эъломиякунии мунтазами даромадҳо ва таъмини назорат аз рӯйи риояи маҳдудиятҳое, ки бо гузаштани хизмати давлатӣ алоқаманд мебошанд, мансуб дониста шавад. Ин чора барои таҷрибаи муқовимат ва пешгирии коррупсия нав намебошад, балки ба он ҳамчун чораи самараноки пешгирии ҷинояткории коррупсионӣ муддати зиёд мешавад, ки муҳаққиқон ишора менамоянд.

Ғайр аз он, эъломиякунонии даромадҳои категорияҳои муайяни шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии худидоракунӣ, инчунин довталабони ин мансабҳоро ҳам қонунгузории интихоботӣ ва ҳам як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ талаб менамоянд. Чораи пешгирии ишорашуда, алалхусус дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», инчунин як қатор корҳои илмии мутахассисони ватанӣ[224], ки ба проблемаи пешгирии (муқовимат бо) коррупсия, ҷинояткории

---

[223] Ниг.: Щедрин Н.В. Законодательное определение коррупции / Под ред. С.А. Елисеева, М.К. Свиридова, Р.Л. Ахмедшина; Сибирский федеральный ун–т. – Красноярск, 2009. – 44 с.

[224] Ниг.: Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно–правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 179 с.; Нурализода В. Уголовная ответственность за взяточничество в системе мер по противодействию коррупции в Республике Таджикистан / В. Нурализода // Право и практика. – 2019. – №1. – С. 121–125.

коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии худидоракунӣ бахшида шудаанд, ифода ёфта аст.

Аммо то кунун ба таври дақиқу ҳаматарафа механизм ва тартиби эъломиякунонии даромадҳои мансабдорон, инчунин даромадҳои аъзои оилаи онҳо, ки маъмулан мансабдорон ба номи онҳо корхона, хона, автомобил ва дигар молу мулки худро ба расмият медароранд, танзим нашудааст.

Масалан, дар Британияи Кабир баъди интихоб шудан ба палатаи поёнии парламент, аъзои парламент уҳдадор аст, ки дар хусуси саҳмияҳо, молу мулки ғайриманқул, сарпарастон (спонсорҳо) ва туҳфаҳое, ки арзишашон аз 135 фунт стерлинг боло меистад, эъломияи муфассал пешниҳод намояд ва минбаъд оид ба тағйирёбии вазъи моддии худ мунтазам иттилоъ диҳад[225].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба даромадҳо аз тарафи шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ ӯҳдадоранд, ки ҳар сол ба мақоми андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намоянд[226]. Инчунин роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ӯҳдадоранд, ки ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб ва ҳангоми дар мансаб будан ҳар сол бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи молумулкии худ мувофиқан ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор эъломия пешниҳод намоянд[227].

Аз ҳама чораи самараноки пешгирии паҳншавии ҷинояткории коррупсионӣ дар ҷомеа – дар назорати доимии молиявӣ аз болои фаъолияти хоҷагию иқтисодии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои пеш аз интихоботӣ ҳангоми иштироки онҳо (ё ин ки

[225] Ниг.: Юдин Ю.А. Финансирование политических партий в зарубежных странах (правовая регламентация) / Ю.А. Юдин // Государство и право. – 1996. – №6. – С. 140.
[226] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бора хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 207, таҳти №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/233_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.02.2021).
[227] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз 07.08.2020, таҳти №1714.

намояндагони онҳо) дар муборизаи пеш аз интихоботӣ ва дар ҷараёни интихобот бо роҳи пешниҳод намудани иттилоот дар хусуси ҷиноят ва сарф гардидани маблағҳо дар таблиғот ва ташвиқоти пеш аз интихоботӣ аз фондҳои номзадҳо ба мансаби давлатии интихобшаванда, ифода ёфта метавонад.

Воқеан ҳам, дар шароити маъракаҳои бепоёни интихоботӣ дар ҷомеаи муосир, ба сифати омили боздоранда (зиддикоррупсионӣ) «шаффофияти» доимии маблағгузории пеш аз интихоботии субъектони сиёси барои воситаҳои ахбори оммаи ватанию хориҷӣ ва тавассути онҳо барои интихобкунандагон ва дигар иштирокчиёни манфиатдори ҷараёнҳои интихоботӣ баромад мекунад.

Нақши мусбиро дар пешгирии коррупсия чораҳои ҳуқуқӣ ишғол менамоянд. Ба қатори чунин чораҳо, муаллиф такмилдиҳии танзими ҳуқуқии соҳаи ваколатҳои хизматии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро ҳангоми анҷом додани ҷобаҷогузории кадрҳо ва худи расмиёти гузаронидани чунин ҷобаҷогузорӣ аз рӯйи дараҷаи мансабӣ, мансуб медонад.

Албатта, барои азбайнбарии сабабҳои коррупсия дар ҷомеаи муосир такмилдиҳии минбаъдаи қонунгузории амалкунандаи интихоботӣ зарур мебошад.

Ғайр аз он, дар ҷомеаи муосир на танҳо такмилдиҳии меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар намуди ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки такмилидиҳии низоми ҷазоҳо барои ҷиноятҳои коррупсионӣ низ муҳим мебошад.

Аз нигоҳи муаллиф, бо ин мақсад ба сифати намуди ҷазои асосӣ ва иловагӣ дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ бояд чунин ҷазо, ба монанди маҳрум сохтан аз ҳуқуқҳои муайяни сиёсӣ пешбинӣ карда шавад. Масалан, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол, яъне ҳуқуқи интихоб шудан ё таъин гардидан ба мансаби давлатӣ ба муҳлати муайян ва ё якумра маҳрум сохтан аз чунин ҳуқуқ, чунки давлат ва ҷамъият ба шахси мушаххас ҳуқуқҳои муайянро бо назардошти дар ӯ мавҷуд будани сифатҳои хуби ахлоқӣ, ки барои ишғоли ин мансаб зарур мебошанд,

мансуб медонад. Ҳангоми вайрон шудани ин хислатҳо давлат ва ҷамъият асосҳои кофӣ доранд, ки ӯро аз он ҳуқуқҳое, ки худи онҳо пешниҳод карда буданд, маҳрум созанд.

Яке аз дастовардҳои муҳими тамаддуни башарӣ ба сифати фишанги идоракунӣ истифода бурдани ҳуқуқ, қонун ва ба сифати арзиши олӣ эътироф кардани – режими қонуният ба ҳисоб меравад. Ин ташаккули базаи ҳуқуқии боэътимод ва самараноки мубориза бо ҷинояткориро талаб менамояд.

Барои ба таври мувофиқ ташкил кардани чунин мубориза, Конвенсияи СММ зидди коррупсия, ки бо қатъномаи Ассамблеяи генералӣ аз 31 октябри соли 2003 қабул гардидааст; Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия, ки аз тарафи Шурои Аврупо 27 январи соли 1999 қабул шудааст; Конвенсия оид ба мубориза бо ришвадиҳии шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ҳангоми гузаронидани муомилоти байналмилалии корӣ, ки 21 ноябри соли 1997 аз тарафи Конфронси намояндагони ваколатдори кишварҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва Рушд (ОЭСР) ба тасвиб расидааст, инчунин як қатор санадҳои дигар заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонанд[228].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи назорати фаъоли ҷамъиятӣ баракс мебошад, яъне назорат аз боло ба поён амалӣ мегардад, на ин ки аз поён ба боло. Бинобар ин, проблемаи назорат аз болои фаъолияти дастгоҳи идоракунӣ мубрам боқӣ мемонад. Воситаи муассири чунин назорат бояд мубориза бо протексионизм (хешутаборбозӣ, тағобозӣ) ҳамчун падидае, ки бо коррупсия алоқаи ногусастанӣ дорад ва боиси паҳншавии он гардида муҳити мусоиди иҷтимоӣ – рӯҳиро фароҳам меоварад, боис шуда метавонад[229].

Протексионизм, тавре маълум аст, дар намуди ҳимояву дастгирӣ аз ҷониби мақомҳои болоӣ, пуштибонии шахсони мансабдори баландмақом нисбати шахсони пастмақом аз рӯйи ҳисси хешовандӣ ё рафиқӣ, инчунин

---

[228] Ниг.: Долгова А.И. Преступность в России начала XXI века и реагирование на неё. – М., 2005. – С. 89–90.
[229] Ниг.: Савенко И.А. Коррупционные преступления и меры их предупреждения: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт–Петербург, 2006. – С. 194.

ба ивази маблағҳои гирифта ва ё дигар хизматрасонии пешниҳодшуда, ифода меёбад. Он бо имтиёзҳои хизматчиён ва дигар падидаҳои манфӣ робитаи ногусастанӣ дорад, ки дар навбати худ, бо рӯоварии дастгоҳи идоракунӣ на ба қонун, балки ба салоҳдиди роҳбарият алоқаманд мебошанд.

Шаҳрвандон баъзан ҳалли ноадолатонаи ин ё он масъалаҳоро мушоҳида намуда, беасос онро ҳамчун натиҷаи коррупсия арзёбӣ намекунанд ва бинобар сабаби надоштани чунин имконияти такя кардан ба ҳимояву сарпарастии шахсони бонуфуз, худи онҳо низ ба додани порра ба шахсони мансабдор майл менамоянд. Чунки, тавре дар адабиёти криминологӣ одилона қайд мегардад, мансубият ба он ва ё ин гурӯҳи иҷтимоӣ – касбӣ фарқияти рафтори одамон, аз ҷумла фарқияти рафтори зиддиҳуқуқиро муайян менамояд.

Вале муқовимати самаранок ба протексионизм, албатта бидуни истифодаи тамоми маҷмуи чорабиниҳо, ки ба такмилдиҳии тамоми низоми идоракунӣ ва ҷавобгарии шахсони мансабдор равона гардидаанд, ғайриимкон мебошад. Ба ин алалхусус, интихобӣ ва ивазшаванда будани шахсони мансабдор, ки мақомҳои болоиро ишғол менамоянд, ошкоро будани тавсияшавии онҳо барои ишғоли ин ва ё он мансаб, иттилооти васею ошкоро дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои бештар муҳим, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дахл доранд, дарк намудани кафолатҳои боэътимод аз бедодгарӣ ва худсарии шахсони мансабдор, назорати муассири васоити ахбори омма ва як қатор чораҳои дигар мансуб мебошанд.

Маълум аст, ки баъзе сарчашмаҳои таъсири муайянкунанда дошта дар иртибот ба падидаи баррасишаванда дар соҳаи дарку фаҳмиши ҷамъиятӣ қарор доранд. Ба онҳо андешаҳо ва одатҳои таърихан ташаккулёфта, нишондодҳо, тарзҳои тафаккури муқаррарӣ, ахлоқ ва анъанаҳо, меъёрҳои маънавӣ – ахлоқӣ, ки бо дараҷаи гуногуни шиддатнокӣ ба чунин намуди рафтори зиддиҳуқуқӣ таъсир мерасонанд, мансуб мебошанд. Беҳуда нест, ки ҳанӯз якчанд сол пеш Гертсен А.И. ба таври истеҳзоомез навишта буд, ки агар дар давлат тамоми қонунҳо иҷро

мешуданд ва ҳеҷ кас порра намегирифт, ҳаёт дар он комилан номумкин мегардид[230].

Дар шуури ҷамъиятии муосир, соддатар карда гӯем, муносибати муросокорона ба коррупсия, ҳамчун тарзи амалисозии мақсаду андешаҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ ба таври бениҳоят устувор мустаҳкам гардидааст. Маҳз барои ҳамин ҳам, яке аз сабабҳои коррупсия дигаргуншавии шуури ҷамъиятӣ эътироф карда мешавад.

Дар замони ҳозира чораҳои умумиичтимоии пешгирикунанда хело зиёд мебошанд, аммо мо танҳо чораҳои муҳимтарини пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаем. Инчунин, дар назар дошт, ки чораҳои умумиичтимоӣ байни худ алоқаи ногусастанӣ дошта дар як вақт (баробар) амалӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили омилҳои умуми ичтимоии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Механизми ҳуқуқии танзими мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла пешгирии коррупсия, дар сурате самаранок шуда метавонад, ки агар аксарияти шаҳрвандон дарк намоянд, ки ҳар як рафтори хусусияти коррупсионии онҳо амали вайронкунии ҳуқуқи инсон аст.

2. Ҳангоми пешгирии умумии ичтимоии ҷинояткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти ичтимоию иқтисодӣ, ки ба таҳкими заминаи иқтисодии давлат, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии маҳал, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҷомеа, таҳкими ахлоқи шаҳрвандон, кафолати ошкорбаёнӣ ва шаффофияти ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, зарур мебошанд.

3. Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия ҳалли як қатор амалҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

а) Сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии коррупсияро дар як давлати муайян омӯхта ва таҳлил намуда, роҳи таърихии ин падида дар шароити мушаххас пайгирӣ карда шавад;

[230] Ниг.: Герцен А.И. Кто виноват? – М., 2013. – С. 98.

б) Муайян намудани сатҳи ҳадди имконпазири содиргардии кирдори коррупсионӣ;

в) Омӯзиши таҷрибаи мавҷудаи муваффақи миллӣ дар мубориза бо коррупсия, инчунин баррасии нокомиҳои давлатҳо дар ин соҳа;

г) Санҷиши ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд ва самаранокии онҳоро дар айни замон арзёбӣ менамоянд;

д) Баланд бардоштани сифати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани системаи баҳогузории таъсири танзимии лоиҳаҳои қонунҳо дар сатҳи ҳукумат.

4. Таъсиси системаи электронии фаъолияти давлатӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла харид, хизматрасониҳои электронӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ, системаи электронии андоз, хизматрасонии интернетӣ барои шаҳрвандон, низоми электронии баррасии арзу шикоятҳо, низоми ягонаи электронии пешбурди тиҷорат, шабакаи ягонаи иттилооти маъмурӣ ва ғайра. Истифодаи фаъоли системаҳои электронии зикршуда дар соҳаи хизматрасонии ҷамъиятӣ шаффофияти ҳокимияти давлатиро зиёд намуда, бюрократияро дар дастгоҳи давлатӣ коҳиш медиҳад, дастрасии зуд, боэътимод ба хизматҳои давлатиро ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки ин бешубҳа яке аз таҷрибаҳои муваффақи пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад.

5. Яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии коррупсия тарбия ва таълими зидди коррупсионӣ мебошад. Пеш аз ҳама: таълими ибтидоии зидди коррупсия ва таълими касбии зидди коррупсия. Коркарди барномаи муассири таълимӣ, ки ба баланд бардоштани фарҳанг ва идеологияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия равона карда шудааст, барои тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз синни томактабӣ сар карда зарур аст. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари хабарӣ, аз ҷумла телевизион ва радио фаъолона паҳн намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ бо коршиносон ва таҳлили омилҳои коррупсионӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

## 2.3. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ

Ба қатори чораҳои зарурие, ки инкишофи тамоюлҳои манфии коррупсия ва зиёдшавии ҷиноятҳои коррупсиониро дар бештари давлатҳои муосир бозмедорад, чораҳои махсуси криминологии пешгирӣ мансуб мебошанд, ки дар навбати аввал, бевосита барои аз байн бурдани (бартарафнамоӣ, барҳамдиҳӣ, пешгирӣ ва маҳдуднамоии соҳаи паҳншавӣ ва ғ.) омилҳо ва шароитҳои бавуҷудоии коррупсия равона гардидаанд[231].

Гарчанде чораҳои махсуси криминологии пешгирии коррупсия дар ҷомеаи муосир дар муқоиса ба чораҳои умумииҷтимоӣ кам таъсирбахш бошанд ҳам, вале аз онҳо низ даст кашидан лозим нест. Тавре таҷрибаи таърихии хориҷӣ ва ватании муқовимат бо коррупсия нишон медиҳад, маҳз ҳангоми самаранокии ниҳоии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо, дар ҳолати риояи ҳатмии дигар чораҳои зиддикоррупсионии аз ҷониби мутахассисон коркардшуда, эҳтимолияти содиршавии онҳо дар ҷамъият ба таври назаррас паст мегардад.

Самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлат дар соҳаи муқовимат ба коррупсия дараҷаи хавфи ба вуҷуд омадани оқибатҳои манфии иҷтимоиро барои шахсе, ки ба муносибатҳои коррупсионӣ дохил мешавад, зиёд менамояд. Чунин фаъолият метавонад, ба сифати монеаи иловагии иҷтимоию психологӣ дар ҷамъият баромад намуда, афзоиши ҷиноятҳои коррупсиониро паст гардонад.

Дар м. 5 Конвенсияи СММ зидди коррупсия бевосита қайд мегардад, ки «... ҳар як Давлати аъзо кӯшиш менамояд, ки таҷрибаҳои пешрафтаро, ки ба пешгирии коррупсия равона шудаанд, ҷорӣ ва таблиғ намояд»[232].

Яке аз самаранoктарин чораҳои махсуси криминологӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими фаъолияти мансабдорони давлатӣ мебошад. Дар ин робита, чораҳои

---

[231] Ниг.: Гладких В.И. Коррупция в России: генезис, детерминанты и пути преодоления / В.И. Гладких // Российский следователь. – 2009. – №3. – С. 45.

[232] Конвенция ООН «О противодействии коррупции» от 31 октября 2003 г.

асосии махсус назорати молиявӣ ва маҳдудиятҳои муайяни хизматчиёни давлатӣ ва аъзои оилаи онҳоро дар бар мегиранд. Тартиби назорати молиявиро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 07.08. соли 2020, таҳти №1714 ва «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5.03.соли 2007, таҳти №233 пешбинӣ кардаанд. Тибқи м. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», довталабони мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) шудан, шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатии ба онҳо баробаркардашуда, ҳангоми дар мансаб будан ӯҳдадоранд ҳар сол ба ҷойи кор ва мақомоти андози ҷои зист эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ пешниҳод намоянд.

Инчунин, роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб ва ҳангоми дар мансаб будан ӯҳдадоранд ҳар сол оид ба вазъи молумулкии худ ба мақомоти болоии худ ва оид ба даромад ба мақомоти андози ҷои зист маълумот пешниҳод намоянд. Аммо мутаасифона дар қонуни мазкур ӯҳдадориҳои аъзои оилаи чунин шахсон пешбинӣ нагардидааст.

Мутобиқ ба моддаҳои 17[1] ва 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», **с**анҷиши махсус дар хизмати давлатӣ дар асоси дархости хаттии роҳбари мақоми давлатӣ аз ҷониби мақоми дахлдори давлатӣ гузаронида мешавад, агар баръало ошкор карда шавад, ки шахси дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ буда ё довталаби мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкиаш, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, иттилооти бардурӯғ дода бошад.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви созмонҳои байналмилалӣ бо мақсади аз байн бурдани коррупсия омилҳои харобиовари иқтисодиётро ба назар гирифта саъй менамояд, ки коррупсияро саривақт пешгирӣ намуда, фазои зидикоррупсиониро дар

робита бо ин падида дар кишвар ба роҳ монад ва он боиси афзоиш додани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон гардад.

Бинобар ин, ҳангоми таҳияи қонунгузории зидди коррупсия, на танҳо таҷрибаи байналмилалӣ ба назар гирифта мешавад, балки машваратҳо бо коршиносон ва мутахассисони соҳаҳои мухталиф гузаронида шуда, таҳияи тадбирҳо ба амалиёти муштараки шӯъбаҳои гуногун оид ба пешгирии коррупсия, аз ҷумла корҳои илмӣ, семинарҳо, конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва мубодилаи иттилоот таҷриба карда мешавад[233].

Ин чорабиниҳо дар баробари дигар ташкилоту муассисаҳо, бухусус муассисаҳои илмию таълимӣ, дар мақомоти махсуси муборизабаранда, яъне Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории мамлакат мавриди матраҳ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Муссалам аст, ки муборизаро ба коррупсия танҳо бо муайян кардан ва ҷазо додани шахсоне, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кардаанд, паст намудан ғайри имкон аст. Баробари ин, зарур аст, ки барномаҳои алоҳидаи чорабиниҳои пешгирикунанда дар ин самт таҳия ва татбиқ карда шаванд, ки то ба пешгирии воридшавии коррупсия дар сохторҳои идоракунӣ мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати баланд бардоштани пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки қабули меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида, ки барои мансаби давлатӣ рабт доранд ва инчунин барои шахсоне, ки ба мансабҳои давлатӣ дар асоси хешовандӣ, шиносоӣ, қобилияти молиявӣ ва мансубият ба ҳизби муайяни сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, молиявӣ ва ғайра таъин мешаванд, таҳия намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Чунин шахсон, ки тибқи меъёрҳо дар хизмати давлатӣ таъин мегарданд, бюрократияро паҳн мекунанд, бо баъзе масалаҳои расмӣ бо ғаразҳои шахсӣ муносибат мекунанд, пора мегиранд, мансабҳои

[233] Ниг.: Мирзоев А.К. Коррупсия дар соҳаи маорифи Тоҷикистон: чораҳои муосири пешгирӣ ва пешгирӣ (ҷанбаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ) / А.К. Мирзоев // Майдони ҳуқуқии иқтисоди муосир. – 2018. – №2. – С. 34–42.

давлатиро ҳамчун воситаи бойшавӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» илова намудани моддаи алоҳида, ки мутобиқи он ҳар як довталаби мансаби давлатӣ ва ҳамаи шахсони мансабдори давлатӣ, бояд ҳар сол дар бораи ҳолатҳои зерин маълумот пешниҳод намоянд, ба мақсад мувофиқ мешуморем:

–дар бораи даромадҳо, амвол, қарзҳо, инчунин ҳамин намуд маълумот дар бораи аъзои оила;

– дар бораи аъзои оила, хешовандон, ки мансабҳои давлатӣ доранд ё дар мақомоте кор мекунанд, ки метавонанд, мустақиман ё ғайримустақим ба ваколатҳои мансаби даъвогардида ё ишғолкарда таъсир расонанд;

– дар бораи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо довталаб манфиатҳо доранд;

– дар бораи аъзогӣ ё роҳбарии иттиҳодияҳо, ҳаракатҳо, шуроҳои минтақавӣ ё ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ будан ё набудан;

– дар бораи намояндаи қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ буд ё набудан;

– дар бораи амволе, ки бо тариқи тӯҳфа гирифта шудааст ва аз музди моҳона барои мансаби ишғолкарда зиёд мебошад, инчунин оид ба амволи меросӣ (барои шахсони мансабдори давлатӣ);

Муқовимат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ дар дохили як давлат мустақилона самаранок намегардад, агар дар ҳудуди давлатҳои ҳамсоя барои коррупсионерҳо имконияти воқеии пинҳон шудан ва ё аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо гурехтан мавҷуд бошад. Аз чунин имконият истифода бурда, аксарияти коррупсионерҳои баландмақом аз шумули шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз таъқиби ҷиноятӣ ба хориҷи кишвар паноҳ бурда, ба ин васила, амнияти шахсӣ ва шарикони баландмақоми худро таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ, решаи фасодро коршиносон дар берун бурдани сармояҳо аз кишвар медонанд, ки ба назари онҳо даҳҳо баробар бештар аз фасоди рӯзмара ба кишвар зарар мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2021 аз тарафи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 1466 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти коррупсионидошта ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон ба маблағи 1,7 млн. сомонӣ ҷарима татбиқ гардидааст[234].

Содиршавии ин миқдор ҷиноят ба давлат таъсир манфӣ расонида, яке аз сабабҳои он суст будан ва ё мунтазам ба роҳ намондан ва самаранок набудани корҳои ташвиқотӣ, ки аз тарафи мақомоти коррупсия ё ташкилоти дигар анҷом дода мешавад, ба ҳисоб меравад. Аз дигар тараф ҳангоми тамаъҷуии шахсони мансабдор сокинон аз бурдани шикоят нисбати мақомдорон меҳаросанд ва ба ин боваранд, ки ба сарашон дигар мушкилиҳо пеш меояд, дар чунин ҳол анҷоми корҳои тарғиботӣ натиҷаи дилхоҳ наҳоҳанд дод. Бинобар ин мубориза бо фасод дар Тоҷикистон бояд муназзам ба роҳ монда шавад. Зеро мубориза бо фасод – яке аз вазифаҳои маҷмуӣ аст, ки ба кори он дар баробари мутахассисони соҳа фаъолони ҷомеа низ сафарбар гарданд.

Ба андешаи мо, чунин чораҳои махсуси криминологии илман асосноку муттасили муқовимат ба ҷиноякории коррупсионӣ, ба талаботе, ки ба паст кардани сатҳи ҷиноякорӣ дар ҷамъият равона шудаанд, комилан мувофиқ мебошанд. Дар ин ҷо бояд дар назар дошт, ки муқовимат бо коррупсия дар ҷомеа, барои ба пурра решакан ва барҳам додани он умед баста намешавад. Зеро таҷрибаи таърихии ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки чунин решаканкунӣ амалинашаванда ва имконнопазир мебошад. Бинобар ин, тарафдорони фаъоли қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мубориза бар зидди коррупсия дар ҷомеаи муосир бояд ба хаёлбофӣ дода нашуда, танҳо ба пастшавии таъсири ҷараёнҳои коррупсионӣ дар ҷамъият, яъне камшавии миқдор ва андозаи он, маҳдудсозии соҳаҳои бавуҷудоӣ ва паҳнгардии он ва маҳдудсозии таъсири мутақобилаи навъҳои мухталифи коррупсия қаноат кунанд.

---

[234] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/markazi–akhborot/elon–o/nishast–o/449–barguzorii–nishasti–matbuot–dar–agentii–nazorati–davlatii (санаи муроҷиат: 23.06.2022).

Дар низоми чораҳои махсусии пешгирии коррупсия ва ҳамчун натиҷа ҷиноятҳои коррупсионӣ мавқеи муҳимро бояд таъмини назорати самараноки молиявӣ аз болои фаъолияти субъектони сиёсӣ, ҳам шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ҳам ташкилотҳои ҷамъиятии сиёсӣ ишғол намояд.

Айни ҳол, дар шароити мавҷудияти базаи ҳуқуқии кофӣ барои чунин намуди чораҳои назорати иҷтимоӣ нисбати шахсони мансабдори олии давлатӣ ва довталабони чунин мансабҳо, ягон намуди маълумоти омории расмии интишоршуда дар хусуси натиҷаҳои бадастомада ва чораҳои татбиқшаванда вобаста ба амалисозии онҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷой надорад. Мавҷудияти чунин маълумоти омории расмии интишоршуда дар таҳлили вазъи ҷинояткории коррупсионӣ ва барои муайян кардани таъсирбахшии чораҳои андешидашуда бениҳоят муҳим мебошад.

Ғайр аз он, фикр менамоем, ки истифодаи чораҳои зерини махсуси ташкилӣ доир ба пешгирии коррупсия зарур мебошад:

– андешидани чораҳои муқовимати баробар ба ҳарду тараф, ҳам ба порадиҳанда ва ҳам ба порагиранда;

– риояи ҳатмии принсипи ҷавобгарии фардӣ: амалҳои коррупсионӣ чӣ ба таври ҷавобгарии маъмурӣ ва чӣ ба таври ҷавобгарии ҷиноятӣ чораандешӣ карда шаванд;

– ҷудо намудани ҳудуди манфиатҳои хизматӣ аз манфиатҳои шахсӣ;

– воқеӣ будани муқовимат ба коррупсия на бо забон ё қоғаз;

– фавран амалӣ намудани кӯшишҳои зиддикоррупсионӣ;

– намунаи рафтору кирдори худ будани шахсони мансабдори давлатӣ (элитаҳои сиёсӣ), то ки обрӯ ва нуфӯзи худро нигоҳ доранд ва супоришҳои зиддикоррупсиониашон амалӣ гарданд;

– ҷалб намудани мутахассисони касбӣ ба хизмати давлатӣ, ки дониш ва таҷрибаи хуб доранд ва эътирофи хизмати онҳо аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабори давлатӣ;

– кам намудани хешу таборчигӣ, ёру рафиқбозӣ ва маҳалгароиву миллатгароӣ дар хизмати давлатӣ;

– пурзӯр намудани нақши васояти ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия, ки метавонад ба болоравии боварии мардум ба сохторҳои давлатӣ мусоидат намояд;

– пешбурди интишори ҳатмии ҳарсолаи иттилоот дар бораи вазъи молумулкӣ ва даромадҳои хизматчиёни давлатӣ, ки мансабҳои пешбинӣ намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамоянд, дар нашрияҳои дахлдори расмӣ ва ғайра.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамеаи шаҳрвандии воқеии шаҳрвандони озод ва баробарҳуқуқе, ки муносибатҳои байни онҳо дар соҳаҳои иқтисод, фарҳанг ва ғайра новобаста аз ҳокимияти давлатӣ инкишоф ёфта, ҷой надорад, пас зарур мебошад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ситодҳои махсус ташкил ва мустаҳкам карда шавад, ки шаҳрвандон имконияти ба онҳо дар хусуси амалҳои коррупсионии роҳбарони сатҳи гуногуни (вакилон, судяҳо) ба муҳлати муайян интихобшуда бо ариза мурочиат карданро дошта бошанд. Зимнан тафтиши аризаҳо бояд ба таври таъхирнопазир сурат гирад ва номи аризадиҳанда фош карда нашавад.

Ба андешаи муаллиф, барои расидан ба натиҷаҳои мусбӣ дар пешгирии коррупсия чораҳои махсуси зерин низ мусоидат карда метавонанд:

– бекор кардани расмиётҳои нолозим ва иҷозатномадиҳии беасос;

– соддагардонии низоми андозбандӣ;

– ташкили чунин ҷойҳои корӣ, ки хизматчиён қадр кунанд ва аз ришваситонӣ ва суистифодаи мақоми мансабӣ ва хизматӣ аз хавфи аз даст додани кор худдорӣ намоянд;

– назорат аз болои вазъи молумулкӣ, даромадҳо ва ӯҳдадориҳои мансабдорон (ҷорӣ кардани таҷрибаи пешниҳоди эъломия дар бораи вазъи молумулкӣ ва даромадҳои мансабдорони олии давлатӣ).

Барои пешгирии ҷиноятҳкории коррупсионӣ аҳамияти муҳимро инчунин чораҳои махсуси молиявӣ соҳиб мебошанд.

Дар робита ба ин, бояд ба зарурати таҳияи муқарраироти махсусе таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки чораҳои мушоҳиданамоӣ, нигоҳдорӣ, ҳабс ва мусодираи даромадҳои бо роҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ бадастомадаро пешбинӣ менамоянд.

Дар қатори чунин чораҳо инҳоро номбар намудан мумкин аст:

1. Чораҳо оид ба маҳдудсозии муомилоти пули нақд, имконияти бастани аҳдҳои бартерӣ ва анҷом додани интиқоли тамоми пардохтҳои калон тавассути бонкҳо. Дар сатҳи қонунгузорӣ ӯҳдадор намудани субъектони фаъолияти молиявӣ барои ба таври ҳуҷҷатӣ қайд кардани ҳар як амалиёти бо маблағи калон анҷомшаванда (дар доираи ҳудудҳои дақиқ муқарраршуда).

2. Татбиқи чораҳои муттасили назоратӣ аз болои даромадҳо ва хароҷотҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути пешбинӣ намудани эъломиякунонии ҳатмии манбаҳои бадастоварии молу мулки хусусӣ, пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани эъломия оид ба молу мулк, саркашӣ кардан аз пардохти андоз, пинҳон намудани даромадҳои воқеан бадастоварда, такмилдиҳии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва назорат мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ.

3. Таъмин намудани дастрасии васеъ ва бемамонияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба иттилооте, ки сирри тиҷоратӣ ва бонкиро ташкил медиҳад, инчунин ба иттилоот дар бораи иштирокчиёни бозори қоғазҳои қиматнок.

4. Муқаррар кардани садду ҳудудҳои боэътимод ба сӯиистифодакуниҳое, ки бо хариду фурӯш, гарав, қарздиҳӣ, сохтмон ва баистифодадиҳии манзилҳое, ки барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ пешбинӣ гардидаанд.

5. Чораҳое, ки танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷии давлатро пурзӯр менамоянд, либерализатсияи аз ҳад зиёди онро бартараф мекунанд, барои мубориза бо ғайриқонунӣ аз мамлакат ба хориҷа

баровардани металлҳои ранга, сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо ва ашёи хоми аҳамияти стратегӣ дошта шароити мусоид фароҳам меоранд.

6. Чораҳо доир ба ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридшавии молҳои қалбакӣ ва пастсифат, оид ба амалинамоии монополияи давлатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти спиртӣ.

Ба андешаи мо, чорабиниҳои зерини махсуси пешгирии криминологии марбут ба фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ва шахсони мансабдори он метавонанд ҷинояти коррупсиониро самаранок пешгирӣ кунанд, аз ҷумла:

– таъсиси системаи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсоне, ки кирдори ғайриқонунии дорои хусусияти коррупсиониро содир намудаанд ё ба содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ моил мебошанд ё бо дигар асосҳои қонунӣ наметавонанд мансаби давлатӣ дошта бошанд;

– муқаррар намудани доираи ваколатҳо барои хизматчиёни давлатӣ тавассути омӯзиши мушаххаси хизмати давлатӣ, танзими муфассали аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва механизми татбиқи онҳо.

Татбиқи озмунҳои мукаммал оид ба таъини роҳбарияти мансабҳои иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз чораҳои дигари пешгирикунандаи самарабахши зидди коррупсия мебошад, гузашта аз ин, заминаҳои ҳуқуқии чунин чорабиниҳо имрӯз аллакай мавҷуд мебошанд.

Дар Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013–2020, яке аз вазифаҳои давлат дар сиёсати зидди коррупсия чунин қайд гардидааст: ташкил ва таъмини механизми озмун барои қабул ба хизмати давлатӣ дар ҳамаи мақомоти давлатӣ ва дар ин ҷараён таъмин намудани принсипҳои воқеъбинӣ ва беғаразӣ сурат гирифта, танҳо сатҳи маълумот ва малакаи номзадҳо ба назар гирифта шавад.

Ба андешаи мо, истифодаи оқилонаи ин шакли ишғоли мансабҳои давлатӣ, бешубҳа, барои пешгирӣ ва саркӯбии бомуваффақияти протексионизм ва дигар намудҳои коррупсия дар низоми дастгоҳи давлатӣ мусоидат менамояд. Ифшои минбаъдаи раванди интихоби

номзадҳо ва натиҷаҳои озмунҳои кадрӣ, бешубҳа, масъулияти хизматчиёни давлатиро баланд мебардорад ва дар айни замон, ба паст шудани сатҳи коррупсия хизмат мекунад.

Яке аз тадбирҳои асосии пешгирии махсуси коррупсия дар Тоҷикистон фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияро дар бар мегирад, ки дар таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии коррупсия дар кишвар иштирок менамояд.

Аз соли 2007 бо мақсади мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис дода шуд. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Агентӣ) мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

Яъне баъд аз таъсисёбии мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта то ин муддат се санади барномавии дурнамо, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» қабул карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз дар доираи стратегияҳои мазкур амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба коррупсия гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил

гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шудааст. Зеро бо иҷрои талаботи нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияҳои номбурда ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми кирдорҳои коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин кирдорҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давраи амалисозӣ Стратегияи мазкур барои паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯю нуфӯзи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ як қатор тораҳои муассир роҳандозӣ гардидааст.

Стратегияи нави давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бошад, ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ таҳия шуда, дар он пешниҳодҳо аз коршиносони хориҷӣ воридгардида ба назар гирифта шудааст[235].

Стратегия аз 5 боб ва 10 праграф иборат аст, ки самтҳои асосии марбут ба сиёсати зидди коррупсия, ҷинояткории коррупсия ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин пешгирии коррупсия ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди мубориза бо коррупсия дар бар мегирад. Стратегияи мазкур барои рафъи мушкилоти муайяне равона гардидааст, ки дар назди кишвар қарор доранд[236].

Дар боби аввал чорабиниҳои дар Стратегия пешбинишуда ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷинояткорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз

[235] Ниг.: Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/ta–rikh (санаи муроҷиат: 05.04.2021).

[236] Ниг.: Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 тасдиқ шудааст (бо тағирот бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2013, таҳти №22) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/ta–rikh (санаи муроҷиат: 10.02.2021).

ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтааст.

Боби 2–юми Стратегия мақсад, вазифа ва принсипҳои татбиқи онро дар бар гирифта, аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона гардидааст.

Дар боби 3 самтҳои асосии Стратегия пешбинӣ шудааст, ки 10 пргарафро дар бар мегирад. Дар боби 4 механизми амалишавии Стратегия тавассути фаъолияти якҷояи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Дар боби 5 мониторинг ва баҳодиҳии Стратегия қайд гардидааст, ки натиҷаҳои асосии амалисозии ин барномаи давлатӣ аз беҳтар намудани вазъи пешгирии коррупсия, сари вақт ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта, инчунин нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирӣ, мубориза ва коҳиш додани тамоюли афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ рабт доранд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз таҳияи Стратегия коррупсия дар Тоҷикистон, ҳамчун бемории иҷтимоӣ ва яке аз мушкилоти муҳими ҷумҳурӣ боқӣ мондааст.

Тибқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳоро, ки ба пешгирии коррупсия равона гардидаанд амалӣ месозад: Сиёсати давлатиро дар самти муқовимат бо коррупсия татбиқ менамояд; Муқовимат ба

коррупсияро дар тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, амалӣ менамояд; Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат бо коррупсия таҳия ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд; Фаъолияти субъектҳои муқовимат бо коррупсияро дар самти муқовимат бо коррупсия ҳамоҳанг месозад; Корҳои таҳлилӣ ва мониторинги вазъи муқовимат бо коррупсияро анҷом медиҳад, натиҷаи онро барои баррасӣ ва андешидани чораҳо ба мақомоти дахлдори давлативу ҷамъиятӣ ирсол менамояд; Хавфҳои коррупсиониро дар тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таҳлил менамояд ва чораҳои зарурӣ меандешад; Самаранокии чораҳои муқовимат бо коррупсияро таҳлил намуда, барои такмил додани онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд; Ҷиноятҳои ба коррупсия алоқамандро ошкор ва тафтиш намуда, ҷиҳати огоҳ, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ чораҳои самаранок меандешад; Фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба гузаронидани арзёбии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил ва ҳамоҳанг менамояд; Ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро татбиқ менамояд ва дар мавриди ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба

коррупсия алоқаманд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо меандешад;

2) Ҳамкории ҳуқуқии байналмилалиро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истирдоди шахсони ҷиноятҳои коррупсионӣ содирнамударо, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор доранд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ мегардонад;

3) Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ҳамоҳанг месозад;

4) Ҳангоми дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҷиҳати бартараф намудани онҳо ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда ё ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия пешниҳод манзур менамояд;

5) Таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат бо коррупсияро анҷом медиҳад;

6) Ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мутаассифона назорати ҷамъиятиро ба таври муфассал танзим намекунад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеа дар мубориза бо коррупсия, барои изҳори афкори ҷамъиятӣ ва омода намудани тавсияҳо дар робита бо татбиқи қонуни мазкур, таъсиси Шурои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Тартиби фаъолияти Шурои ҷамъиятиро бояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд.

Бинобар сабабе, ки мубориза бо коррупсия падидаи фаромиллӣ мебошад, он ҳамкории наздики байналмилалиро тақозо мекунад[237], аз ин лиҳоз мақомотҳои Тоҷикистон бояд, ҳамкориҳои байналмилалиро дар мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои марбут ба коррупсия амалӣ созанд. Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳо дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ созишномаҳо бастааст. Барқарории ҳамкорӣ бо

[237] Ниг.: Предупреждение коррупции в органах внутренних дел и формирование антикоррупционного поведения сотрудников и работников ОВД / Под ред. проф. С.В. Иванцова. – М.: ДГСК МВД России, 2014. – С. 43.

шарикони глобалии дар мубориза бо коррупсия як қадами муҳим дар сиёсати мубориза бо коррупсия мебошад. Аммо дар айни замон, бояд пайваста бастани шартномаҳои иловагӣ дар бораи кӯмаки ҳуқуқии мутақобила идома ёбад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, ҳамкории байналмилалиро барои мубориза бо самарабахши зидди коррупсия такмил додан зарур аст.

Яке аз чораҳои муассири махсусе, ки ба пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва бартараф намудани коррупсия ва оқибатҳои он равона гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 мебошад. Чораҳои махсуси пешгирии коррупсия бояд, чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро дарбар гиранд.

Чораҳои ҳуқуқии навбати аввал, ки коррупсияро бозмедоранд, таҳия ва тасвиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экпертизаи криминалогии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ», таҳия ва тасвиби барномаи комплексии ҷумҳуриявӣ оид ба мубориза зидди коррупсия, воридсозии тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳам бояд, таҳлили объективии фаъолияти тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (судҳо, прокуратура, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти корҳои дохилӣ ва сохторҳои дигар)–ро оид ба мубориза алайҳи коррупсия дарбар гирифта бошанд.

Таҳлили ҳуқуқии чораҳои махсуси пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо омадан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Чораҳои махсуси муқовимат ва ё пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, ба андешаи муаллиф, бояд дар худ якчанд марҳиларо фаро гиранд:

– якум, аз рӯйи проблемаи мазкур гузаронидани таҳқиқоти комплексии илмии криминологӣ зарур мебошад, ки дурнамоии дарозмуҳлати инкишофи ҷиноятkории коррупсионӣ дар ҷамъият ва таҳияву коркарди чораҳоро доир ба паст кардани он талаб менамояд;

– дуюм, омода намудани барномаҳои комплексии зиддикоррупсионӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ вобаста ба пешгирии он, инчунин андешидани дигар чораҳое, ки сиёсати ягонаи зиддикоррупсионии давлатро ташкил медиҳанд, зарур мебошад;

– сеюм, қабул ва иҷрои минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алакай қабулшуда дар мубориза бар зидди коррупсия зарур мебошад;

– чорум, такмил додани фаъолияти судҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба пешгирӣ, ошкорнамоӣ, решаканкунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва одилона ҷазо додани ашхоси дар содири онҳо гунаҳгор зарур дониста мешавад;

– панҷум, ҳамкории самаранок байни хадамотҳои махсуси мухталиф, ҳам дар дохили давлат ва ҳам байни давлатҳои мухталиф зарур мебошад.

2. Истифодаи чораҳои зерини махсуси ташкилӣ доир ба пешгирии коррупсия зарур мебошад:

– ҷалб намудани мутахассисони касбӣ ба хизмати давлатӣ, ки дониш ва таҷрибаи хуб доранд ва эътирофи хизмати онҳо аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабори давлатӣ;

– пурзӯр намудани нақши васоити ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия ва пинҳон надоштани амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор, ки метавонад ба косташавии боварии мардум ба қонун ва сохторҳои давлатӣ мусоидат намояд;

– то ҳадди имкон кам намудани имзогузорӣ дар ҳуҷҷатҳо;

– таъсис ва пешбурди феҳристи шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқамандро содир намудаанд ва барои онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ намудани маҳдудиятҳо ҳангоми таъин гардидан ё интихоб шудан ба мансабҳои болоӣ;

– дар амал ҷорӣ намудани низоми эъломиякунонии даромадҳо, хароҷотҳо ва вазъи молу мулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар хусусигардонии моликияти давлатӣ иштирок менамоянд, инчунин аъзои оилаи онҳо;

– ташкили механизми муайяннамоӣ ва нигоҳдории шумораи дастгоҳи давлатӣ вобаста ба шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мониторинги ҳатмии марҳилавии андешаҳои ҷамъиятӣ дар хусуси ҳолати қонуният дар хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ;

– пешбурди интишори ҳатмии ҳарсолаи иттилоот дар бораи вазъи молумулкӣ ва даромадҳои хизматчиёни давлатӣ, ки мансабҳои пешбинӣ намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамоянд, дар нашрияҳои дахлдори расмӣ. Инчунин, интишори ҳатмии буҷетҳои солонаи мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашрияҳои дахлдори расмӣ.

3. Чораҳои зерини махсуси пешгирии криминологии марбут ба фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ метавонанд ҷинояти коррупсиониро самаранок пешгирӣ кунанд, аз ҷумла:

– таъсиси системаи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсоне, ки кирдори ғайриқонунии дорои хусусияти коррупсиониро содир намудаанд ё ба содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ моил мебошанд ё бо дигар асосҳои қонунӣ наметавонанд мансаби давлатӣ дошта бошанд;

– муқаррар намудани доираи ваколатҳо барои хизматчиёни давлатӣ тавассути омӯзиши мушаххаси хизмати давлатӣ, танзими муфассали аз ҷиҳати илмӣ асосноки механизми татбиқи онҳо.

4. Барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои коррупсиони андешидани чораҳои зерини махсуси молиявӣ зарур шуморида мешавад:

– чораҳо оид ба маҳдудсозии муомилоти пули нақди хизмачиёни давлатӣ, имконияти бастани аҳдҳои бартерӣ ва анҷом додани интиқоли тамоми пардохтҳои калон тавассути бонкҳо. Дар сатҳи қонунгузорӣ ӯҳдадор намудани субъектони фаъолияти молиявӣ барои ба таври

ҳуҷҷатӣ қайд кардани ҳар як амалиёти бо маблағи калон анҷомшаванда (дар доираи ҳудудҳои дақиқ муқарраршуда).

– татбиқи чораҳои муттасили назоратӣ аз болои даромадҳо ва хароҷотҳои шахсони мансабдор тавассути такмил додани мазмуни эъломиякунонии ҳатмии манбаҳои бадастоварии молу мулки хусусӣ, пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани эъломия оид ба молу мулк.

– таъмин намудани дастрасии васеъ ва бемамонияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба иттилооте, ки сирри тиҷоратӣ ва бонкиро ташкил медиҳад, инчунин ба иттилоот дар бораи иштирокчиёни бозори қоғазҳои қиматнок.

–муқаррар кардани садду ҳудудҳои боэътимод ба суиистифодакуниҳое, ки бо хариду фурӯш, гарав, қарздиҳӣ, сохтмон ва баистифодадиҳии манзилҳое, ки барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ пешбинӣ гардидаанд.

–чораҳое, ки танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷии давлатро пурзӯр менамоянд, либерализатсияи аз ҳад зиёди онро бартараф мекунанд, барои мубориза бо ғайриқонунӣ аз мамлакат ба хориҷа баровардани металлҳои ранга, сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо ва ашёи хоми аҳамияти стратегӣ дошта шароити мусоид фароҳам меоранд.

–чораҳо доир ба ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридшавии молҳои қалбакӣ ва пастсифат, оид ба амалинамоии монополияи давлатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти спиртӣ.

5. Ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияи мақомоти давлатӣ, зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» назорати ҷамъиятиро ба таври муфассал танзим намекунад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеа дар мубориза бо коррупсия, барои изҳори афкори ҷамъиятӣ ва омода намудани тавсияҳо дар робита бо татбиқи қонуни мазкур, таъсиси Шурои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Тартиби фаъолияти Шурои ҷамъиятиро бояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экпертизаи криминалогии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ» қабул карда шавад.

## ХУЛОСА

Таҳлили мушкилотҳои мавҷудаи пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки оид ба таҳқиқоти диссертатсияи мазкур чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ аз замонҳои қадим ҷой дошт, аммо заминаи асосӣ барои қабули КҶ ҶТ амалкунанда асосан дар замони Шуравӣ гузошта шуда буд. Аммо қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ ба монанди қонунгузории амалкунанда бо истилоҳи «коррупсия» шинос набуд, ҳолати мазкур ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо дар ин самт як қатор мушкилиҳоро ба пеш меовард **[7–М]**.

2. Даҳсолаи аввали баъд аз инқилоб аз ҷиҳати ташаккул ва такмили қонунгузории мубориза бо коррупсия ва дигар зуҳуроти фасод хеле самаранок буд. Дар давраҳои ҳокимияти Шуравӣ консепсияи ягонаи ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷой надошт, аммо ақидаи паҳнгардида дар бораи он ки дар замони Шуравӣ коррупсия вуҷуд надошт, иштибоҳ аст, гарчанде ин мафҳумро ба истилоҳҳои «ришвахорӣ», «исрофкорӣ» ва «сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ» иваз кардаанд **[7–М]**.

3. Давраи Шуравии рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчун дар тағйиротҳои такрории сиёсати ҷазодиҳии давлат нисбат ба порахӯрон зоҳир мегардад. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабук бо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд. Ҳамзамон, ин тадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд **[7–М]**.

4. Дар замони Шуравӣ таркиби чунин ҷиноят, ба монанди гирифтани пора пайваста ислоҳ мегардид: мазмун, мафҳум ва андозаи ҷазои он такмил меёфт. Хусусияти асосии ҷазодиҳӣ барои ин ҷиноят дар он буд, ки барои гирифтани пора, дар ҳама ҳолатҳо мусодираи амвол татбиқ мешуд. Тадбирҳои репрессивӣ, ки бо таърифи қонунии гирифтани пора ҳамроҳ буданд, дар тамоми давраи таҳия ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ҷой доштанд. Бори аввал тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ

вобаста ба андозаи гирифтани пора танҳо дар Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфтааст, ки гирифтани пораро ба маблағҳои содда, назаррас, калон ва махсусан калон ҷудо мекунад **[7–М]**.

5. Агар ба таърихи барқароршавии қонунгузорӣ дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ назар афканем, маълум мегардад, ки инкишоф ва ташаккули соҳаи қонунгузорӣ дар ин самт аз давраҳои Шуравӣ оғоз мегардад. Коррупсия, дар шароити муосир ҳаҷми бесобиқаеро касб карда, шаклҳои навро зоҳир намуда бошад ҳам, таърихи хело қадима дорад ва вобаста ба ин пайгирӣ намудани зинаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои ин ҷинояти маъмулу хафноки мансабӣ ҷолиб ва ҳам зарур мебошад **[1–М].**

6. Коррупсия – кирдорҳои қасдонаи ба ҷамъият хавфноке мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо байни як ё якчанд шахсони мансабдори дорои ваколатҳои ҳокимият бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо бо мақсади ғайриқонунӣ гирифтан ва ё додани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта робитаҳои устувор эҷод мегардад **[9–М]**.

7. Зери мафҳуми миёнаравӣ дар порагирӣ на танҳо додан, балки аз ҷониби миёнарав қабул намудан предмети пора аз порадиҳанда қабул намудани он барои интиқоли минбаъда ба порагиранда низ ба манфиати порагиранда бояд фаҳмид. Дар нусхаи амалкунанда м. 320–321 КҶ ҶТ, ки дар он ҳеҷ нишонае оид ба қабули предмет аз порадиҳанда мавҷуд нест, миёнарав дарвоқеъ аз порадиҳанда фарқ намекунад, ки ин метавонад барои тафсири гуногуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар амал оварда расонад **[9–М]**.

8. Бояд санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ зиддикорупсионӣ ва салоҳияти шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар самти муқовимат бо коррупсия мушаххас ва мукаммал гардонида шаванд **[8–М]**.

9. Дар қонунҳои амалкунандаи зиддикоррупсионӣ стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда ҷорӣ карда шаванд **[4–М]**.

10. Сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар шароити кунунии кишвари мо аз инҳо иборат аст: тафриқаи зиёди иҷтимоии аҳолӣ аз рӯйи дараҷаи таъмини моддӣ; беҷазоӣ ё татбиқи ҷазои нисбатан сабук барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта; рушди иқтисоди сояафкан, ҷинояткории муташаккилона дар самти ин соҳа; анъанаҳои коррупсионӣ, интихоб, ҷойгиркунӣ ва тарбияи номатлуби мансабдорон, назорати пасти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо, ҷой надоштани маҳдудиятҳои махсус ва мушаххасгардида барои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият (идораи амволи давлатӣ, андоз, муносибатҳои гумрукӣ, прокуратура, суд, коррупсия ва ғ.); яке аз сабабҳои асосии рушди коррупсия дар ҶТ мебошанд **[11–М]**.

11. Яке аз сабабҳои сол то сол паст нагардидани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ номукаммалии бархе аз меъёрҳои қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти шумораи зиёди камбудиҳо ва бархӯрдҳо дар он, имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботҳои аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ мебошад **[12–М]**.

12. Ба таври дахлдор, ҷой надоштани ҷавобгарии хизматчиёни давлатӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо, набудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятӣ аз болои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ **[12–М]**.

13. Паст будани дараҷаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва маънавии баъзе аз гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ **[12–М]**.

14. Механизми ҳуқуқии танзими мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла пешгирии коррупсия, дар сурате самаранок шуда метавонад, ки агар аксарияти шаҳрвандон дарк намоянд, ки ҳар як рафтори хусусияти коррупсионии онҳо амали вайронкунии ҳуқуқи инсон аст **[12–М]**.

15. Ҳангоми пешгирии умумии иҷтимоии ҷинояткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба таҳкими заминаи иқтисодии давлат, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии маҳал, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҷомеа, таҳкими ахлоқи шаҳрвандон, кафолати ошкорбаёнӣ ва шаффофияти ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, зарур мебошанд **[11–М]**.

16. Яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии коррупсия тарбия ва таълими зидди коррупсионӣ мебошад. Пеш аз ҳама: таълими ибтидоии зидди коррупсия ва таълими касбии зидди коррупсия. Коркарди барномаи муассири таълимӣ, ки ба баланд бардоштани фарҳанг ва идеологияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия равона карда шудааст, барои тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз синни томактабӣ сар карда зарур аст. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари хабарӣ, аз ҷумла телевизион ва радио фаъолона паҳн намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ бо коршиносон ва таҳлили омилҳои коррупсионӣ ба мақсад мувофиқ мебошад **[11–М]**.

17. Ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияи мақомоти давлатӣ, зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» назорати ҷамъиятиро ба таври муфассал танзим намекунад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеа дар мубориза бо коррупсия, барои изҳори афкори ҷамъиятӣ ва омода намудани тавсияҳо дар робита бо татбиқи қонуни мазкур, таъсиси Шурои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Тартиби фаъолияти Шурои ҷамъиятиро бояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд **[9–М]**.

18. Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экпертизаи криминалогии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ» қабул карда шавад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо назардошти афзоиши сатҳи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ислоҳот ворид карда шавад. Аз ҷумла, м. 1 «Мафҳумҳои асосӣ», ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд бо сархати 5 мафҳуми дорошавии ғайриқонунӣ дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Дорошавии ғайриқонунӣ – афзоиши назарраси дороиҳои (амволи) шахси мансабдор, ки аз даромади қонунии зиёд буда, ӯ манбаи ба дастовардани онҳоро асоснок карда наметавонад». Ҳамзамон зарур аст, ки дар доираи эъломияҳои солона аз шахсони мансабдор ба таври ҳатмӣ тавзеҳот оид ба таъсиси манбаъҳои ба даст овардани дороиҳо, амвол вобаста ба арзиши воқеӣ онҳо пешбинӣ гардад **[1–М]**.

2. Дар м. 1–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», яъне пас аз калимаҳои «ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ё имтиёзҳои дигар» илова намудани «инчунин бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли хизматрасонии хусусияти ғайримолумулкӣ дошта» пешниҳод мешавад **[1–М]**.

3. Зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда шавад. Зеро дар айни замон, қонунҳои дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии марбут ба чораҳои назоратро нисбат ба ҳама гуна амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ таҳия накардаанд. Сарфи назар аз аҳамияти сирри бонкӣ, ҳангоми парвандаи ҷиноятӣ дар робита бо ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқии дохилии худ механизмҳои муносиб барои бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи татбиқи қонун дар бораи сирри бонк ба миён омада метавонанд, таъмин намояд **[2–М]**.

4. Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия ҳалли як қатор амалҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

а) Сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии коррупсияро дар як давлати муайян омӯхта ва таҳлил намуда, роҳи таърихии ин падида дар шароити мушаххас пайгирӣ карда шавад;

б) Муайян намудани сатҳи ҳадди имконпазири содиргардии кирдори коррупсионӣ;

в) Омӯзиши таҷрибаи мавҷудаи муваффақи миллӣ дар мубориза бо коррупсия, инчунин баррасии нокомиҳои давлатҳо дар ин соҳа;

г) Санҷиши ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд ва самаранокии онҳоро дар айни замон арзёбӣ менамоянд;

д) Баланд бардоштани сифати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани системаи баҳогузории таъсири танзими лоиҳаҳои қонунҳо дар сатҳи Ҳукумат **[3–М]**.

5. Таъсиси системаи электронии фаъолияти давлатӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла харид, хизматрасониҳои электронӣ барои баррасмиятдарории гумрукӣ, системаи электронии андоз, хизматрасонии интернетӣ барои шаҳрвандон, низоми электронии баррасии арзу шикоятҳо, низоми ягонаи электронии пешбурди тиҷорат, шабакаи ягонаи иттилооти маъмурӣ ва ғайра. Истифодаи фаъоли системаҳои электронии зикршуда дар соҳаи хизматрасонии ҷамъиятӣ шаффофияти ҳокимияти давлатиро зиёд намуда, бюрократияро дар дастгоҳи давлатӣ коҳиш медиҳад, дастрасии зуд, боэътимод ба хизматҳои давлатиро ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки ин бешубҳа яке аз таҷрибаҳои муваффақи пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад **[5–М]**.

6. Чораҳои махсуси муқовимат ва ё пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, ба андешаи муаллиф, бояд дар худ якчанд марҳиларо фаро гиранд:

– якум, аз рӯйи проблемаи мазкур гузаронидани таҳқиқоти комплексии илмии криминологӣ зарур мебошад, ки дурнамоии

дарозмуҳлати инкишофи ҷинояткории коррупсионӣ дар ҷамъият ва таҳияву коркарди чораҳоро доир ба паст кардани он талаб менамояд;

– дуюм, омода намудани барномаҳои комплексии зиддикоррупсионӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ вобаста ба пешгирии он, инчунин андешидани дигар чораҳое, ки сиёсати ягонаи зиддикоррупсионии давлатро ташкил медиҳанд, зарур мебошад;

– сеюм, назорат ва иҷрои минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алакай қабулшуда дар мубориза бар зидди коррупсия зарур мебошад;

– чорум, такмил додани фаъолияти судҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба пешгирӣ, ошкорнамоӣ, решаканкунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва одилона ҷазо додани ашхоси дар содири онҳо гунаҳгор зарур дониста мешавад;

– панҷум, ҳамкории самаранок байни хадамотҳои махсуси мухталиф, ҳам дар дохили давлат ва ҳам байни давлатҳои мухталиф зарур мебошад **[5–М]**.

7. Истифодаи чораҳои зерини махсуси ташкилӣ доир ба пешгирии коррупсия зарур мебошад:

– ҷалб намудани мутахассисони касбӣ ба хизмати давлатӣ, ки дониш ва таҷрибаи хуб доранд ва эътирофи хизмати онҳо аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабори давлатӣ;

– пурзӯр намудани нақши васоити ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия ва пинҳон надоштани амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор, ки метавонад ба косташавии боварии мардум ба қонун ва сохторҳои давлатӣ мусоидат намояд;

– то ҳадди имкон кам намудани имзогузорӣ дар ҳуҷҷатҳо;

– таъсис ва пешбурди феҳристи шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқамандро содир намудаанд ва барои онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ намудани маҳдудиятҳо ҳангоми таъин гардидан ё интихоб шудан ба мансабҳои болоӣ;

– дар амал ҷорӣ намудани низоми эъломиякунонии даромадҳо, хароҷотҳо ва вазъи молу мулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар хусусигардонии моликияти давлатӣ иштирок менамоянд, инчунин аъзои оилаи онҳо;

– ташкили механизми муайяннамоӣ ва нигоҳдории шумораи дастгоҳи давлатӣ вобаста ба шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мониторинги ҳатмии марҳилавии андешаҳои ҷамъиятӣ дар хусуси ҳолати қонуният дар хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ;

– пешбурди интишори ҳатмии ҳарсолаи иттилоот дар бораи вазъи молумулкӣ ва даромадҳои хизматчиёни давлатӣ, ки мансабҳои пешбинӣ намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамоянд, дар нашрияҳои дахлдори расмӣ. Инчунин, интишори ҳатмии буҷетҳои солонаи мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашрияҳои дахлдори расмӣ **[6–М]**.

8. Чораҳои зерини махсуси пешгирии криминологии марбут ба фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ метавонанд ҷинояти коррупсиониро самаранок пешгирӣ кунанд, аз ҷумла:

– таъсиси системаи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсоне, ки кирдори ғайриқонунии дорои хусусияти коррупсиониро содир намудаанд ё ба содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ моил мебошанд ё бо дигар асосҳои қонунӣ наметавонанд мансаби давлатӣ дошта бошанд;

– муқаррар намудани доираи ваколатҳо барои хизматчиёни давлатӣ тавассути омӯзиши мушаххаси хизмати давлатӣ, танзими муфассали аз ҷиҳати илмӣ асосноки механизми татбиқи онҳо **[9–М]**.

9. Барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои коррупсиони андешидани чораҳои зерини махсуси молиявӣ зарур шуморида мешавад:

– чораҳо оид ба маҳдудсозии муомилоти пули нақди хизмачиёни давлатӣ, имконияти бастани аҳдҳои бартерӣ ва анҷом додани интиқоли тамоми пардохтҳои калон тавассути бонкҳо. Дар сатҳи қонунгузорӣ ӯҳдадор намудани субъектони фаъолияти молиявӣ барои ба таври

ҳуҷҷатӣ қайд кардани ҳар як амалиёти бо маблағи калон анҷомшаванда (дар доираи ҳудудҳои дақиқ муқарраршуда);

– татбиқи чораҳои муттасили назоратӣ аз болои даромадҳо ва хароҷотҳои шахсони мансабдор тавассути такмил додани мазмуни эъломиякунонии ҳатмии манбаҳои бадастоварии молу мулки хусусӣ, пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани эъломия оид ба молу мулк;

– таъмин намудани дастрасии васеъ ва бемамонияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба иттилооте, ки сирри тиҷоратӣ ва бонкиро ташкил медиҳад, инчунин ба иттилоот дар бораи иштирокчиёни бозори қоғазҳои қиматнок;

– муқаррар кардани садду ҳудудҳои боэътимод ба суиистифодакуниҳое, ки бо хариду фурӯш, гарав, қарздиҳӣ, сохтмон ва баистифодадиҳии манзилҳое, ки барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ пешбинӣ гардидаанд;

– чораҳое, ки танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷии давлатро пурзӯр менамоянд, либерализатсияи аз ҳад зиёди онро бартараф мекунанд, барои мубориза бо ғайриқонунӣ аз мамлакат ба хориҷа баровардани металлҳои ранга, сангҳои қимматбаҳо, дигар металлҳо ва ашёи хоми аҳамияти стратегӣ дошта шароити мусоид фароҳам меоранд;

– чораҳо доир ба ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридшавии молҳои қалбакӣ ва пастсифат, оид ба амалинамоии монополияи давлатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти спиртӣ **[9–М]**.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.
2. Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/corruption.shtml (дата обращения: 12.06.2020).
3. Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. Принята резолюцией 58/4 Генеральной Ассамблеи от 31 октября 2003 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/corruption.shtml (дата обращения: 02.03.2021).
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] / Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.10.2020).
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008 сол, таҳти №455 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2020).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, таҳти №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2021).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2021).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, таҳти №374 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/ta–rikh (санаи мурочиат: 10.02.2021).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 2 августи соли 2011, таҳти №751 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 11.02.2021).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010, таҳти №631 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 11.02.2021).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010, таҳти №626 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 11.02.2021).
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №723 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/723_tj.pdf (санаи мурочиат: 11.02.2021).
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, таҳти №100 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 07.04.2021).
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 07.04.2021).
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011, таҳти №86 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 11.02.2021).

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №749 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2021).
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №687 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2021).
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №644 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2021).
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, таҳти №925 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2021).
20. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №492 [Захираи электронӣ] / Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10. 2020).
21. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028» аз 06 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат:12.11.2020).
22. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхурӣ)» аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www president.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).
23. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–

2020» аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj (санаи муроҷиат: 10.08.2020).

24. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 [Захираи электронӣ] / Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.08.2020).
25. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» аз 7 сентябри соли 2007, таҳти №414 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www president.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2021).
26. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 ноябри соли 2013, таҳти №492 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 12.11.2020).
27. Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан «О ратификации Конвенции Организации Объединенных Наций против коррупции» от 16 апреля 2008 года, под №952 [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 2008. – №4. – Ст. 330.
28. Модельный Уголовный кодекс для государств–участников СНГ [Текст] / Принят постановлением Межпарламенской Ассемблеи государств–участников Содружества Независимых Государств. – Санкт–Петербург, 17.02.1996 г. – 102 с.
29. Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30.12.2001, под №195–ФЗ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base consultant.ru (дата обращения: 18.09.2020).
30. Закон Республики Казахстан «О противодействии коррупции» от 18 ноября 2015 года, №410–V ЗРК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://zakon.uchet.kz/rus/docs/Z1500000410 (дата обращения: 07.04.2021).

31. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527 (дата обращения: 07.04.2021).
32. Федеральный закон от 25 декабря 2008 г., №273–ФЗ «О противодействии коррупции» (в ред. от 15.02.2016 г.) // СПС «Консультант плюс». – 2008.
33. Уголовный кодекс РСФСР от 27.10.1960 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 18.03.2021).
34. Указ Президиума ВС СССР от 20 февраля 1962 г. «Об усилении уголовной ответственности за взяточничество» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
35. Декрет СНК РСФСР о взяточничестве от 8 мая 1918 г. [Текст] // СУ РСФСР. – 1918. – №35. – Ст. 467.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

36. Абдухамитов, В.А. Уголовное право (Особенная часть): учебно–методическое пособие [Текст] / В.А. Абдухамитов. – Душанбе: РТСУ, 2013. – 81 с.
37. Андрианов, В.Д. Коррупция как мировая проблема: история и современность [Текст] / В.Д. Андрианов. – М., 2011. – 49 с.
38. Антонян, Ю.М., Эминов, В.Е. Личность преступника [Текст] / Ю.М. Антонян, В.Е. Эминов. – М., 2015. – 368 с.
39. Богданов, И.Я., Калинин, А.П. Коррупция в России: учебник [Текст] / И.Я. Богданов, А.П. Калинин. – М., 2010. – 240 с.
40. Баранчикова, М.В., Сумникова, О.Г. Уголовная ответственность за коррупцию [Текст] / М.В. Баранчикова, О.Г. Сумникова. – Орел: ОЮИ МВД России и В.В. Лукьянова, 2014. – 67 с.
41. Бахриддинов, С.Э. Криминология. Общая часть [Текст]: учебник / С.Э. Бахриддинов. – Душанбе, 2013. – 187 с.
42. Библия [Текст]. – М., 2001. – 1198 с.

43. Билинская, М.Н., Моисеев, В.В., Нисневич, В.Ф. Противодействие коррупции [Текст]: монография / М.Н. Билинская, В.В. Моисеев, В.Ф. Нисневич. – Москва–Берлин: Директ–Медиа, 2014. – 439 с.
44. Билинская, Н.М., Моисеев, В.В., Ницевич, В.Ф. Современная коррупция: отечественная специфика и зарубежный опыт противодействия [Текст]: монография / М.Н. Билинская, В.В. Моисеев, В.Ф. Ницевич. – Москва, Берлин: DirectMEDIA, 2014. – 438 с
45. Большой юридический словарь [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. – М.: Инфра–М, 2003. – 968 с.
46. Бугаевская, Н.В. Коррупционные преступления: виды и особенности субъекта [Текст]: монография / Н.В. Бугаевская. – М.: Изд–во «Юрлитинформ», 2015. – 200 с.
47. Волженкин, Б.В. Коррупция [Текст] / Б.В. Волженкин. – СПб., 1998. – 44 с.
48. Волженкин, Б.В. Коррупция и уголовный закон [Текст] / Б.В. Волженкин // Избранные труды по уголовному праву и криминологии (1963–2007). – СПб., 2008. – 969 с.
49. Галузо и Божко. Восстание 1916 года (сборник статей) [Текст]. – СПб., 1916.– 452 с.
50. Гилинский, Я.И. Девиантология: социология преступности, наркотизма, проституции, самоубийств и других «отклонений» [Текст] / Я.И. Гилинский. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 278 с.
51. Гриб, В.Г., Окс, Л.Е. Противодействие коррупции [Текст]: учебное пособие / В.Г. Гриб, Л.Е. Окс. – М.: Московская финансово–промышленная академия, 2011. – 134 с.
52. Долгова, А.И. Криминологические оценки организованной преступности и коррупции, правовые баталии и национальная безопасность [Текст] / А.И. Долгова. – М.: Российская криминологическая ассоциация, 2011. – 665 с.
53. Дроздов, В.Ю. Криминология: учебник [Текст] / В.Ю. Дроздов, Н.Б. Хлыстова. – М.: КноРус, 2019. – 210 с.

54. Имомов, А.Х., Кудратов, Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть) [Текст] / А.Х. Имомов, Н.А. Кудратов. – Душанбе: Таджикский гос. ун–т коммерции, 2011. – 232 с.
55. Истоки и современное содержание уголовной политики в области здравоохранения: актуальные вопросы теории и практики [Текст]: монография / Под ред. А.В. Грошева, Е.В. Епифановой. – М.: Юрлитинформ, 2013. – 456 с.
56. История Таджикской ССР [Текст] / Под общ. ред. Б.А. Антоненко. – Душанбе, 1983. – 398 с.
57. Коррупция. Политические, экономические, организационные и правовые проблемы [Текст] / Под ред. В.В. Лунеева. – М.: Юристъ, 2001. – 426 с.
58. Коррупция: природа, проявления, противодействие [Текст]: монография / Под ред. Т.Я. Хабриевой. – М.: Юриспруденция, 2014. – 688 с.
59. Криминология [Текст]: учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 4–е изд., перераб. и доп. – М.: Норма; Инфра–М, 2010. – 1008 с.
60. Криминология [Текст]: учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 5–е изд., перераб. и доп. – М.: Норма; Инфра–М, 2013. – 985 с.
61. Криминология [Текст]: учебник для вузов / Под ред. В.Д. Малкова. – 2–е изд., перераб. и доп. – М.: Юстицинформ, 2006. – 528 с.
62. Криминология [Текст]: учебник для юридических вузов / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальникова, С.В. Степашина. – СПб.: Санкт–Петербургский ун–т МВД Росии, 2006. – 608 с.
63. Кропачев, Н.М., Вандышев, В.В., Бурлаков, В.Н. Криминология [Текст]: учебное пособие / Н.М. Кропачев, В.В. Вандышев, В.Н. Бурлаков. – СПб.: Питер, 2019. – 304 с.
64. Кудрявцев, В.Н., Эминов, В.Е. Криминология [Текст] / В.Н. Кудрявцев, В.Е. Эминов. – М., 2009. – 328 с.

65. Қудратов, Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть [Текст] / Н.А. Қудратов. – Душанбе: Таджикский гос. ун–т коммерции, 2012. – 366 с.
66. Қуръони Карим (Китоб) [Матн]. Сураи «Моида». Ояти 42 / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: ЭР–граф, 2011. – 1260 с.
67. Левакин, И.В., Охотский, Е.В., Охотский, И.Е., Шедий, М.В. Противодействие коррупции: учебник и практикум для бакалавриата и специалитета [Текст] / И.В. Левакин, Е.В. Охотский, И.Е. Охотский, М.В. Шедий; Под общ. ред. Е.В. Охотского. – 3–е изд. – М.: Юрайт, 2019. – 427 с.
68. Ленин В.И. «Развитие капитализма в России» // Полн. собр. соч. – 5–е изд. – М.: Изд–во политической литературы, 1970. – Т. 50. – 970 с.
69. Лунеев, В.В. Курс мировой и российской криминологии [Текст]: в 2 т. Т. 1: Общая часть: в 3 кн. Кн. 2: учебник для магистратуры / В.В. Лунеев. – М.: Юрайт, 2017. – 302 с.
70. Максимов, С.В. Коррупция. Закон. Ответственность [Текст]: учеб. пособие / С.В. Максимов. – Изд. 3–е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН ин–т государства и права Российской акад. наук, 2017. – 287 с.
71. Малиновский, И.Б. Коррупция: проблемы уголовной ответственности государственных и муниципальных служащих [Текст] / И.Б. Малиновский. – М., 2004. – 132 с.
72. Мальков, С.М., Шеслер, А.В., Тепляшин, П.В. Уголовно–правовая и уголовно–исполнительная политика Российской Федерации [Текст]: монография / С.М. Мальков, А.В. Шеслер, П.В. Тепляшин. – Красноярск: СибЮИ МВД России, 2018. – 128 с.
73. Маҷидзода, Ҷ.З., Назаров, Н.Ҷ. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ [Матн]: монография / Ҷ.З. Маҷидзода, Н.Ҷ. Назаров. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – 268 с.
74. Международная защита прав и свобод человека [Текст]: сб. документов. – М., 1990. – 672 с.

75. Милюков, С.Ф. Факторы, обуславливающие преступность [Текст] / С.Ф. Милюков // Криминология: учебник / С.Ф. Милюков; Под ред. В.Н. Бурлакова, Н. М. Кропачева. – СПб., 2002. – 432 с.
76. Минзарипов, Р.Г. Противодействие коррупции [Текст]: учеб. пособие / Р.Г. Минзарипов. – Казань, 2016. – 148 с.
77. Млечин, Л.М. Кремль 1953. Борьба за власть со смертельным исходом [Текст] / Л.М. Млечин. – М.: Центрполиграф, 2016. – 124 с.
78. Муқовимат ба савдои одамон [Матн]: воситаи илмӣ–амалӣ / Т.Ш. Шарипов, Ф.Х. Рауфов, А.И. Сафаров, Б.Н. Раҳматҷонов. – Душанбе, 2015. – 256 с.
79. Наумов, Ю.Г. Коррупция и общество: теоретико–экономическое и прикладное исследование [Текст]: учебное пособие / Ю.Г. Наумов. – М., 2015. – 111 с.
80. Нисневич, Ю.А. Политика и коррупция: коррупция как фактор мирового политического процесса [Текст]: монография / Ю.А. Нисневич. – М.: Юрайт, 2019. – 240 с.
81. Новый словарь иностранных слов [Текст] / под ред. Е.Н. Захаренко, Л.Н. Комарова, И.В. Нечаева. – М., 2003. – 250 с.
82. Ҳасанов, Ш.К. Коррупсия: масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.Қ. Ҳасанов. – Душанбе: ЭР–граф, 2014. – 256 с.
83. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. – М., 1984. – 797 с.
84. Петров, Ф.Н., Лехин, И.В. Словарь иностранных слов [Текст] / Ф.Н. Петров, И.В. Лехин. – М., 1954. – 456 с.
85. Предупреждение коррупции в органах внутренних дел и формирование антикоррупционного поведения сотрудников и работников ОВД [Текст] / Под ред. проф. С.В. Иванцова. – М.: ДГСК МВД России, 2014. – 472 с.
86. Раҳимзода, Р.Ҳ., Removeбоҷонзода, И.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе, 2019. – 550 с.

87. Раҳимов, М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» [Матн] / М.З. Раҳимов. – Душанбе, 2012. – 236 с.
88. Решетников, А.Ю., Афанасьева, О.Р. Криминология и предупреждение преступлений [Текст]: учебное пособие для СПО / А.Ю. Решетников, О.Р. Афанасьева. – М.: Юрайт, 2017. – 168 с.
89. Решетников, А.Ю., Афанасьева, О.Р. Криминология и предупреждение преступлений [Текст]: учебное пособие для СПО / А.Ю. Решетников, О.Р. Афанасьева. – М.: Юрайт, 2019. – 210 с.
90. Саидзода, А.И., Умаров, Х.А., Халифазода, М.Н. Комментарий к Закону Республики Таджикистан «О борьбе против коррупции» [Текст] / А.И. Саидзода, Х.А. Умаров, М.Н. Халифазода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 327 с.
91. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917–1952 гг.). – М., 1953. – 350 с.
92. Служебная дисциплина и формирование антикоррупционного поведения сотрудников органов внутренних дел [Текст]: учеб. пособие / Под ред. проф. С.В. Иванцова. – М.: ДГСК МВД России, 2016. – 208 с.
93. Сотиволдиев, Р.Ш. Политические и правовые идеи «Сиёсат–намэ» [Текст] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 1999. – 126 с.
94. Тоҳиров, Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ [Матн] / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 600 с.
95. Уткин, В.А. О противодействии коррупции и антикоррупционном поведении [Текст] / В.А. Уткин. – М.: Щит–М, 2010. – 58 с.
96. Хабриева, Т.Я. Коррупция, природа противодействия [Текст]: монография / Т.Я. Хабриева. – М., 2014. – 688 с.
97. Хабриева, Т.Я., Иванов, С.Б., Чиханчин, Ю.А. Противодействие коррупции: новые вызовы [Текст]: монография / Т.Я. Хабриева, С.Б. Иванов, Ю.А. Чиханчин. – М., 2016. – 376 с.
98. Хайдарова, М. Основные направления школы мусульманского права [Текст] / М. Хайдарова. – М., 2012. – 161 с.

99. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ [Матн]: курси мухтасари лексияҳо / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқов. – Душанбе, 2018. – 224 с.
100. Ambrose, S.K. Lee, Relation of State and Civil Society, Speaking at the Plenary Session of 11th IACC. – Seoul, Korea, 2003. – 197 p.
101. Friedrich, Carl J. The Pathology of Politics: Violence, Betrayal Corruption, Secrecy and Propaganda. – New York: Harper & Row, 1972. – 300 p.
102. The Theodosian Code and Novels and sirmondian constitutions / a translation with commentary, glossary, and bibliography by C. Pharr in collaboration with T. S. Davidson and M. B. Pharr. – New Jersey: The Lawbook Exchange, 2001. – 643 p.

**III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо**

103. Абашидзе, А.Х. Национальные и международные меры в борьбе против коррупции [Текст] / А.Х. Абашидзе // Юрист–международник. – 2007. – №2. – С. 24–33.
104. Аглямова, Г.М. Виктимологические аспекты предупреждения коррупционной преступности в сфере местного самоуправления [Текст] / Г.М. Аглямова // Экономика и право. – 2012. – №4. – С. 74–84.
105. Александрова, И.А. Взяточничество по законодательству Великобритании и России [Текст] / Преступление одно, подходы к регламентации разные / И.А. Александрова // Российский следователь. – 2011. – №21. – С. 34–38.
106. Алимардонов, М.У. Законодательное и научное определение коррупции и коррупционной преступности [Текст] / М.У. Алимардонов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №3 (36). – С. 15–20.
107. Ананич, В.А., Клим, А.М. Общесоциальные меры предупреждения коррупционной преступности [Текст] / В.А. Ананич, А.М. Клим //

Вопросы криминологии, криминалистики и судебной экспертизы. – 2015. – №1 (37). – С. 21–27.
108. Анисимцев, Н.В. Япония: обеспечение прозрачности (транспарентности) административно–государственного управления [Текст] / Н.В. Анисимцев // Государство и право. – 2003. – №3. – С. 58–65.
109. Артемиева, М.В. Коррупция и коррупционные преступления [Текст] / М.В. Артемиева // Юридические науки. – 2011. – №1. – С. 43–47.
110. Баландина, Н.В. Государственная политика в сфере повышения правовой грамотности и правосознания граждан в Российской Федерации и общественные отношения [Текст] / Н.В. Баландина // Правовая культура. – 2012. – №2 (13). – С. 14–17.
111. Бахриддинзода, С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан [Текст] / С.Э. Бахриддинзода // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 98–102.
112. Бобырев, В.В. Законодательное обеспечение противодействия коррупции. Проблемы и пути решения [Текст] / В.В. Бобырев // Право и безопасность. – 2008. – №1 (26). – С. 70–73.
113. Будущее без коррупции [Текст] // Чистые руки. – 1999. – №1. – С. 3–23.
114. Волженкин, Б.В. Коррупция и уголовный закон [Текст] / Б.В. Волженкин // Правоведение. – 1991. – №6. – С. 64–69.
115. Герцик, Е.Д. Причины и условия совершения коррупционных преступлений в России [Текст] / Е.Д. Герцик // Юридические науки: проблемы и перспективы: материалы V Международной конференции (г. Казань, октябрь 2016 г.). – 2016. – С. 109 / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL https://moluch.ru/conf/law/archive/223/11031/ (дата обращения: 26.02.2020).
116. Гетман, Н.И., Кузнечевский, В.Д. Преодоление коррупции: проблемы активизации гражданского общества [Текст] / Н.И. Гетман, В.Д. Кузнечевский // Преодоление коррупции – главное условие

утверждения правового государства: межведом. науч. сб. – М., 2009. – С. 482–488.

117. Гладких, В.И. Коррупция в России: генезис, детерминанты и пути преодоления [Текст] / В.И. Гладких // Российский следователь. – 2009. – №3. – С. 45–51.

118. Диденко, К.В., Невмовенко, А.А. Некоторые аспекты латентной преступности в Российской Федерации [Текст] / К.В. Диденко, А.А. Невмовенко // Вестник Белгородского юридического ин–та МВД России им. И.Д. Путилина. – 2018. – №3. – С. 62–67.

119. Долгова, А.И. Определение коррупции и законодательство о борьбе с ней [Текст] / А.И. Долгова // Коррупция и борьба с ней. – М.: Государственная Дума, 2007. – С. 78–82.

120. Илий, С.К. Борьба с коррупцией в России: состояние, динамика и тенденции [Текст] / С.К. Илий // Противодействие терроризму. Проблемы XXI века – Counter–terrorism. – 2016. – №1. – С. 32–40.

121. Илий, С.К. Нормативное определение перечней преступлений и других правонарушений коррупционной направленности [Текст] / С.К. Илий // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – 2010. – №6. – С. 39–40.

122. Каменский, Н.А. Вопросы разграничения коррупционных преступлений в коммерческих и иных организациях с преступлениями против государственной или муниципальной службы [Текст] / Н.А. Каменский // Вестник Тамбовского ун–та. Серия: Гуманитарные науки. – 2012. – №12. – С. 517–522.

123. Капинус, О.С. Современные проблемы противодействия коррупции [Текст] / О.С. Капинус // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – 2015. – №3 (47). – С. 3–11.

124. Касьянов, В.С. Коррупция и борьба с ней в Советской России [Текст] / В.С. Касьянов // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2014. – №4. – С. 16–25.

125. Кепин, А.Л. К вопросу о понятии и сущности коррупции [Текст] / А.Л. Кепин // Научный поиск курсантов: сборник материалов

Международной научной конференции. – Могилев: Могилевский институт МВД, 2020. – С. 64–76.

126. Колоколов, Н.А. Bribery Act 2010: удар по взяткодателю [Текст] / Н.А. Колоколов, Д.В. Мазаев // Уголовное судопроизводство. – 2012. – №1. – С. 2–7.

127. Крастев, И. Когда «хочется» не означает «можно». История создания Вашингтонского консенсуса по коррупции [Текст] / И. Крастев // Прогнозис. – 2007. – №2. – С. 227–248.

128. Кузнецов, Н.Ф. Коррупция в системе уголовных преступлений [Текст] / Н.Ф. Кузнецов // Вестник МГУ. – Серия 11: Право. – 1993. – №1. – С. 21–26.

129. Купрещенко, Н.П. Влияние коррупции на экономические отношения в Российской Федерации / Н.П. Купрещенко // Налоги (журнал). – 2008. – Январь. Спец. выпуск.

130. Макаров, А.В. Коррупция: опыт успешной борьбы Китая и реальность современной России [Текст] / А.В. Макаров // Государственная власть и местное самоуправление. – 2012. – №3. – С. 13–21.

131. Максимов, С.В. Уголовно–правовая борьба с коррупцией в России и мире [Текст] / С.В. Максимов // Уголовное право. Актуальные проблемы теории и практики: сборник очерков / Под ред. В.В. Лунеева. – М.: Изд–во «Юрайт», 2010. – С. 779–798.

132. Маршакова, Н.Н. Понятие коррупции в международно–правовых актах [Текст] / Н.Н. Маршакова // Российская юстиция. – 2010. – №11. – С. 67–71.

133. Мирзоев, А.К. Коррупсия дар соҳаи маорифи Тоҷикистон: чораҳои муосири пешгирӣ (ҷанбаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ) [Матн] / А.К. Мирзоев // Майдони ҳуқуқии иқтисоди муосир. – 2018. – №2. – С. 34–42.

134. Могилатов, В.В. Криминологический анализ детерминантов взяточничества [Текст] / В.В. Могилатов // Аллея науки (научно–практический электронный журнал). – 2019. – №6 (33). – С. 309–213.

135. Муссов, М.Г. О понятии «коррупционное преступление в сфере экономики» [Текст] / М.Г. Муссов // Российский следователь. – 2010. – №16. – С. 28–29.
136. Мясищева, Я.Ю. Современное понятие коррупции в РФ [Текст] / Я.Ю. Мясищева // Проблемы современных интеграционных процессов и пути их решения: сборник статей Международной научно–практической конференции. – Уфа, 2019. – С. 179–182.
137. Назаров, А.К. Сущность преступления против интересов службы в коммерческих организациях, а также некоммерческих организациях [Текст] / А.К. Назаров // Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности: материалы Международной научно–теоретической конференции. – Душанбе, 2016. – С. 305–310.
138. Назаров, А.К. Уголовно–правовая характеристика коммерческого подкупа [Текст] / А.К. Назаров // Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности: материалы Международной научно–теоретической конференции. – Душанбе, 2016. – С. 240–245.
139. Некоторые аспекты международно–правового сотрудничества государств–членов Совета Европы в области борьбы с коррупцией [Текст] // Журнал российского права. – 2000. – №7. – С. 65–73.
140. Нурализода, В. Некоторые вопросы борьбы с получением взятки в Республике Таджикистан [Текст] / В. Нурализода // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2018. – №4 (51). – С. 132–133.
141. Нурализода, В., Чихладзе, Л.Т., Грудцына, Л.Ю. Зарубежный опыт борьбы со взяточничеством и перспективы его применения в Республике Таджикистан [Текст] / В. Нурализода, Л.Т. Чихладзе, Л.Ю. Грудцына // Образование и право. – 2018. – №12. – С. 321–326.
142. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021).

143. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 январи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 11.12.2020).

144. Прозументов, Л.М., Шеслер, А.В. Общесоциальные детерминанты преступности [Текст] / Л.М. Прозументов, А.В. Шеслер // Всероссийский криминологический журнал. – 2018. – Т. 12. – №1. – С. 5–14.

145. Раҳмонов, Э.Ш. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон: маърӯза дар ҷамомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80–солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Народная газета. – 2005. – №1.

146. Репецкая, А.Л. Современное состояние, структура и тенденции российской преступности [Текст] / А.Л. Репецкая // Вестник Омского ун–та. Серия: Право. – 2018. – №1 (54). – С. 151–156.

147. Ровнейко, В.В. Проблемы криминализации незаконного обогащения. – Текст: непосредственный / В.В. Ровнейко // Вестник удмуртского университета. Серия: Экономика и право. – 2020. – С. 105–112.

148. Россия и коррупция: кто кого? [Текст] // Российская газета. – 1998. – 19 февраля.

149. Румянцева, Ю.Н., Середа, И.М. К вопросу противодействия должностным злоупотреблениям в России и Франции: основные результаты [Текст] / Ю.Н. Румянцева, И.М. Середа // Сибирский юридический вестник. – 2017. – №4. – С. 101–106.

150. Сафаров, А.И. Коррупционное преступление в сфере предпринимательской деятельности [Текст] / А.И. Сафаров // Взаимосвязь правоохранительных органов Таджикистана в борьбе

против коррупции: сборник научных трудов Республиканской научно–практической конференции (г. Душанбе, 17 апреля 2014 г.). – Душанбе: Академия МВД, 2014. – С. 43–49.
151. Сафаров, А.И., Авзалов, А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – №3. – С. 174–183.
152. Синчурин, О.В. Детерминанты коррупционной должностной преступности в сфере государственных закупок [Текст] / О.В. Синчурин // Социальная интеграция и развитие этнокультур в Евразийском пространстве. – 2019. – №8. – С. 227–239.
153. Солиев, К.Х. Единство и взаимосвязь законодательного регулирования борьбы с преступностью: функциональные и социально–политические основы [Текст] / К.Х. Солиев // Труды Высшей школы МВД РТ. – 1998. – Вып. 1. – С. 116–128.
154. Солиев, К.Х. Представитель власти в уголовном праве: проблемы определения понятия [Текст] / К.Х. Солиев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2009. – Вып. 12. – С. 25–32.
155. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10–солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз 10–уми январи соли 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/13831 (санаи мурочиат: 16.05.2020).
156. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик, 10 ноябри соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ node/18876 (санаи мурочиат: 15.05.2021).
157. Тищенко, А.В. Отношение к правоохранительным органам в общественном сознании: состояние и основные факторы [Текст] / А.В.

Тищенко // Вестник Адыгейского гос. ун–та. Серия 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2019. – №2 (239). – С. 153–155.

158. Христюк, А.А. Причины латентной организованной преступности [Текст] / А.А. Христюк // Известия Иркутской государственной экономической академии. – 2006. – №6. – С. 97–99.

159. Цоколов, И.А. Проблемы уголовного преследования лиц, совершивших коррупионные преступления. К вопросу об оптимизации понятия «коррупционное преступление» [Текст] / И.А. Цоколов // Российский следователь. – 2011. – №5. – С. 13–17.

160. Шарипов, Т.Ш., Бахриддинов, С.Э. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия: проблема ва мулоҳиза [Матн] / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахриддинов // Борьба с коррупцией – веление времени: материалы Республиканской научно–практической конференции (г. Душанбе, 26 января 2007 г.). – Душанбе, 2007. – С. 35–39.

161. Шестаков, Д.А. К Стратегии национальной безопасности Российской Федерации [Текст] / Д.А. Шестаков // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2016. – №4 (43). – С. 22–28.

162. Юзиханова, Э.Г. Поиск и анализ причин преступности [Текст] / Э.Г. Юзиханова // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2017. – №4 (42). – С. 16–22.

163. The Global Programme against Corruption of United Nations Office on Drugs and Crime // UN Anti–Corruprion Toolkit. – Vienna, 2004. – №9. – P. 26–32.

164. World Bank, Anticorruption in Transition // A Contribution to the Policy Debate. – Washington, 2000. – P. 65–67.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо:


165. Абдиев, К.М. Понятие коррупции и система уголовно–правовых средств борьбы с ними [Текст]: автореф. дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Абдиев Кубанычбек Мукарамович. – М., 1995. – 68 с.
166. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование [Текст]: дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.
167. Азимов, Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Текст]: дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Азимов Назир Бозорович. – М., 2013. – 441 с.
168. Астанин, В.В. Коррупция и борьба с ней в России второй половины XVI–XX вв. (криминологическое исследование) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Астанин Виктор Викторович. – М., 2015. – 209 с.
169. Богуш, Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Богуш Глеб Ильич. – М., 2004. – 186 с.
170. Газимзянов, Р.Р. Коррупционная преступность в Республике Татарстан на рубеже веков (криминологическое исследование) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Газимзянов Ренат Рахимзянович. – Н. Новгород, 2005. – 215 с.
171. Головко, С.А. Противодействие коррупционной преступности в России: ретроспектива, современность и перспектива [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Головко Сергей Александрович. – Тюмень, 2006. – 54 с.
172. Крапивина, О.Н. Приобретение или сбыт имущества, заведомо добытого преступным путем: сравнительно–правовое, уголовно–правовое, уголовно–политическое и криминологическое исследование [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Крапивина Ольга Николаевна. – Москва, 2008. – 88 с.

173. Мещерский, А.С. Уголовно–правовые аспекты получения взятки как наиболее опасного проявления коррупции [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мещерский Алексей Сергеевич. – СПб., 2002. – 208 с.
174. Мизерий, А.И. Уголовно–правовые и криминологические аспекты борьбы с коррупцией в органах власти [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мизерий Александр Иванович. – Н. Новгород, 2000. – 210 с.
175. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст]: дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.01 / Муллаев Мансур Муллоевич. – Душанбе, 1968. – 127 с.
176. Мусаев, А.М. Организованная экономическая преступность: по материалам Республики Дагестан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мусаев Абдурахман Мусоевич. – Махачкала, 2003. – 162 с.
177. Нурализода, В. Уголовная ответственность за взяточничество в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Нурализода Вайсиддин. – М., 2019. – 186 с.
178. Сафаров, А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Сафаров Анвар Исломович. – М., 2011. – 229 с.
179. Умаров, Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно–правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Умаров Хайём Амиршоевич. – Москва, 2008. – 179 с.

### V. Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]

180. Григорьев, В.А., Дорошин, В.В. Коррупционное преступление: понятие, признаки, виды [Электронный ресурс] / В.А. Григорьев, В.В. Дорошин. – Режим доступа: URL: http://www.lawmix.ru/comm/2042 (дата обращения: 20.03.2015).

181. Декрет ВЦИК, СНК РСФСР от 10 ноября 1917 г. «Об уничтожении сословий и гражданских чинов» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http:// www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2020).
182. Декрет СНК РСФСР от 21 декабря 1922 г. «Временные правила о службе в государственных учреждениях и предприятиях» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
183. Декрет СНК РСФСР от 31 октября 1918 г. «Положение о социальном обеспечении трудящихся» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http:// www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
184. Декрет СНК РСФСР от 8 мая 1918 г. «О взяточничестве» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
185. Директори иҷроияи UNODC Антонио Мария Коста. Конфронси давлатҳои аъзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи коррупсия Нуса Дуа, Бали, Индонезия, 28 январи соли 2008 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.unodc.org/unodc/en/about–unodc/speeches/2008–01– 28.html (Тарҷумаи муаллиф) (санаи муроҷиат: 9.03.2020).
186. Индекси байналмилалии дарки коррупсия соли [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.transparency.org/en/cpi/2017 /index/tjk (санаи муроҷиат: 16.05.2020).
187. Индекси байналмилалии дарки коррупсия соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.transparency.org/en/cpi/2016 /index/tjk (санаи муроҷиат: 18.09.2020).
188. Индекси байналмилалии дарки коррупсия соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.transparency.org/en/cpi/2018 /index/tjk (санаи муроҷиат: 10.06.2020).

189. Индекси байналмилалии дарки коррупсия соли 2020 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.transparency.org/en/cpi/2020 /index/tjk (санаи муроҷиат: 1.10.2020).
190. Конфронси байналмилалии мубориза бо коррупсия. Мо кистем [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://iacconference.org/en/about/about_iacc (санаи муроҷиат: 1.10.2020).
191. Коррупсия: Wikileaks [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://wikileaks.org/w/index.php?title=Special%3ASearch&search=corrupt &go=Go (санаи муроҷиат: 1.10.2020).
192. Нишасти матбуотӣ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.tvt.tj/sulaymon–sultonzoda–az–1218–kholatkhoi–oshkorshudai–korrupsioni–482–adadi–ba–gurukhi–chinoyatkhoi (санаи муроҷиат: 05.01.2021).
193. Постановление ВЦИК от 7 июля 1923 г. «Положение о дисциплинарных судах» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index. htm (дата обращения: 18.10.2019).
194. Постановление ВЦИК, СНК РСФСР от 20 марта 1932 г. «О дисциплинарной ответственности в порядке подчиненности» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
195. Таърихи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/ta–rikh (санаи муроҷиат: 10.02.2019).
196. Ҳамкории мутақобила омили асосии паст намудани сатҳи коррупсия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://anti corruption .tj/index.php/tj/fa–oliyati–ma–omot/amkori–oiagenti/445–amkorii–muta–obila–omili–asosii–past–namudani–sat–i–korrupsiya (санаи муроҷиат: 15.06.2019).

197. Циркуляр Наркомюста РСФСР от 9 октября 1922 г., №97 «Об объеме понятия взятки» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www. libussr.ru/index.htm (дата обращения: 18.10.2019).
198. ACRC Korea, Annual Report 2019 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.acrc.go.kr/en/board.do?command=searchDetail& method (дата обращения: 18.10.2019).

## VI. Маводҳои бойгонӣ

199. ЦГАОР Таджикской ССР. – Ф. 10. – Оп. 1. – Д. 26. – Л. 88–100.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ
### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1–М].** Шарипов, Ш.М. Некоторые меры по усилению борьбы с преступностью в сфере экономики и коррупции (взяточничества) для развития предпринимательской деятельности в Таджикистане [Текст] / Ш.М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои таърих ва ҳуқуқ. – 2013. – №4 (53). – С. 256–259; ISSN 2707–9996.

**[2–М].** Шарипов, Ш.М. Антикоррупционные меры государства в регулировании рыночных отношений [Текст] / Ш.М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои таърих ва ҳуқуқ. – 2013. – №4 (53). – С. 259–263; ISSN 2707–9996.

**[3–М].** Шарипов, Ш.М. Правовое регулирование вопросов противодействия коррупции в Таджикистане [Текст] / Ш.М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои ҳуқуқ. – 2013. – №3/3 (112). – С. 107–111; ISSN 2413–5151.

**[4–М].** Шарипов, Ш.М. Отражение некоторых статей Конвенции ООН в правовой системе Таджикистана [Текст] / Ш.М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои ҳуқуқ. – 2013. – №3/5 (118). – С. 107–111; ISSN 2413–5151.

**[5–М].** Шарифзода, Ш.М. Муқовимат бо коррупсия – яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ–амалӣ). Бахши илмҳои ҳуқуқ. – 2021. – №3 (23). – С. 96–105; ISSN 2414–9217.

**[6–М].** Шарифзода, Ш.М. Мушкилотҳои танзими ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои ҳуқуқ. – 2021. – №4 (52). – С. 188–197; ISSN 2412–141X.

**[7–М].** Шарифзода, Ш.М. Муқовимат бо коррупсия дар замони Шурави [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои ҳуқуқ. – 2022. – №2 (54). – С. 130–136; ISSN 2412–141X.

**[8–М].** Саидзода Ш. Н. Шарифзода Ш.М. Муқовимат ба коррупсия ва асосҳои ҳуқуқии он [Матн] /Ш.Н. Саидзода, Ш.М. Шарифзода// //Қонунгузорӣ.–2022.– №3(47).С.50–58. ISSN 2077–8325.

**[9–М].** Шарифзода Ш.М. Саидзода Ш.Н. Коррупсия – сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда [Матн] / Ш.М. Шарифзода, Ш.Н. Саидзода// //Қонунгузорӣ. – 2022. –№4(48) С. 70–80. ISSN 2077–8325.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:

**[10–М].** Шарифов, Ш.М. Пешгирии коррупсия аз самтҳои афзалиятнок ва дурнамои фаъолияти мақомоти давлатӣ [Матн] / Ш.М. Шарифов // Маводҳои конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назарявӣ дар мавзуи «Дар фаросӯйи «Инсон ва қонун», Пайки Истиқлол, 20–солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон». – ш. Душанбе: Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. – С. 98–121.

**[11–М].** Шарифзода, Ш.М. Прокуратура – кафили таъмини меъёрҳои Конститутсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Маводҳои конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назарявӣ дар мавзуи «20–солагии амали Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Нақши ҷавонон ҳамчун пойдории ҷомеа ва ҳуқуқи инсон дар он». – ш. Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2014. – С. 288–295.

**[12–М].** Шарифзода, Ш.М. Масъалаҳои ҷинояткорӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ–назарявӣ дар мавзуи «Масалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» – ш. Душанбе: ДМТ, 25 ноябри соли 2016. – С. 142–149.

**[13–М].** Шарифзода, Ш.М. Таъсири коррупсия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Маводҳои конфиренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Роҳҳо ва натиҷаҳои он». – ш. Душанбе: ДМТ, 7 декабри соли 2019. – С. 63–69.

# ЗАМИМАҲОИ ҶАДВАЛҲОИ ТАҲЛИЛҲОИ ОММОРӢ

**Ҷадвали 1**




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷиноятҳои коррупсионӣ ва и.х.к | 1101 | 1179 | 1306 | 1326 | 1445 | 1364 | 1362 |
| дигар ҷиноятҳо | 224 | 292 | 372 | 507 | 535 | 683 | 792 |

**Ҷадвали 2**




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷиноят | 336 | 298 | 363 | 438 | 441 | 353 | 355 |

**Ҷадвали 3**




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.246 | 13 | 37 | 72 | 43 | 88 | 138 | 95 |

**Ҷадвали 4**




| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.264 | 4 | 53 | 30 | 86 | 56 | 63 | 48 |
| м.265 | 23 | 52 | 32 | 77 | 90 | 112 | 88 |

## Чадвали 5



| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.319 | 70 | 99 | 95 | 56 | 58 | 66 | 48 |
| м.320 | 11 | 8 | 7 | 9 | 5 | 12 | 8 |

## Чадвали 6



| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.279 | 6 | 14 | 17 | 8 | 17 | 17 | 19 |
| м.324 | 36 | 29 | 22 | 14 | 24 | 24 | 32 |
| м.325 | 2 | 0 | 1 | 1 | 0 | 1 | 1 |

## Чадвали 7



| | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м.291 | 0 | 1 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 |
| м.292 | 26 | 38 | 40 | 31 | 21 | 20 | 16 |
| м.293 | 11 | 3 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |